# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

№1 (108)
ЯНВАР-МАРТ
2025





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Пешвои миллат муҳтарам
Эмомалӣ Раҳмон

*Дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад:*

*Якум, такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ.*

*Дуюм, то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот.*

*Сеюм, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ.*

*Чорум, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ.*

*Панҷум, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ.*

*Шашум, андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот.*

*Ҳафтум, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ.*

# ДАР ИН ШУМОРА:


3 ПРЕЗИДЕНТ
МО БА ҲУНАРУ ИСТЕЪДОД, КӮШИШУ ҒАЙРАТ, ҚОБИЛИЯТИ ТАШКИЛОТЧИГӢ ВА МАҲОРАТУ КОРДОНИИ МОДАРОНУ БОНУВОНИ АЗИЗАМОН ТАҲСИН МЕХОНЕМ ВА БОВАР ДОРЕМ, КИ ОНҲО ДАР ОЯНДА ДАР ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТ ВА ҲУКУМАТИ МАМЛАКАТ, ПЕШРАФТИ ҶОМЕА ВА ОБОДИИ ВАТАНИ МАҲБУБАМОН САҲМИ БОЗ ҲАМ БЕШТАР МЕГУЗОРАНД.





18 ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТ
ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИ МИЛЛИАМОН САҲМИ БОСАЗО ГУЗОРЕМ





24 ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТ
НАТИҶАГИРИИ ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ СУҒУРТА ДАР СОЛИ 2024

17 ҶАЛАСАИ ШӮРОИ МИЛЛИИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

58 НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

60 ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ: НОИЛШАВӢ БА САТҲИ МАҚСАДНОКИ ПЕШБИНИШУДА ДАР ҶАНБАИ ДАСТРАСӢ БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МОЛИЯВӢ

13 РӮЙДОДИ МУҲИМ
"ЁДДОШТИ ТАФОҲУМ ДАР САМТИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВИИ АҲОЛӢ"

16 "ДАСТГИРИИ РУШДИ РАҚАМӢ ВА ИННОВАТСИОНИИ БАХШИ МОЛИЯВӢ"

# ДАР ИН ШУМОРА:




48 КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – МЕҲВАР ВА ОИНАИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ





38 НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ПУЛ ДАР ҶАҲОН





31 ЗАРУРАТИ ТАЪСИСДИҲИИ АГЕНТИИ МИЛЛИИ РАДДАБАНДӢ

66 ТАНГАҲОИ ХОТИРАВӢ ВА ҶАШНИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

62 ФЕСТИВАЛҲОИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ БА РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТ ВА АФЗОИШИ САТҲИ НЕКӮАҲВОЛИИ АҲОЛӢ МУСОИДАТ МЕНАМОЯНД

68 ҲИСОБОТИ БОНКҲО ВА ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025



**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
1 (108) ЯНВАР-МАРТ, 2025

тел: +992 (44) 600- 32- 49
факс: +992 (44) 600- 32- 49

**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 38/1
e-mail: majalla@nbt. tj

**РАИСИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**
Ф. Толибзода

Аъзои Шурои машваратӣ:
Н. Ҳикматуллозода,
Д.Муродализода,
Қ. Хушвахтзода,
Ш. Хайрзода,
Т. Ҳақназаров,
М. Ҳасанова

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: М. Ҳасанова

Кормандон:
М. Умадуллоева,
Ҳ. Муҷебуллоев.

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи қайд: №259/МҶ- 97, аз 29 августи 2022 с.

Маҷалла ба хотири таъмини гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 800 нусха.
Дар матбааи
ҶДММ "Орбита" чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Чехов, 1/1, 17.



**Мо ба ҳунару истеъдод, кӯшишу ғайрат, қобилияти ташкилотчигӣ ва маҳорату кордонии модарону бонувони азизамон таҳсин механем ва бовар дорем, ки онҳо дар оянда дар татбиқи сиёсати давлат ва Ҳукумати мамлакат, пешрафти ҷомеа ва ободии Ватани маҳбубамон саҳми боз ҳам бештар мегузоранд.**

Аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар
07.03.2025, шаҳри Душанбе

Модарону бонувони муҳтарам ва хоҳарону духтарони меҳрубон!

Мулоқоти идонаи мо ба ифтихори Рӯзи модар дар оғози фасли зебои баҳор, эҳёи тамоми мавҷудоти табиат ва арафаи таҷлили ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ баргузор мегардад.

Дар оғози баҳор таҷлил гардидани ҷашни модарон рамзи басо неки ба ҳам омадани ду неруи бузурги зиндагиофар ва ҳастисоз – модар ва табиат мебошад.

Зан – модар рамзи оғози зиндагӣ, намунаи зебоиву меҳрубонӣ ва хуррамиву шукуфоии ҳаёти башар, яъне фарзандоне мебошад, ки онҳоро худ ба дунё овардааст.

Тамоми модарону бонувони арҷманд, хоҳарону духтарони азизи кишвар ва ҳамаи шумо – ҳозирини гиромиро ба ифтихори ҷашни фархундаи Рӯзи модар самимона ва сидқан табрик мегӯям.

Ба хонадони ҳар яки шумо ва мардуми шарифи Тоҷикистон, кулли ҳамватанони бурунмарзӣ, пеш аз ҳама, саломативу хушбахтӣ ва рӯзгори осуда орзу менамоям.

Ҳамчунин, иброз медорам, ки бо шукӯҳу шаҳомат ва бо камоли қадршиносӣ таҷлил намудани ин



**Нақши зан – модари тоҷик дар тарбияи фарзандони соҳибмаърифату соҳибкасб, рушди маънавии оила ва ҷомеа, инчунин, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ободиву пешрафти давлати тоҷикон бисёр арзишманд мебошад.**

чашн нишонаи эътибору эҳтироми хоссаи давлату Ҳукумати мамлакат нисбат ба модарону бонувони азиз мебошад.

Дар урфият мегӯянд, ки зани соҳибмаърифату боиффат гавҳар ва зани ҳунарманду кадбонуи сариштакор ганҷина аст.

Ба ин маънӣ, модарону бонувон хазинаи бебаҳое мебошанд, ки тамоми меҳру муҳаббат ва умри азизи худро дар роҳи тарбияи фарзандони солиму солеҳ, босаводу соҳибмаърифат, хушахлоқу боадаб, ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо ва сариштаи рӯзгор сарф месозанд.

Орзуи ҳар зан дар зиндагӣ ҳамин аст, ки фарзанд ба дунё овардану модар шудан насибаш гардад.

Яъне модар мавҷудест, ки офаранда аст, фарзанд меофарад, барои тифли навзоди худ, ки ҳанӯз як мавҷуди нотавон аст, 18 – 19 сол заҳмат кашида, ӯро ба як инсони неруманду тавоно табдил медиҳад ва то зинда аст, ҳозир аст, ки ҳастии хешро фидои фарзандаш созад.

Маҳз ба ҳамин хотир аст, ки модарро «фариштаи меҳр», «олиҳаи покӣ» ва «мавҷуди муқаддас» меноманд.

Яке аз шахсиятҳои барҷастаи илми ҷаҳонӣ Алберт Эйнштейн гуфтааст, ки танҳо муҳаббати модар ба фарзандаш муҳаббати ҳақиқӣ ва беғараз мебошад.

Ҳамин аст, ки бузургони гузашта ҷойгоҳи маънавии биҳиштро дар зери қадамҳои модарон донистаанд, яъне эҳтироми модар ва хизмат ба ӯ роҳ ба сӯи хушбахтӣ ва биҳишт аст.

Аз Расули акрам ҳадис аст, ки ҷавоне назди ӯ меояд ва иброз медорад, ки гуноҳе кардааст ва чӣ бояд кунад, ки гуноҳаш бахшида шавад.

Паёмбар ба ӯ мегӯяд: Модар дорӣ? Мегӯяд, на! Хоҳар дорӣ? Мегӯяд, надорам.

Мегӯяд: Пас, бирав назди зани ҳамсоя, агар ӯ туро бубахшад, пас Худованд низ хоҳад бахшид.

Тавре аз ин ҳадиси Расули Худо мебинем, қадру манзалати зан – модар дар дини мубини ислом ҷойгоҳи басо баланду муътабар дорад.

Чунки тамоми нобиғаҳову бузургони илму ирфон, сиёсатмадорону арбобони давлатӣ ва шахсиятҳои барҷастаи таърихи башар, аз ҷумла Пайғамбари ислом – Ҳазрати Муҳаммад ва пайравони ӯро модар ба дунё овардаву ба камол расонидааст.

Нақши зан – модари тоҷик дар тарбияи фарзандони соҳибмаърифату соҳибкасб, рушди маънавии оила ва ҷомеа, инчунин, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ободиву пешрафти давлати тоҷикон бисёр арзишманд мебошад.

Ман нақши модарону бонувони тоҷикро аз оғози фаъолияти сиёсии худ то имрӯз бениҳоят баланд арзёбӣ менамоям.

Зеро онҳо аз рӯзҳои аввал сиёсати пешгирифтаи Роҳбари давлатро дар барқарорсозии сулҳ, сарҷамъ намудани мардуми тоҷик, ҳифзи истиқлолу озодӣ ва дигар масъалаҳои давлатдорӣ на фақат самимона дастгирӣ намуданд, балки барои амалӣ гардидани ҳадафҳоидавлати тозаистиқлоли тоҷикон кумак ва саъю талошҳои зиёд карданд.

Занону бонувони муосири тоҷик аз насли занони қаҳрамону ватандӯсти орийӣ мебошанд ва озодиву



> **Мо ба масъалаи мунтазам беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоии занону бонувон таваҷҷуҳи хосса медиҳем ва ташаббусҳои созандаи онҳоро пайваста дастгирӣ карда, барои амалӣ гардидани иқдомҳои неку наҷибашон шароиту имкониятҳои мусоид муҳайё менамоем.**

иззату иффати аҷдодии худро дар шароит ва рӯзгори нав ҳифз кардаанд.

Зане, ки босавод ва соҳибмаърифату соҳибҳунар мебошад, илова ба тарбияи фарзанд, дар пешбурди ҳадафҳои давлат, ободии Ватан ва раванди созандагӣ фаъолона ширкат меварзад ва дар эъмори ҷомеаи демокративу дунявӣ ва озоду пешрафта саҳми арзишманд мегузорад.

Зан – модар ин саҳмро бевосита худаш дар замони зиндагӣ ва кору фаъолияташ ва баъдан ба воситаи фарзандонаш, ки онҳоро ҳамчун насли босаводу донишманд ва соҳиби касбу ҳунар ба камол расонидааст, мегузорад.

Бо дарназардошти нақши офарандаву созандаи занону модарон ва бонувону духтарони гиромӣ давлат ва Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз оғози давраи соҳибистиқлолӣ масъалаи баланд бардоштани мақоми онҳоро дар ҷомеа аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ эълон намуд.

Ҳамаи шумо – ҳозирини гиромӣ, хуб медонед, ки масъалаҳои баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа ва бо шуғли пурмаҳсул фаро гирифтани онҳо дар мулоқоту вохӯриҳо, паёмҳо ва дигар суханрониҳои Роҳбари давлат ҳамеша таъкид карда мешаванд.

Фаъолияти пурсамари занону бонувон ба ҳайси аъзои Ҳукумат, вакилони мақоми олии қонунгузор, роҳбарони сохторҳои назди Президент ва Ҳукумати мамлакат, хизматчиёни давлатии мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ, соҳаи бонкдорӣ ва соҳибкорони муваффақ равшан гувоҳӣ медиҳад, ки сиёсати давлати Тоҷикистон дар самти дастгирии занон ва ғамхорӣ нисбат ба онҳо самараҳои нек ба бор овардаистодааст.

Чанд рӯз пеш дар кишвар интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагон, яъне мақоми олии қонунгузори мамлакат ва маҷлисҳои маҳаллӣ дар фазои орому осуда баргузор гардид.

Дар ин чорабинии муҳимми сиёсӣ модарону занон ва бонувону духтарони азиз фаъолона иштирок



> Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти саҳми муассири занону бонувон дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии давлату ҷомеа, масъалаи таъмин намудани ҳуқуқу манфиатҳои занону модаронро дар меҳвари сиёсати худ қарор додааст.

карданд, ки ба ҳамаи онҳосипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Қобили зикр аст, ки 18 нафар занону бонувон ҳамчун вакили Маҷлиси намояндагон ва 747 нафар ба маҷлисҳои маҳаллӣ интихоб шуданд, ки нисбат ба интихоботи гузашта зиёд ва боиси ифтихор мебошад.

Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти саҳми муассири занону бонувон дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии давлату ҷомеа, масъалаи таъмин намудани ҳуқуқу манфиатҳои занону модаронро дар меҳвари сиёсати худ қарор додааст.

Мо ба масъалаи мунтазам беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоии занону бонувон таваҷҷуҳи хосса медиҳем ва ташаббусҳои созандаи онҳоро пайваста дастгирӣ карда, барои амалӣ гардидани иқдомҳои неку наҷибашон шароиту имкониятҳои мусоид муҳайё менамоем.

Аз ҷумла тибқи вазифаҳои дар паёмҳои Роҳбари давлат гузоштташуда танҳо дар чор соли охир чор санади муҳим қабул карда шуд, ки ҳоло амалӣ гардида истодааст.

Ҳадафи асосии санадҳои зикршуда фароҳам овардани шароиту имкониятҳои зарурӣ барои истифодаи пурраи қобилияти занон дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани маърифати оиладорӣ, мусоидат ба пойдории оила ва ба ин васила таъмин намудани рушди устувори ҷомеа мебошад.

Ҳукумати мамлакат бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, яъне аз ҳисоби занону духтарони болаёқат то ба 30 фоиз расонидани шумораи хизматчиёни давлатӣ ва то ба 25 фоиз расонидани шумораи кадрҳои роҳбарикунанда тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст.

Имрӯз бо ифтихору қаноатмандӣ метавонем изҳор намоем, ки занони тоҷик дар баробари сиёсатмадор, вакил, омӯзгору табиб, муҳандису энергетик ва варзишгар буданашон, ҳамчун олиму ихтироъкор, ҳунарманду эҷодкор, хоҷагидору соҳибкор ва хизматчии ҳарбиву корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шинохта шудаанд.

Танҳо дар солҳои 2020 – 2024 дар натиҷаи дастгириҳои бевоситаи Ҳукумати мамлакат 121 нафар бонувону занони болаёқат ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин гардидаанд.



Дар ҳамон давра занони маълумоти олидор дар баъзе минтақаҳо умуман набуданд ё ангуштшумор, яъне бениҳоят кам буданд.

Ҳоло дар бисёр муассисаҳои таҳсилоти умумӣ беш аз 80 фоизи омӯзгорон бонувон мебошанд…

***Шумораи умумии кормандони низоми бонкии кишвар ҳоло 21 ҳазор нафар мебошад, ки 8,5 ҳазор нафар ё 41 фоизи онҳоро занон ташкил медиҳанд.***

***Аз 362 ҳазор нафар соҳибкорони инфиродӣ 110 ҳазор нафарро занон ташкил медиҳанд, ки нисбат ба соли гузашта беш аз 18 ҳазор нафар зиёд мебошад.***

***Аз 180 ҳазор нафар роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ 53 ҳазор нафари онҳоро занон ташкил медиҳанд.***

***Дар робита ба ин, хотирнишон менамоям, ки ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок ва грантҳо яке аз василаҳои баланд бардоштани имкониятҳои иқтисодии занон ва оилаҳо ба ҳисоб меравад ва мо ба ин масъала эътибори доимӣ ва ҷиддӣ медиҳем.***

***Тайи даҳ соли охир, яъне солҳои 2015 – 2024 барои дастгирии соҳибкории занон аз ҷониби ташкилотҳои қарзии мамлакат 27 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, ки беш аз 6 миллиард сомонии он танҳо ба соли 2024 рост меояд.***

***Илова бар ин, дар ин давра барои дастгирии фаъолияти соҳибкории занон 24 миллион сомонӣ грантҳои президентӣ ҷудо карда шудаанд.***

***Ҷиҳати харҷи бештар ба шуғл фаро гирифтан ва дастгирии минбаъдаи фаъолияти соҳибкориву ҳунармандии занону бонувон, ҷалб ва ҳавасмандгардонии ҳамаҷонибаи онҳо ба истеҳсоли маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ ва косибӣ супориш медиҳам, ки аз соли 2025, ҳаҷми грантҳои президентӣ 3 баробар зиёд карда, ба 15 миллион сомонӣ расонида шавад.***

Бо вуҷуди ин, ба Агентии хизмати давлатии назди Президент, Кумитаи кор бо занон ва оила, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, супориш дода мешавад, ки ҷиҳатибоз ҳам бештар бавазифаҳои роҳбарикунанда омода ва пешбарӣкардани бонувону духтарони боистеъдоду соҳибкасб чораҷӯйӣ намоянд.

Ҳозирини гиромӣ!

Дар паёми навбатии худ изҳор намудам, ки мо ба азму ирода ва масъулиятшиносии бонувону духтарони тоҷик, яъне ин неруи бузурги ҷомеа эътимоди комил дорем ва онҳоро ҳамаҷониба дастгирӣ менамоем.

Занону духтарон нисфи аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд ва дар ҳақиқат қувваи бузурги эъмори ҷомеаи озоду пешрафта дар мамлакат мебошанд.

Ҳоло дар кишвар 25 фоизи хизматчиёни давлатӣ, 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 71 фоизи кормандони соҳаи тиб, 47 фоизи кормандони соҳаи фарҳанг, 37 фоизи олимон ва 30 фоизи соҳибкоронро занон ташкил медиҳанд.

Солҳое, ки ман дар мактаби миёна мехондам, ҳамагӣ 3 – 4 бонуи омӯзгор дар мактаби мо кор мекард.

Ё баъдтар дар хоҷагӣ кор кардам, вазъият аз ин ҳам бадтар буд.

Таҳлили лоиҳаҳои аз ҷониби занону бонувони тоҷик амалигардида нишон медиҳад, ки онҳо дар самти таъсиси коргоҳҳои хурд, эҳё ва рушди ҳунарҳои миллӣ малакаи баланд ва таҷрибаи зиёд доранд.

Ҳамчунин, ҳиссаи занону бонувони соҳибкор дар бунёд кардану ба роҳ мондани фаъолияти марказҳои хизматрасониву тиҷоратӣ, иншооти истеҳсоливу



рӯзҳои таърихи давлат ва халқи Тоҷикистон ва дар сангинтарин лаҳзаҳои ҳаёти мардуми кишвар бо сабру тамкин ва ватандӯстиву садоқат такягоҳи боэътимод буданд ва ҳастанд.

Давлат ва Ҳукумати мамлакат аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ то имрӯз занону бонувонро неруи бузурги амалисозандаи ҳадафу нақшаҳои худ дар ҷодаи пешрафту ободии Ватан мешуморад.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки модарону бонувони муҳтарами мо минбаъд низ дар таълиму тарбияи фарзандони хушахлоқу соҳибмаърифат, татбиқи талаботу муқаррароти қонунҳои миллӣ «Дар бораи танзими ҷашну маросим» ва «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» саҳми арзишманди худро мегузоранд.

Дар ин раванд, пешгирӣ кардани бегонапарастӣ, аз ҷумла дар масъалаи сару либос ва расму ойинҳои барои мардуми мо бегона, саъю талоши боз ҳам бештар ба хотири таҳкими сулҳу субот дар ҷомеа, пешрафти давлат ва ободии Ватан аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми бонувону занони гиромии мо мебошанд.

Мо бояд аз истиқлолу озодие, ки дорем, ношукрӣ накунем.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва қудратҳои ҷаҳонӣ ба истиқлолу озодӣ, забон, фарҳанг ва суннату анъанаҳои мардумони кишварҳои дунё таҳдиди воқеӣ эҷод карда истодаанд.

Давлатҳо аз байн рафта, сокинони баъзе минтақаҳои оламро аз ватани таърихии онҳо берун карда истодаанд.

Ин масъала бисёр ҷиддӣ аст ва онро набояд нодида гирифт.

Шумо – модарону бонувони азиз ва духтарону хоҳарони меҳрубон, хуб мушоҳида мекунед, ки дар натиҷаи ба гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ шомил гардидани баъзе ҷавонони ноогоҳ чӣ қадар оилаҳо парешон, занону фарзандон овораву саргардон ва падару модарони онҳо дар назди ҷомеа сархам гардидаанд.

Онҳо бо амалҳои нангини худ, ҳамчунин, ба шаъну эътибори миллати тоҷик ва давлати тоҷикон иснод овარданд.

иҷтимоӣ ва дар ин замина таъсис додани ҷойҳои нави корӣ торафт назаррас гардида истодааст.

Яъне имрӯз соҳае нест, ки занону бонувон дар он фаъолият надошта бошанд.

Онҳо вазнинтарин корҳоро ба дӯш мегиранд ва ҳатто дар бунёди иншооти тақдирсози аср – неругоҳи барқи обии «Роғун» ҳоло беш аз ҳазор нафар занон баробари мардон заҳмат кашида истодаанд.

Дар робита ба ин, суханҳои яке аз сиёсатмадорони таъсиргузори дунё Маҳатма Ганди ба хотир мерасанд, ки гуфтааст: «Ҷойгоҳи зан танҳо дар хона нест.

Вай метавонад ҷаҳонро тағйир диҳад».

....Имрӯз аввалин нусхаҳои нашри пурраи «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ дар рӯзи ҷашни модарону бонувон ба шумо тақдим гардид.

Тақдим кардани ин шоҳасари ҷовидонӣ ба шумо бесабаб нест.

Модари тоҷик дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи миллат ҳазорон нафар родмардон, нобиғаҳову шахсиятҳои барҷастаи илму адаб ва қаҳрамонону паҳлавононро ба дунё овардаву ба камол расонидааст.

Дар адабиёти ғановатманди мо байти машҳуре ҳаст, ки мегӯяд:

Ҳар он кас, ки шаҳномахонӣ кунад,
Агар зан бувад, паҳлавонӣ кунад.

Ҳозирини гиромӣ!

Модарону бонувони тоҷик дар мушкилтарин




**Либосҳои зебову шинами миллии худамонро, ки дар ҳамаи давру замонҳо зинатбахши занону модарони тоҷик буданд ва ифодакунандаи ҳайсияту иффати онҳо махсуб меёфтанд, тарк накунед. Бахусус, дар фасли баҳор, аз ҳамин рӯзҳо сар карда, хурду бузург либоси миллӣ ба бар кунед ва ифтихор дошта бошед, ки атласу адрас ва чакани тоҷикии мо ҷаҳонӣ шудааст.**

Шумо метавонед дар амри пешгирӣ кардани чунин раванди номатлуб ва нанговар саҳми арзишманди модаронаи худро гузоред.

Либосҳои зебову шинами миллии худамонро, ки дар ҳамаи давру замонҳо зинатбахши занону модарони тоҷик буданд ва ифодакунандаи ҳайсияту иффати онҳо махсуб меёфтанд, тарк накунед.

Бахусус, дар фасли баҳор, аз ҳамин рӯзҳо сар карда, хурду бузург либоси миллӣ ба бар кунед ва ифтихор дошта бошед, ки атласу адрас ва чакани тоҷикии мо ҷаҳонӣ шудааст.

Мо ба нақши модарону занон дар рушди ҷомеа, пешрафти давлат, ободии Ватан, бунёди оилаи солиму хушбахт, тарбияи фарзандони солеҳ ва афзоиши шаъну эътибори ҳар як хонадони тоҷик ҳамеша арҷ мегузорем ва хизматҳои таърихии онҳоро доим гиромӣ медорем.

Мо ба ҳунару истеъдод, кӯшишу ғайрат, қобилияти ташкилотчигӣ ва маҳорату кордонии модарону бонувони азизамон таҳсин мехонем ва бовар дорем, ки онҳо дар оянда дар татбиқи сиёсати давлат ва Ҳукумати мамлакат, пешрафти ҷомеа ва ободии Ватани маҳбубамон саҳми боз ҳам бештар мегузоранд.

Шумо минбаъд низ ба хотири рушди ҳунарҳои мардумӣ ва ҳифз кардану ба духтарони худ омӯзонидани тарзи омода кардани таомҳои миллӣ бояд фаъол бошед ва дар ёд дошта бошед, ки қадбонугӣ низ ҳунар аст.

Фарзандони азиз – наврасону ҷавонон ва ҷавонмардон!

Шумо бояд ба қадри азамату бузургии падару модар, ки офаридгори мо дар ин дунё ва сабаби ҳастии мо мебошанд, бештар расед, онҳоро дӯст дореду эҳтиром кунед, хизматашонро ба ҷо овареду дуои некашонро гиред ва ҳамеша дар орзуи он бошед, ки падару модарон соябони сари мову шумо бошанд.

Мардуми мо беҳуда намегӯянд, ки падару модар дорӣ, давлату савлат дорӣ.

Дар ин бобат боз як ҳадиси Расули Худоро хотиррасон месозам: «Мард вақте ба зан ва модари худ бо меҳрубонӣ нигоҳ мекунад, Худованд барои ӯ савоби ҳаҷро менависад».

Шумо – модарону бонувони арҷманд ва хоҳарону духтарони азиз, кӯшиш намоед, ки неъмати бебаҳои зиндагии мардуми Тоҷикистон – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро мисли гавҳараки чашм



**Мо ҳурмату эҳтироми шири сафеди модар, ранҷу бедорхобиҳо ва навозишу меҳрубониҳои ӯро ҳамеша пос медорем ва заҳматеро, ки барои ба камол расонидани мо кашидааст, ҳаргиз фаромӯш намекунем.**

ҳифз карда, наслҳои наврасро дар ҳамин руҳия ба камол расонед.

Дар зеҳну шуури фарзандон ҳисси баланди миллӣ ва инсондӯстиро ҷой намоед, дар қалби онҳо шуълаи ватандӯстиву ватанпарастӣ ва садоқату муҳаббатро нисбат ба Ватан – Модар фурӯзон созед, то наврасону ҷавонони имрӯза номбардорони ояндаи ин Ватани маҳбуб ва хоки муқаддаси ниёгони хеш бошанд.

Дар фарҳанги чандинҳазорсолаи мо мафҳумҳои «ватан» ва «модар» бо ҳамдигар тавъаманд, ҳамсангу ҳаммаънои якдигаранд ва арзиши баробару баланд доранд.

Аз ин рӯ, дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани фарзандон маънои тарбия кардани онҳо дар руҳияи эҳтиром ба модарро дорад.

Тозаву озода нигоҳ доштани Ватан ва обод намудану эҳтиёт кардани он баробар ба эҳтирому эҳтиёт кардани модар аст.

Зеро бузургиву шаҳомат ва меҳрубониву муҳаббати модар нури тобанда ва ахтари равшанибахши ҳаёти инсоният мебошад.

Шумо – модарону бонувони азиз, дар хотир дошта бошед, ки мо – ҷавонмардон, яъне фарзандонатон шуморо сидқан дӯст медорем, гиромӣ медорем ва дар ҳаққи шумо ғамхорӣ карданро қарзи фарзандӣ, вазифаи ҷонӣ ва рисолати ҷавонмардии худ мешуморем.

Бо истифода аз фурсат, тамоми ҳамватанони азиз ва пеш аз ҳама, ҷавонону мардон ва фарзандонро даъват менамоям, ки модарони худро баробари ҷонатон дӯст доред, нисбат ба онҳо дар вақти зиндагиашон меҳрубону ғамхор бошед, иззату ҳурматашонро ҳамеша ва дар ҳама ҳолат ба ҷо оваред, ҳаргиз озорашон нарасонед, нигоҳи пур аз меҳру шафқат ва дасти кумаку ғамхориро аз онҳо дареғ надоред.

Фаромӯш накунед, ки мо агар тамоми умр бамодари худ хизмат кунем, ранҷи бедорхобии якшабаи ӯро ҷуброн карда наметавонем.

Ҳамчунин, дар ёд дошта бошед, ки модар на фақат дар рӯзҳои ҷашн, балки ҳамеша ба меҳрубониву ғамхорӣ эҳтиёҷ ва ҳақ дорад, чунки модар барои инсон ҳар рӯз ва ҳамеша модар аст.

Мо ҳурмату эҳтироми шири сафеди модар, ранҷу бедорхобиҳо ва навозишу меҳрубониҳои ӯро ҳамеша пос медорем ва заҳматеро, ки барои ба камол расонидани мо кашидааст, ҳаргиз фаромӯш намекунем.

Бори дигар кулли модарону бонувон ва духтарониазизи кишвар ва ҳамаи шумо – ҳозирини гиромироба муносибати ҷашни фархундаи баҳору зебоӣ ва садоқату муҳаббат, яъне Рӯзи модар самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо, пеш аз ҳама, саломатӣ, дар хонадонатон меҳру муҳаббат, хушбахтӣ ва рӯзгори ободу осуда орзу менамоям.

Рӯзи модар муборак бошад, модарону бонувон ва хоҳарону духтарони азиз!

**www.president.tj**

# АХБОРИ БОНКӢ

ИТТИЛООТ·НАВИД·РӮЙДОД



# ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ЭҲТИМОЛӢ* МУАЙЯН ШУДАНД

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ҶИҲАТИ АМАЛӢ НАМУДАНИ СИЁСАТИ МАКРОПРУДЕНСИАЛӢ ВА ТАНЗИМУ НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ, ДАР АСОСИ "ҚОИДАҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ" СОЛЕ ЯК МАРОТИБА ДАР МОҲИ ЯНВАР БО ҶАМЪБАСТИ ҲИСОБИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ МЕЪЁРӢ, РӮЙХАТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗРО БАРОИ ДАВРАИ АЗ 1 ЯНВАР ТО 31 ДЕКАБРИ СОЛИ ОҒОЗШУДА МУАЙЯН МЕНАМОЯД.

ҲАДАФ АЗ МУАЙЯН НАМУДАНИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ, ИН БА РОҲ МОНДАНИ ТАТБИҚИ САМАРАНОКИ СИЁСАТИ МАКРОПРУДЕНСИАЛИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН, НАЗОРАТ ВА БАҲОДИҲИИ ДУРУСТИ НИЗОМИ БОНКӢ ВА КОҲИШ ДОДАНИ САТҲИ ХАВФҲОИ ЭҲТИМОЛӢ БА НИЗОМИ БОНКӢ МЕБОШАД.

ҲАМИН ТАРИҚ, БО ҚАРОРИ РАЁСАТИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 22 ЯНВАРИ СОЛИ 2025, №19, "ДАР БОРАИ ТАСДИҚ НАМУДАНИ РӮЙХАТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ЭҲТИМОЛӢ БАРОИ СОЛИ 2025, 3 ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВӢ ҲАМЧУН ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА 2 ТАШКИЛОТИ ҚАРЗӢ БА РӮЙХАТИ МАЗКУР ҲАМЧУН ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ ЭҲТИМОЛИИ НИЗОМСОЗ ДОХИЛ КАРДА ШУДАНД.

*Замима*
*ба қарори Раёсати*
*Бонки миллии Тоҷикистон*
*аз "22" 01 с. 2025, № 19*

## РӮЙХАТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ЭҲТИМОЛӢ* БАРОИ СОЛИ 2025

| Ташкилотҳои қарзии низомсоз | Меъёри ҷамъбастӣ |
|---|---|
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 20,84 |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 15,68 |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 14,98 |
| **Ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ** | |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 6,41 |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 6,07 |

** Ба ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ ташкилотҳое дохил мегарданд, ки аз рӯи баҳодиҳии навбатӣ метавонанд ташкилоти қарзии низомсоз эътироф шаванд.*

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД



## “Ёддошти тафоҳум дар самти баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ”

Дар ҳошияи сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Федератсияи Русия, 17 марти соли 2025 пас аз анҷоми музокироти сатҳи олӣ, дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Федератсияи Русия “Ёддошти тафоҳум байни Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки марказии Федератсияи Русия, Вазорати молияи Федератсияи Русия оид ба ҳамкорӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ” ба имзо расонида шуд.

Санади мазкур бо мақсади тавсеаи рушди ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба дар самти баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ ба имзо расид. Дар доираи санади мазкур кӯшишҳои муштараки ҳар ду ҷониб барои таҳияи барномаҳои омӯзишӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ дар бораи маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ ва таҳкими эътимод ба низоми молиявӣ мавриди ҳадафи асосӣ қарор дода шудааст.



## Ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон бо Бонки Осиёии Рушд

11 феврали соли 2025 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо намояндаи навтаъини доимии Бонки Осиёии Рушд (БОР) дар Тоҷикистон ҷаноби Ко Сакамото мулоқоти корӣ анҷом дод.

Зимни мулоқот Бонки Осиёии Рушд ҳамчун шарики боэътимоди рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, раиси Бонки миллии Тоҷикистон барои ҳамкории самарабахш ва дастгирии доимии кумакҳои техникӣ ва машваратӣ дар самти низоми бонкӣ ба БОР арзи сипос намуд.

Дар рафти мулоқот ҷаноби Ко Сакамото бо вуҷуди номуайянӣ дар иқтисоди

## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД

минтақа нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро дар бахши низоми бонкии мамлакат муътадил арзёбӣ намуда, омодагиашро ҷиҳати густариши ҳамкории дуҷонибаи судманд ва роҳандозии самтҳои нави ҳамкорӣ бо низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуд.

Ҳамзамон ҷонибҳо дар мавриди ҷалби сармоягузорӣ ба низоми бонкӣ, идомаи ислоҳоти иқтисодӣ, инкишофи бозори молиявӣ, рушди рақамикунонии соҳаҳои мухталиф ибрози назар карданд.



# Мулоқот бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Малайзия

Тавсеаи муносибатҳои Тоҷикистону Малайзия дар бахши низоми бонкӣ ва суғурта, имкониятҳои рушди робитаҳои иқтисодӣ зимни мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Малайзия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Илҳом Туаҳ Илёс 25 феврали соли 2025 мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Зимни мулоқот аз густариши муносибатҳои ҳамкорӣ миёни ҳар ду кишвар, хусусан ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ солҳои охир таъкид гардида, ба мавзуи ҳамкорӣ дар низоми бонкии Малайзия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Ҷонибҳо ҷиҳати самаранок татбиқ намудан ва риояи стандартҳои байналмилалии бонкӣ инчунин вобаста ба баланд бардоштани иқтидори Бонки миллии Тоҷикистон дар соҳаи танзим ва назорати



ташкилотҳои қарзӣ, ширкатҳои суғурта, татбиқи ипотекаи исломӣ тавассути ташкилотҳои қарзӣ ва таҳияи заминаи ҳуқуқӣ барои ҷорӣ намудани суғуртаи такаффул суҳбат намуданд.

Ҳамзамон, таъкид гардид, ки Бонки миллии Тоҷикистон иштироки сармояи хориҷиро дар сармояи оинномавии ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон, инчунин барои кушодани бонки фаръӣ, филиалҳо ва намояндагиҳо дар қаламрави мамлакат пурра дастгирӣ намуда, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт шароити мусоид фароҳам овардааст.

# Рушди ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Ҷопон

5 марти соли 2025 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷопон дар Тоҷикистон хонум Кейко Фурута мулоқот намуд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо тавсеаи ҳамкориҳо дар самти низоми бонкӣ мавриди баррасӣ қарор дода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон ба рушду таҳкими робитаҳо байни низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷопон, аз ҷумла дар самти таҳким бахшидани муносибатҳои муросилотӣ, инчунин ба роҳ мондани ҳамкории дуҷониба бо Бонки марказии Ҷопон ибрози назар кард.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таваҷҷуҳи сафири

## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД



фавқулода ва мухтори Ҷопонро ба заминаи мусоиди меъёрии ҳуқуқии мусоид ҷиҳати таъсиси бонкҳои хориҷӣ ва намояндагиҳо ҷалб карда, изҳор дошт, ки давлат баробарҳуқуқии сармоягузорони хориҷиву ватаниро кафолат медиҳад.

Ҷонибҳо зимни мулоқот инчунин аз сатҳи ҳамкориҳо тавассути Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаи грантии JDS ("Барномаи бурсияҳо оид ба рушди



иқтидори захираҳои инсонӣ") истиқбол карда, изҳори боварӣ карданд, ки талошҳои пайваста ҷиҳати баланд бардоштани иқтидор, тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва имкониятҳои таълимӣ ба рушди бахши бонкии Тоҷикистон ва дар маҷмуъ ба пешрафти иқтисодиёти он мусоидат менамоянд.



# Тавсеаи ҳамкорӣ бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд

13 марти соли 2025 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо директори иҷроияи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) дар кишварҳои Осиёи Миёна ва Муғулистон ҷаноби Хусейн Озхан мулоқот намуд. Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо доир ба татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар самти баланд бардоштани сатҳи идоракунии корпоративӣ дар бахши бонкӣ, рушди бозори пулу сармоя ва суғурта, такмили сиёсати пулию қарзӣ дар кишвар, маблағгузории сабз ва дигар масъалаҳои тавсеаи ҳамкорӣ мубодилаи афкор намуданд.



Зимни мулоқот ҷонибҳо ба мавзуи иқтисоди "сабз" таваҷҷуҳ карда, зикр гардид, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби маблағгузории сабз "Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037"-ро қабул намудааст, ки он ислоҳоти институтсионалиро дар бар гирифта, дар татбиқи принсипҳои идоракунии экологӣ, иҷтимоӣ

## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД

ва корпоративӣ, таҳлили хатарҳои иқлим дар муассисаҳои молиявӣ, инчунин рушди бозори маблағгузории сабз нақши муҳим мебозад.

Ҷонибҳо инчунин ба мавзуи рушди бозори суғуртаи кишвар таваҷҷуҳ карда, ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар тақвияти иқтидори идораи назорати суғуртавӣ муҳим арзёбӣ намуданд.

Мулоқот дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ сурат гирифта, ҷонибҳо барои идома додани ҳамкорӣ омодагӣ изҳор доштанд.

## “Дастгирии рушди рақамӣ ва инноватсионии бахши молиявӣ”



3 феврали соли 2025 муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ бо роҳбари намояндагии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррух Султонов мулоқот намуд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо густариши ҳамкориро дар бахши низоми бонкӣ ва суғурта, раванди татбиқи лоиҳаҳои муштарак, аз ҷумла бахши рақамикунонии Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ, лоиҳаи “Дастгирии рушди рақамӣ ва инноватсионии бахши молиявӣ”, баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ, хусусан саводнокии молиявии рақамӣ дар миёни ҷавонон ва шаклу шароити ҳамкорӣ дар доираи татбиқи марҳилаҳои лоиҳа мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор доданд.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиши истифодаи равандҳои инноватсиониву имкониятҳои технологияҳои рақамӣ, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электрониро аз самтҳои муҳимми беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва тавсеаи фаъолияти бахши хусусӣ маҳсуб донист.



Дар навбати худ роҳбари намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (IFC) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррух Султонов аз ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ карда, омодагии КБМ-ро ҷиҳати густариши ҳамкории минбаъда дар самти пешбурди инноватсия дар бахши молиявӣ ва гузариш ба иқтисодиёти ғайринақдӣ баён намуд.

“БТҶ”

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД

# Ҷаласаи Шӯрои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

25 феврали соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи даҳуми Шӯрои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шӯро) бо иштироки мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон азими давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар рафти баргузории ҷаласа аъзои Шӯро бо пешниҳоди рӯнамоиҳо оид ба масъалаҳои мубрам, аз қабили яке аз ҷузъҳои бахши суботи молиявӣ – вазъи



оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, роҳбарони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар оғози чорабинӣ мутобиқи рӯзномаи ҷаласа рафти иҷрои қарорҳои қабулгардидаи ҷаласаи нуҳуми Шӯро муҳокима карда шуда, гузориши масъулин оид ба рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва тавсеаи инфрасохтори пардохтӣ, пешгирии киберхатарҳо дар низоми бонкӣ, коҳиш додани хавфҳои бахши фискалӣ ва вазъи корхонаҳои молиявии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва рушди минбаъдаи фаъолияти он, қисматҳои асосии тавозуни пардохт, аз ҷумла содироту воридот, маблағгузории ҳисоби ҷорӣ ва ҳисоби молиявӣ муҳокимаронӣ анҷом доданд. Қайд карда шуд, ки дар ҷаҳони имрӯза авҷ гирифтани низоъҳои тиҷоратӣ, пурзӯр гардидани сиёсати муҳоҷират дар бархе аз кишварҳо, номуайянӣ дар бозорҳои молиявию сӯзишворӣ ҷой доранд, ки метавонанд ба таъмини суботи молиявӣ таъсиргузор бошанд.

Дар ин раванд таъкид карда шуд, ки бо назардошти вазъи имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳон, рушди соҳаи иҷтимоӣ, устувор намудани ҳамаи бахшҳои молиявӣ бо мақсади коҳиш додани таъсири манфии омилҳои берунӣ, ташкили буферҳои молиявӣ дар ҳолатҳои ғайричашмдошт, зиёд кардани иқтидори иқтисодиёт тавассути диверсификатсияи содирот ва рушди истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда, ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаҳои иқтисодӣ ва ғайра аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегарданд.

Илова ба ин, бо мақсади дар ҳамоҳангӣ татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди фарогиру устувори иқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, рақамикунонии соҳаҳои иҷтимоию молиявӣ ва дигар масъалаҳои муҳим қайд карда шуда, қарорҳои марбута дар самти рушди суғуртаи иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар бахшҳои молиявӣ, пешбурди сиёсати самаранoки қурби асъор ва идоракунии захираҳои байналмилалӣ, ҷалби сармоягузориҳои мустақим ва ғайра қабул гардиданд.

Бояд қайд кард, ки Шӯрои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми байнидоравии доимоамалкунандаи машваратӣ буда, бо мақсади баррасии масъалаҳои таъмини суботи молиявӣ, ошкор намудани хавфҳо дар низоми молиявӣ ва пешниҳоди тадбирҳо бахри коҳиш додани онҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №331 таъсис дода шудааст.

**Идораи суботи молиявӣ**



# ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИ МИЛЛИАМОН САҲМИ БОСАЗО ГУЗОРЕМ

Ҷамъбасти фаъолияти низоми бонкӣ ва суғурта дар соли 2024 зимни ҷаласаи васеъ, ки таҳти роҳбарии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ва ҳузури муовини якуми раис Фируз Шарифзода, муовинони раис Сироҷиддин Икромӣ ва Гулбаҳор Назирӣ, роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи пасандозу амонатҳои Тоҷикистон, ташкилотҳои суғуртавӣ ва бюроҳои таърихи қарз 8 январи соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид, мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифта, вазифаҳои навро барои соли 2025 дар назди низоми бонкӣ ва суғурта муайян намуд.

Зимни ифтитоҳи ҷаласаи ҷамъбастӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода нахуст ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирии доимии низоми бонкӣ ва суғурта изҳори сипос намуда, иброз дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро дар соли 2024 мутобиқи қонунгузории соҳавӣ ва вазифагузориҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бармеоянд, инчунин дар асоси "Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат" роҳандозӣ намудааст.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода изҳор дошт, ки бо вуҷуди мураккаб будани фазои сиёсию иқтисодӣ ва идомаёбии номуайяниҳои молиявӣ дар ҷаҳон, соли баррасишаванда пешравиҳои назаррас дар ҳама соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа ба қайд гирифта шуда, рушди босуботи иқтисодию молиявӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шуд.

Аз ҷумла, Маҷмуи маҳсулоти дохилии (ММД) кишвар дар соли 2024 ба 153,4 млрд сомонӣ баробар шуда, рушди воқеии он 8,4 фоизро ташкил намуд.

Сатҳи таваррум бошад, пасттар аз ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок



(6±2 б.ф.) ҷамъбаст гардида, 3,6 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.

Дар соли ҳисоботӣ вобаста ба рушди иқтисодиёт ва зиёд гардидани даромади пулии аҳолӣ ба муомилот 10,6 млрд сомонӣ пули нақд бароварда шуда, аз муомилот бошад 1,6 млрд сомонӣ гирифта шуд.

Баҳри танзим намудани ҳаҷми пул дар муомилот, идоракунии сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ 120 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳаҷми 12,0 млрд сомонӣ баргузор карда шуд. Дар баробари ин, аз ташкилотҳои қарзӣ тавассути амалиёти амонатҳои шабонарӯзӣ маблағҳои озод ҷалб карда шуд, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз

> **Маҷмуи маҳсулоти дохилии (ММД) кишвар дар соли 2024 ба 153,4 млрд сомонӣ баробар шуда, рушди воқеии он 8,4 фоизро ташкил намуд.**

беш аз 1,1 млрд сомониро ташкил менамояд.

Меъёри бозтамвил, ҳамчун фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ бинобар мӯътадил гардидани сатҳи нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот ва дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёт, инчунин аз доираи ҳадафи муқарраргардида паст қарор доштани сатҳи таваррум тадриҷан 1,0 б.ф. паст карда шуда, дар сатҳи 9,0 фоизи солона муқаррар гардид.

Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати қурбиро дар реҷаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” ҷиҳати татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва идора намудани захираҳои байналмилалӣ амалӣ карда истодааст.

Дар соли 2024 қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 0,2 фоиз устувор гардид. Дар соли 2023 бошад, ин нишондиҳанда 7,4 фоиз коҳиш ёфта буд.

Бояд қайд намуд, ки ҷалби па-

**Қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ ба 24,6 млрд сомонӣ баробар шуда, зиёдшавии он бештар аз 29,0 фоиз (маблағи 5,6 млрд сомонӣ)-ро ташкил медиҳад.**





сандоз яке аз самтҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад.

Дар давраи ҳисоботӣ бақияи пасандозҳои ташкилотҳои қарзӣ 25,5 млрд сомониро ташкил намуда, зиёдшавии он ба 31,2 фоиз (6,1 млрд сомонӣ) баробар гардид.

Пасандозҳои ҷойгиркардашудаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзӣ бошад, ба 98,0 млн сомонӣ баробар гардид, ки 37,0 фоиз зиёдшавӣ дорад.

Афзоишёбии нишондиҳандаҳои мазкур аз тадриҷан баркароршавии эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ шаҳодат медиҳад.

Фоизи миёнавазни пасандозҳои мухлатнок бо пули миллӣ 13,0 фоиз ва бо асъори хориҷӣ бошад, 4,2 фоизро ташкил намуд.

Қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ ба 24,6 млрд сомонӣ баробар шуда, зиёдшавии он бештар аз 29,0 фоиз (маблағи 5,6 млрд сомонӣ)-ро ташкил медиҳад.

Меъёри фоизи миёнавазни қарзҳо бо пули миллӣ 22,1 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 11,7 фоизро ташкил дода, коҳишёбии онҳо мутаносибан ба 1,1 б.ф. ва 0,1 б.ф. рост меояд.

Дар соли ҳисоботӣ натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ бо фоида ба маблағи 1,2 млрд сомонӣ ва 130,0 млн сомонӣ ҷамъбаст гардид.

Аз ҷониби низоми бонкӣ ба маблағи беш аз 1,0 млрд сомонӣ ва низоми суғурта 44,0 млн сомонӣ ба буҷети давлат андоз пардохт карда шуд, ки нисбат ба соли қаблӣ мутаносибан 5,3 фоиз ва 24,4 фоиз зиёд мебошад.

Даромаднокии дороиҳои низоми бонкӣ 2,6 фоиз ва даромаднокии сармояи он бошад, 13,6 фоизро ташкил намуд.

Даромаднокии дороиҳои низоми суғурта 14,8 фоиз ва даромаднокии сармояи он бошад, ба 23,4 фоиз баробар гардид.

Воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ҷамъоваришуда

атрофи 400,0 млн сомонӣ ва пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ бошад, 30,0 млн сомониро ташкил намуд.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзии ваколатдор тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст.

Дар натиҷа, то 31 декабри соли 2024 ҳаҷми умумии маблағҳои қонунигардонидашуда 8,0 млрд сомониро ташкил дод, ки аз онҳо ба сифати пасандозҳои мӯҳлатнок 28,7 фоиз, сармоягузорӣ беш аз 40,0 фоиз ва мубодилаи асъори хориҷӣ 31,2 фоиз рост меояд.

Дар идома раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо такя ба дастуру супоришҳо аз Паёми навбатии Президенти кишвар изҳор дошт, ки масъалаи рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҳамчун яке аз вазифаҳои калидӣ барои низоми бонкӣ ва дигар мақомоти масъули соҳа муайян гардид. Дар ин замина, таъмини иҷрои самараноки Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, №586 "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" нақши асосӣ дошта, татбиқи босамари он муҳиммияти хос дорад. Гарчанде низоми бонкии кишвар ҷиҳати татбиқи Фармони мазкур дар самти фароҳамсозии инфрасохтори зарурии пардохтӣ корҳои





назаррасро амалӣ намуда бошад ҳам, тадбирҳои андешидашуда ҳанӯз ҳам нокифоя буда, андешидани чораҳои иловагию фавриро тақозо менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон, ҳамчун мақоми ваколатдор дар ташкили низоми пардохтӣ ва рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, чораёни иҷрои Фармонро таҳти назорати қатъӣ гирифта, барои ин ҳадаф дар назди Дастгоҳи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавӣ Гурӯҳҳои корӣ ташкил намудааст.

Гурӯҳҳои корӣ пайваста рафти амалишавии Фармонро дар марказҳои қабули пардохтҳои хизматрасониҳои музднoки давлатӣ дар шаҳри Душанбе ва шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ назорат карда, мушкилоти мавҷудбударо муайян менамоянд ва барои рафъи онҳо чораҳои дахлдор андешида мешавад.

Дар натиҷаи роҳандозии тадбирҳои зарурӣ рушди бемайлони нишондиҳандаҳои низоми пардохти мамлакат раванди афзоишёбии устувор дорад. Аз ҷумла, дар соли ҳисоботӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ)



92,4 млн амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 30,4 млрд сомонӣ гузаронида шудааст, ки нисбат ба соли 2023 аз рӯи шумора 61,7 фоиз ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 95,3 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Дар ин раванд, ҳиссаи пардохти ғайринақдии молу хизматрасонӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ 26,2 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 6,6 б.ф. зиёд мебошад.

Тайи солҳои охир новобаста аз рушди босуръат доштани нишондиҳандаҳои низоми пардохтии кишвар, ҳолати мазкур боз ҳам ба рушду тавсеа ниёз дорад.

Ин нуқтаи муҳимро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ баён доштанд. Аз ҷумла таъкид гардид, ки то охири соли 2025 пардохтҳои ғайринақдӣ дар соҳаҳои буҷетӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ пурра таъмин карда шаванд.

Дар идомаи ҷаласа, вазъи нишондиҳандаҳои омори низоми бонкӣ ва суғуртаи кишвар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд, ин қисмати ҷаласаро роҳбарони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳозирин бо нишон додани маълумоти муфассал муаррифӣ карданд.

Аз ҷумла, директори департаменти назорати бонкӣ Зафар Абдуллоев дар қисмати рӯнамоии худ оид ба дастовардҳои низоми бонкӣ дар соли 2024, инчунин баҳогузориҳои ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба иҷроиши стратегияи рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои солҳои 2022-2026, нақшаву вазифагузориҳои аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон гузошташуда ба ҳозирин маълумот пешниҳод намуд. Қайд карда шуд, ки ба ҳолати охири соли 2024 низоми бонкии кишвар аз 65 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 15 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 1 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 22 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 адад ташкилоти қарзии хурд ва 23 адад фондҳои қарзии хурд иборат буда, шумораи онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 2 адад зиёд шудааст.

Ҳамзамон, директори департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор Зиёратшо Бояков оид ба татбиқи сиёсати асъорӣ, сардори идораи суботи молиявӣ Нигина Қурбоналиева вобаста ба суботи молиявӣ, директори департаменти мониторинги молиявӣ Ҳалим Мирзоалиев оид ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти мониторинги молиявӣ, директори департаменти низоми пардохт Шуҳрат

Салоҳиддинов дар мавриди татбиқи сиёсати самараноки низоми пардохт, директори департаменти технологияҳои иттилоотӣ Дилшод Ғаниев дар хусуси таҳдидҳои киберӣ ва суботи молиявӣ ва сардори идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ Далер Муродалиев оид ба баҳогузории хизматрасониҳои низоми бонкӣ – ҳар як бо шарҳи муфассали қисмати рунамоӣ баромад карданд.

Дар қисмати дигари ҷаласа роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ мушахассан аз фаъолияти ташкилоти худ, аз натиҷаи фаъолият ва дастовардҳо ҳисобот манзур намуданд.

Ҷаласаро муҳокимаи масъалаҳо идома дод, ки дар зимн намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобаста ба фаъолияти худ, мушкилиҳои ҷойдошта, инчунин тақвияти заминаи сармоявии ташкилотҳои қарзӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои бонкӣ, пурзӯр намудани низоми идоракунии хавфҳо, кам кардани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол, баланд бардоштани савияи тахассусии кормандон, зиёд намудани ҳиссаи дороиҳои даромаднок, таъмини амнияти иттилоотӣ, иҷрои саривақтии талаботи дастурамалҳои БМТ, зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт маълумот доданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон бо такя ба натиҷаҳои вазъи низоми бонкӣ ва суғурта дар соли 2024 бо чунин хулоса иброз дошт, ки дар маҷмуъ нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкию суғурта беҳтар гардида, доираи хизматрасониҳои онҳо тавсеа меёбанд.

Бо вуҷуди ин, ҷиҳати фаъолияти устувори низоми бонкӣ ва мусоидат ба рушди иқтисодиёти миллӣ ташкилотҳои қарзии молиявиро зарур аст, ки иҷрои саривақтии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Стратегияи рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ барои солҳои 2022-2026 талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ ва суғуртавӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва суғуртавӣ, таъмини баробарии гендерӣ, пурзӯр намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, кам кардани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар сандуқи қарзӣ, андешидани тадбирҳо барои мустаҳкам намудани заминаи сармоявӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳо, хусусан маблағгузориҳои дарозмуҳлат, баланд бардоштани савияи дониш ва касбияти кормандон, зиёд намудани ҳиссаи дороиҳои даромаднок, пурзӯр намудани идоракунии хавфҳои киберӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ, қонеъ кардани арзу шикоятҳо нисбат ба хизматрасониҳои бонкӣ ва суғуртавӣ, идома додани татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон", рафъи камбудиҳо ҷиҳати муайянкунии қурби асъор ва ба роҳ мондани назорати қатъӣ дар амалиётҳои асъорӣ, инчунин иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ"-ро таъмин намуда, баҳри амалӣ намудани супоришҳои дар Паёми навбатии Роҳбари давлат қайдгардида дар самти рақамикунонӣ ва гузариши пурра ба пардохтҳои ғайринақдӣ дар соҳаҳои буҷетӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ дар соли 2025 чораҳои зарурӣ андешанд.

Ҷаласаи ҷамъбастиро раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ҳусни хотима бахшида, бори дигар миннатдории самимонаи кормандони низоми бонкӣ ва суғуртаи мамлакатро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирии доимии низоми молиявӣ ҷиҳати рушди бемайлони иқтисодиёти кишвар изҳор намуда, баҳри таъмини рушди устувори иқтисоди Ватани азизамон аз иштирокдорон даъват ба амал овард: "Ҳамаи моро мебояд, ки соли 2025-ро бо дастовардҳои аз ин ҳам беҳтар ҷамъбаст намуда, дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллиамон саҳми босазо гузорем".

**Таҳияи**
**М.Ҳасанова,**
**БТҶ**

# Натиҷагирии фаъолияти низоми суғурта дар соли 2024



Фаъолияти низоми суғуртаи кишвар дар соли 2024 зимни ҷаласаи корӣ, ки даҳаи аввали моҳи январи соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки роҳбарони ташкилотҳои суғуртавӣ ва Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон баргузор гардид, натиҷагирӣ карда шуд.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ изҳор дошт, ки бахри расидан ба ҳадафҳои муайяннамудаи Ҳукумати кишвар, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ дар соли 2024 ҷиҳати таъмини рушди низоми суғуртаи мамлакат тамоми имкониятҳои мавҷударо истифода бурда, тадбирҳои сариваќтӣ ва самаранокро роҳандозӣ менамояд.

"Натиҷаи ҷамъбасти фаъолияти низоми суғуртаи кишвар дар соли 2024 нишон медиҳад, ки баъзе нишондиҳандаҳои асосии соҳа афзоиш доштанд, аз ҷумла дороиҳои низом нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 7,4 фоиз, сармояи худӣ 19,9 фоиз, сармояи оинномавӣ 45,1 фоиз, пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ 26,3 фоиз, пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ 36,9 фоиз", - гуфт зимни баромад Сироҷиддин Икромӣ.

Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахри ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани низоми суғурта фаъолият карда, ислоҳоти соҳаро амалӣ намуда истодааст. Аз ҷумла, соли 2024 бо мақсади таҳкими заминаи қонунӣ ва мукаммалгардонии соҳа ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Инчунин, дар бораи пурра ба таври ғайринақдӣ анҷом додани амалиётҳои суғуртавӣ ба қонуни мазкур илова ворид карда шуд, ки айни замон дар марҳилаи ниҳоии қабул қарор дорад.

Ҳамзамон, бо қарорҳои дахлдори Раёсати БМТ ду санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа таҳия ва қабул гардиданд, ки тартиби гузаронидани санҷиш ва ҳиссаҷудокуниҳо ба захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавиро муқаррар менамоянд.

Бо мақсади ба талабот ҷавобгӯй кардани ҳисоботҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, соли 2024 ба БМТ муяссар гардид, ки лоиҳаҳои шакли нави автоматикунонидашудаи ҳисоботҳои молиявӣ,

нақшаи ҳисобҳои тавозунӣ ва тавсифи ҳисобҳои тавозунии алоҳидаро барои ташкилотҳои суғуртавӣ таҳия намуда, якҷо бо ташкилотҳои суғуртавӣ онҳоро такмил диҳад.

Ин санадҳо ба ташаккули инфрасохтори асосии низоми суғуртаи мамлакат ва минбаъд аз байн бурдани номуайяниҳои амалиётҳои суғуртавӣ ва таъмини фаъолияти шаффофи субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ мусоидат менамоянд.

Сипас, сардори идораи назорати суғуртавӣ Бобурхон Бобоев оид ба ҷамъбасти фаъолияти низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 тариқи рӯнамо суханронӣ карда, доир ба фарогирии бозори суғуртаи кишвар, нишондиҳандаҳои асосии соҳа, риояи талаботи қонунгузорӣ ва меъёрҳои мақбули мақоми назорати суғуртавӣ, мониторинги ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта дар низоми суғурта ва дурнамои рушди он маълумот пешниҳод намуд.

Дар қисмати муҳокимаи масъалаҳо намояндагони ташкилотҳои суғуртавӣ вобаста ба фаъолияти худ, рафъи камбудиҳои ҷойдошта ва ҳадафҳои гузошташуда ҳисобот доданд.

Раиси ҷаласа ташкилотҳои суғуртавиро вазифадор намуд, ки фаъолияти худро тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ба роҳ монда, барои беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, тибқи талаботи қонун баррасӣ намудани муроҷиати





суғурташавандагон, таъмини принсипи шаффофият, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосир, вусъат додани корҳои таблиғотию ташвиқотӣ дар байни аҳолӣ ва ба таври ғайринақдӣ анҷом додани ҳама гуна амалиёти суғуртавӣ корбарӣ намоянд.

Дар фарҷоми ҷаласа Сироҷиддин Икромӣ иброз дошт, ки бо мақсади амалӣ намудани нақшаю вазифаҳои гузошташуда моро зарур аст, ки дар ҳамбастагӣ рушди низоми суғуртаи мамлакатро таъмин карда, барои ба яке аз бахшҳои муҳимми низоми молиявии кишвар табдил додани он чораандешӣ намоем.

# НАҚШИ МЕЪЁРҲОИ МАҚБУЛ ДАР ТАЪМИНИ ПАРДОХТПАЗИРИИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Суғурта ҳамчун низоми ҳимоя ва дастгирии манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар самти таъмини бехатарии ҳаёт, саломатӣ ва молу мулк унсури асосии иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб рафта, барои пешрафти соҳаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии халқ муҳим арзёбӣ мегардад.

Суғурта барои дар амал татбиқ шудани принсипи тақсимоти зарарҳои тарафайн байни суғурташаванда ва суғуртакунанда равона карда шуда, ҳамзамон нақши иқтисодии он дар ҷамъоварии воситаҳои пулии суғуртавӣ бо роҳи равона намудани ин фондҳо ба сармоягузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, ки ба самаранокии низоми молиявӣ таъсир мерасонад, таҷассум меёбад.

Барои амалӣ намудани ин мақсадҳо ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бояд аз нуқтаи назари пардохтпазирӣ устувор бошанд то ин ки ҳама вақт манфиатҳои қонунии суғурташавандагонро ҳимоя карда тавонанд. Тибқи таҷрибаи байналмилалӣ стандартҳо ва меъёрҳои гуногуни сатҳи пардохтпазирӣ дар кишварҳои ҷаҳон амал мекунанд, ки ин равандро танзим менамоянд. Яке аз стандартҳои машҳуру маъмули байналмилалӣ дар соҳаи суғурта ин Solvency II ба ҳисоб меравад, ки ҳадафи он танзими раванди идоракунии хавфҳо ва таъмини пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мебошад.

Зеро, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ танзими раванди идоракунии хавфҳо ва таъмини пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) муҳим буда, мақсади асосии суғурта, ин ҳангоми ба вуқуъ пайвастани ҳодисаҳои суғуртавӣ саривақт иҷро гардидани уҳдадориҳо дар назди суғурташавандагон ва ҷабрдидагон ба ҳисоб меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суғуртаи давлатӣ ҳанӯз соли 1924 дар асоси қарори Кумитаи Инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Советии Сотсиалистии Тоҷикистон, Комиссариати Халқии молияи ҷумҳурӣ таъсис ёфта буд, ки дар сохтори он Идораи суғуртаи давлатӣ низ ташкил гардид ва он то ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ амал мекард.

Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бо татбиқи сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, аз ҷумла соҳаи суғуртаи кишвар давра ба давра рушд ёфта, мавқеи худро дар низоми молиявӣ ва ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа то андозае мустаҳкам намуд ва ҳиссаи он дар рушди иқтисоди миллӣ нисбатан зиёд гардид.

Лозим ба ёдоварист, ки то соли 2017 низоми суғуртаи кишвар аз ҷониби собиқ Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Вазорати молияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон танзиму назорат карда мешуд.

Бо саъю талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани низоми суғуртаи кишвар, ташаккули инфрасохтори муосир ва рушди самараноки он, бо назардошти тавсияҳои Бонки Ҷаҳонӣ ва хулосаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ, ки ҷиҳати таҳлил намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта аз ҳисоби вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ таъсис дода шуда буд, масъалаҳои танзиму назорати фаъолияти суғуртавӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, №408 ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2017, №851 ба зиммаи Бонки миллии Тоҷикистон вогузор карда шуд.

Дар ин муддати кӯтоҳ, Бонки миллии Тоҷикистон ислоҳоти куллии низоми суғуртаи кишварро давра ба давра амалӣ намуда, барои мустаҳкам намудани заминаи қонунӣ, аз ҷумла дар самти таъмини пардохтпазирӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаро таҳия ва қабул кард, ки барои рушди устувори соҳа мусоидат намуда истодааст.

Соҳаи суғурта нисбат ба дигар намудҳои хизматрасониҳои молиявӣ соҳаи махсус ва фарқкунанда буда, пардохтпазирии баланд ва доимии ташкилотҳои суғуртавиро дар аснои рух додани ҳодисаҳои нобаҳангоми суғуртавӣ талаб менамояд.

Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун қадами аввал дар татбиқи ислоҳоти соҳа ҷиҳати ба Принсипҳои Асосии Суғурта (Insurance Core Principles) ва Solvency II мутобиқ намудани низоми суғуртаи кишвар ва баланд бардоштани сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) аз 31 марти соли 2020, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи андозаи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)” ба тасвиб расид. Дар асоси ин ҳуҷҷат дар як давраи кӯтоҳ пойгоҳи молиявии низоми суғуртаи мамлакат ба таври назаррас устувор гардид, ки ин равандро дар диаграммаҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст.

**Диаграммаи 1.** Сармояи оинномавии низоми суғурта дар солҳои 2017-2021




**Диаграммаи 2.** Маблағҳои худии (сармояи) низоми суғурта дар солҳои 2017-2021



Яке аз талаботи махсуси қарори болозикр дар он буд, ки тибқи талаботи банди 2-и он маблағи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) новобаста аз шакли моликияташон, бояд дар суратҳисоби бонкии онҳо дар шакли воситаҳои пулӣ вуҷуд дошта бошад. Дар шакли пулӣ мавҷуд будани ҳадди ақали сармояи оинномавӣ аз як тараф барои саривақт иҷро гардидани уҳдадориҳо дар назди суғурташавандагон ҳангоми нокифоя будани захираҳои суғуртавӣ пешбинӣ шуда бошад, аз тарафи дигар ин маблағҳо тавассути низоми бонкӣ ба сармоягузории соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ равона мегарданд, ки ба рушди иқтисодиёти кишвар низ таъсиргузор аст.

Ин гуфтаҳо дар он асос меёбанд, ки дар амал татбиқ гардидани қарори мазкур боиси зиёдшавии сармояи оинномавии низоми суғуртаи кишвар гардида, онро дар давоми як соли ҳисоботӣ ба андозаи 91,6 афзун гардонид.

Илова бар ин, Бонки миллии Тоҷикистон ислоҳоти соҳаро дар самти мукаммалгардонии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ идома дода, бо мақсади боз ҳам мустаҳкам намудани сатҳи устувории молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ҷойгиркунии самараноки маблағҳои суғуртавӣ, пурзур намудани пардохтпазирии онҳо ва дар ин замина зиёд намудани эътимоду боварии аҳолӣ ба ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ лоиҳаи “Тартиби ҳисобкунии таносуби меъёри маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулнамудаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)”-ро таҳия намуд, ки ҳуҷҷати мазкур бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 09 октябри соли 2020, №135 тасдиқ гардида, аз 13 ноябри соли 2020 мавриди амал қарор дода шуд.

Ин санади меъёрии ҳуқуқӣ дар таърихи низоми суғуртаи мамлакат аввалин ҳуҷҷате буд, ки меъёрҳои мақбулро барои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) муқаррар карда, ҷиҳати баланд гардидани сатҳи пардохтпазирии низоми суғуртаи кишвар, зиёд шудани дороиҳо, хусусан дороиҳои пардохтпазир ва маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мусоидат намуд ва ба ин васила ба равандди афзояндаи маблағгузории соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ замина гузошт.

Далели ин гуфтаҳо диаграммаҳои зерин мебошанд, ки ифодагари афзоиши устувори

**Диаграммаи 3.** Дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2020-2024




**Диаграммаи 4.** Маблағҳои худии (сармояи) низоми суғурта дар солҳои 2020-2024



дороиҳои низоми суғуртаанд ва самаранокии татбиқи ислоҳоти пешгирифтаи мақоми назорати суғуртавиро тасдиқ менамояд.

Чи тавре ки рақамҳо ифода мекунанд, дороиҳои низоми суғуртаи кишвар дар интиҳои соли 2024 ба 901,5 млн сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба соли 2020 ба андозаи 2,2 маротиба афзоиш ёфта, рушди миёнасолонаи он дар 5 соли охир 15,7 фоизро ташкил медиҳад.

Таи солҳои охир вобаста ба тадриҷан риоя гардидани меъёрҳои мақбул аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) маблағҳои худии низоми суғурта низ афзоиши бемайлонро касб намуда, дар соли 2024 ба 553,9 млн сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2020 ба андозаи 2,5 маротиба зиёд гардидааст. Афзоиши миёнасолонаи маблағҳои худии низоми суғурта дар 5 соли охир 22,9 фоизро ташкил дода, ба зиёдшавии пасандозҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба низоми бонкӣ ва пардохтҳои андозӣ дар низоми молиявӣ оварда расонидааст.

Дар идомаи татбиқи ислоҳот бахри кафолати самти амалиётии фаъолияти суғуртавӣ дар таъмини устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) захираҳои суғуртавӣ нақши муассир мебозад, ки кифоятии онҳо барои иҷрои ӯҳдадориҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) зарур аст.

> **Таи солҳои охир вобаста ба тадриҷан риоя гардидани меъёрҳои мақбул аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) маблағҳои худии низоми суғурта низ афзоиши бемайлонро касб намуда, дар соли 2024 ба 553,9 млн сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2020 ба андозаи 2,5 маротиба зиёд гардидааст.**

Ташаккулдиҳии захираҳои суғуртавӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2015, №94 “Дар бораи Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ” амалӣ карда мешуд.

Дар таҳрири нав қабул шудани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2021, боиси беэътибор донистани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2015, №94 “Дар бораи Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ” гардид. Аз эътибор соқит дониста шудани қарори болозикр мушкилотро дар танзиму назорати ташаккули фондҳои захиравии суғуртавӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) кишвар амалӣ карда мешаванд, пеш овард.

Захираҳои суғуртавӣ воситаҳои пулии асосӣ дар фаъолияти суғуртавӣ ба ҳисоб рафта, тибқи амалия бояд ҳамчун воситаи таъмини ӯҳдадориҳо дар назди суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон истифода шавад.

Бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва Принсипҳои Асосии Суғурта Бонки миллии Тоҷикистон раванди мазкурро пайгирона мавриди корбарӣ қарор дода, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” тағйиру иловаҳои дахлдор ворид кард ва ин самти муҳимми соҳа ба танзим даровarда шуд.

Дар робита ба ин, мутобиқи қисми 5 моддаи 27 қонуни болозикр “Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ” таҳия гардида, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2024, №101 тасдиқ ва аз 20 марти соли 2025 мавриди амал қарор дода шуд.

Мақсади асосии Тартиби мазкур ин самаранок ба роҳ мондани ташаккулдиҳии фондҳои захираҳои суғуртавӣ дар кишвар мебошад, ки манбаи асосии амалӣ гардидани пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ ба суғурташавандагон махсуб ёфта, бахри зина ба зина

мутобиқ гардонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ба принсипҳои асосии суғурта ва стандартҳои байналмилалӣ қабул шудааст.

Иҷроиши меъёрҳои мақбули ишорашуда дар ҷаласаҳои васеи ҷамбасти низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамасола ду маротиба гузаронида мешаванд, мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, ташкилотҳои суғуртавие, ки меъёрҳои муқарраргардидаро вайрон намудаанд, тибқи талаботи қонунгузорӣ мавриди чораандешӣ қарор дода мешаванд.

Ҳамзамон, хулосаи аудиторӣ нисбат ба ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ ба мақоми назорати суғуртавӣ пешниҳод мегарданд, мавриди таҳлил қарор дода шуда, ҳангоми вайрон гардидани талаботи қонунгузорӣ ва риоя нагардидани принсипҳои аудит бо ташкилотҳои аудиторӣ низ корбарӣ анҷом дода мешавад.

Бахри боз ҳам вусъат додани раванди татбиқи ислоҳоти соҳаи суғурта ва табдил додани он ба яке аз бахшҳои муҳимми низоми молиявии мамлакат Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаҳои "Феҳристи ҳисобҳои тавозунӣ барои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)" ва "Тавсифи ҳисобҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ"-ро таҳия намуд, ки ин амал раванди муҳосибот ва ҳисоботдиҳии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-и кишварро дар алоҳидагӣ ба танзим дароварда, минбаъд ба баланд гардидани шаффофияти амалиётҳои суғуртавӣ мусоидат менамояд. Дар амал татбиқ гардидани ин лоиҳаҳо, бешубҳа ба марҳилаи нави рушд баромадани соҳаи суғурта замина гузошта, онро ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ месозад.

Ҷоизи қайди махсус аст, ки таҷрибаи баланд гардидани сатҳи пардохтпазирӣ ва дар сатҳи устувор нигоҳ доштани вазъи молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ дар мисоли КВД "Тоҷиксуғурта" тасдиқи худро ёфта, он дар заминларзае, ки санаи 13 апрели соли 2025 дар ноҳияҳои Рашту Тоҷикобод рух дод, тавассути саҳмгузории иҷтимоӣ исбот гардид.

Дар натиҷаи ин офати табиии баамаломада, ки ба 94 хонаи истиқоматӣ пурра, 50 хона қисман ва 61 хонаҳои дигар осеби сабук расидааст, тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷабрдидагони ин офати табиӣ сарфи назар аз мавҷудияти шартномаи суғурта аз ҷониби КВД "Тоҷиксуғурта" кӯмаки якдафъаинаи молиявӣ дар шакли пулӣ ба маблағи умумии 1,2 млн сомонӣ ба аҳолии зарардидаи ин минтақаҳо, пардохт карда шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади такмилу мукаммалгардонии заминаи меъёрии ҳуқуқии низоми суғуртаи кишвар ташаккули инфрасохтори муосир ва ба талаботҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани он аз имкониятҳои мавҷуда истифода намуда, минбаъд низ ислоҳоти пайгиронаи соҳаи суғуртаро идома медиҳад.

Ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунандаро зарур аст, ки баҳри идома додани мақсадҳои пешгирифтаи Бонки миллии Тоҷикистон дар самти такмили инфрасохтори низоми суғуртаи мамлакат фаъолона иштирок карда, бо таъмини фаъолияти муназзаму шаффофи худ ба рушди минбаъдаи соҳа саҳмгузор бошанд.

**Идораи назорати суғуртавӣ**

# ЗАРУРАТИ ТАЪСИСДИҲИИ АГЕНТИИ МИЛЛИИ РАДДАБАНДӢ



**Ҷураев Беҳзод Машрабович**
н.и.и., дотсент, сардори шуъбаи таҳлил ва ҷалби маблағгузории ФҚХ "Фонди бозтамвил"

**Пеш аз оне ки доир ба агентии раддабандӣ сухан гӯем, мо бояд доир ба мафҳуми "рейтинги қарзадокунӣ" ва ё "рейтинги кредитӣ" маълумот дошта бошем. Рейтинги қарзадокуниро бо забони фаҳмои тоҷикӣ мо метавонем "раддабандии қобилияти қарзадокунӣ" низ номем. Раддабандии қобилияти қарзадокунӣ – ин нишондиҳанда оид ба қобилияти аз ҷониби ширкат иҷро кардани уҳдадориҳои бар зиммаи худ гирифта, яъне баҳодиҳии қобилияти пардохтпазирии ширкат мебошад.**

Маҳз агентии раддабандӣ қобилияти қарзадокунии ширкатҳо ва ё давлатҳоро дар асоси таҳлилҳо баҳогузорӣ ва раддабандӣ намуда, бо ин роҳ дараҷаи хавфи пешбарии фаъолияти молиявии онҳоро муайян менамояд.

Аз ин рӯ, агентии раддабандӣ ин институти тиҷоратии беҳамто мебошад, ки барои раддабандии қобилияти қарзадокунӣ, сифати идоракунӣ ва бовариноки ширкатҳои гуногун тавассути баҳодиҳии қобилияти қарзадокунӣ, пардохтпазирӣ ва сифатҳои идоракунии онҳо масъул буда, фаъолияти он ба субъектҳои хоҷагидорӣ имкон медиҳад, ки бо роҳи осон ва қулай сармоя ҷалб намоянд ва фаъолияти худро тавсеа бахшанд.

Бояд қайд намуд, ки агентии раддабандӣ бо раддабандии шахсони воқеӣ машғул набуда, қобилияти пардохтпазирии онҳоро баҳо намедиҳад. Агентии раддабандӣ танҳо бо раддабандии ширкатҳо дар соҳаҳои гуногун ва ё дар маҷмуъ давлат машғул мебошад.

Таърихи пайдоиши агентии раддабандӣ аз он сарчашма мегирад, ки дар давраи оғози инкишофёбии иқтисодиёти Амрико солҳои 1880-1890 ба корхонаҳо зарурати ҷалби сармоя ба миён омад, яъне ҷалби сармоягузорон, қарзҳои дарозмуддат, барориши коғазҳои қиматнок ва ғайраҳо. Аммо дар навбати худ сармоягузорон барои сармоягузории хавфнок шитоб намекарданд. Сабаби асосии боварӣ надоштани сармоягузорон ин номуайянӣ дар дурнамои рушд ва нобоварӣ ба ояндаи дурахшони корхонаҳои сармоягузоришаванда буд. Барои ҷалби маблағҳои озоди сармоягузорон, қарздиҳандагон ва дигар ашхос зарурат ба афзоре ва ё унсуре ба миён омад, ки таваккали сармоягузориро асоснок менамуд ва ба онҳо оид ба фаъолияти ширкати сармоягузоришаванда, ҳолати молиявӣ ва дурнамои рушди он иттилои пурра медод ва дар ин радиф ин абзор бояд хусусияти ғаразнок намедошт, яъне




бояд чунин маълумотеро пешниҳод кунад, ки ҳам сармоягузор ва ҳам ширкати ба сармоя эҳтиёҷдошта ба ин маълумотҳо шубҳа надошта бошанд ва онҳо бо ҳавасмандӣ ба ин ширкатҳо сармоягузорӣ намоянд. Маҳз дар ҳамин давра дар Амрико як қатор маҷаллаҳои даврӣ пайдо шуданд, ки дар онҳо маълумотҳои молиявии ширкатҳои соҳаҳои асосӣ инъикос мегардиданд ва маҳз дар асоси ин маълумотҳо раддабандии қобилияти қарздокунии ширкатҳо/корхонаҳо муайян карда мешуд. Маҳз ин навгонӣ барои сармоягузорӣ такони ҷиддӣ бахшида, боиси пайдоиши фаъолияти нав – агентии раддабандӣ гардид.

Имрӯз дар таҷрибаи ҷаҳонӣ муносибатҳои молиявӣ маҳз ба маълумотҳо ва таҳлилҳои агентиҳои раддабандӣ такя мекунанд ва сармоягузорон пеш аз он ки коғазҳои қиматноки ягон ширкатро харанд ва ё ба онҳо қарз диҳанд, ба мавқеи раддабандии онҳо диққати хоса зоҳир менамоянд.

Одатан дар давлатҳои тараққикарда агентиҳои раддабандӣ дар шакли ширкатҳои тиҷоратӣ фаъолият намуда, ҳар яке методологияи баҳодиҳии қобилияти қарздокунӣ ва ҷадвали раддабандии худро доранд. Аз ин рӯ, сармоягузорон маълумотҳои якчанд агентии раддабандиро бо ҳам муқоиса намуда, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медиҳанд, ки ин ба онҳо имкони баровардани хулосаи дақиқ ҷиҳати сармоягузориро фароҳам меоварад.

Бояд қайд намуд, ки раддабандӣ ин танҳо хулосаи агентӣ аст, на балки тавсияи вай барои ба роҳ мондани муносибатҳои молиявии мустақим бо ширкатҳо. Мавриди тазаккур аст, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳангоми натиҷаҳои раддабандии кардашуда интизорӣ ва ё натиҷаи умедворро ба бовар наовардан, нисбат ба агентиҳо ягон намуд ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ нашудааст.

Агентиҳои раддабандии машҳури ҷаҳонӣ, ки онҳоро "сегонаи бузург" меноманд ин: Standard & Poor's, Moody's ва Fitch мебошанд. Бояд қайд намуд, ки шумораи агентиҳои раддабандикунанда бисёр ҳастанд, аммо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар даҳсолаҳои охир маҳз ба маълумотҳои раддабандии ҳамин "сегонаи бузург" такя мекунад. Аз ҷумла, дар солҳои 1970-1980 дар Амрико дар асоси як қарори махсус ба биржаҳои ҷаҳонӣ танҳо ширкатҳое роҳ дода мешуданд, ки тавассути ин "сегонаи бузург" қобилияти қарздокунии онҳо баҳогузорӣ ва раддабандӣ карда шуда бошанд.

**Агентиҳои раддабандии машҳури ҷаҳонӣ, ки онҳоро "сегонаи бузург" меноманд ин: Standard & Poor's, Moody's ва Fitch мебошанд.**

Дар навбати худ чунин баланд шудани мақоми ин "сегонаи бузург", ҳангоми роҳ додан ба хатогиҳо аз ҷониби онҳо, яъне додани хулосаи нодуруст ва ё ношаффоф ба вазъи молиявии ширкат ва ё давлат, таъсири ҷиддӣ ба дигар субъектҳои хоҷагидор мерасонд.

Аввалин чунин пайомад ин буҳрони молиявии Осиёгӣ буд, ки солҳои 1997-1998 ба вуқуъ пайваст. Маълум гардид, ки методологияи баҳодиҳии рейтингии ин "сегонаи бузург" ба давлатҳои тараққикарда мутобиқ буда, ба минтақаҳои Осиё ва давлатҳои тараққикардаистода ва рӯ ба тараққӣ начан-

дон мувофиқ буд. Агентиҳо методологияи худро барои ин давлатҳо дигар карданд, аммо аллакай дер шуда буд ва бисёр давлатҳои минтақаи Осиё, аз қабили Тайланд, Индонезия, Малайзия, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур ва Япония ба бӯҳрон дучор гардида, миллиардҳо зарар диданд.

Сипас бӯҳрони молиявии солҳои 2007-2009 боз як қатор камбудиҳои баҳогузории агентиҳои раддабандиро ошкор намуд. Аз ҷумла, бархӯрди манфиатҳо, ношаффофии унсурҳои баҳодиҳӣ, номукаммалии батанзимдарории ҳуқуқӣ ва ғайраҳо. Ин камбудиҳо барои бозбинии раванди фаъолияти агентиҳои раддабандӣ ва низоми назорати давлат аз болои онҳо замима гузоштанд. Дар баробари ин бӯҳрони мазкур нишон дод, ки нигоҳ накарда ба нуфуз ва масъулиятнокиашон "сегонаи бузург" натавонистанд ҳангоми баҳодиҳии раддабандии қарзӣ ба бӯҳрон дучоршавии ширкатҳои бузургро пешгӯӣ намоянд, алалхусус ширкатҳое, ки бо қарздиҳии ипотекӣ машғул буданд. Чунки ба ширкатҳои Амрикоии бо қарздиҳии ипотекӣ машғулбуда аз ҷониби агентиҳои раддабандӣ, алалхусус "сегонаи бузург" баҳои баланд дода шуда буд ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ алалхусус, фондҳои нафақавии дигар давлатҳо коғазҳои қиматноки ин ширкатҳоро харидорӣ мекарданд, ки дар интиҳо ҳамаи онҳо зарарҳои калони молиявӣ диданд.

Ҳамин тавр бӯҳрони мазкур нишон дод, ки эътирофи байналмилалӣ, маънои шаффоф ва объективӣ будани натиҷаҳои раддабандии агентиҳоро надорад. Аз ин рӯ, зарурати пайдо намудани усулҳо ва модели нави батанзимдарории агентиҳои раддабандӣ ба миён омаданд. Пеш аз ҳама Иттиҳоди Аврупо қарор қабул намуд, ки дар доираи давлатҳои иттиҳод пояи махсуси қонунгузории батанзимдарорандаи фаъолияти агентиҳои раддабандии қарзӣ таҳия ва қабул карда шавад.

Айнан чунин иқдомро давлатҳои Осиё, аз ҷумла Ҷумҳурии мардумии Чин (ҶМЧ), Япония ва Кореяи Ҷанубӣ низ пеш гирифтанд.

Дар ҶМЧ агентии миллии раддабандӣ барои нигоҳдории устувории қурби пули миллии чин-юан ташкил карда шудааст, ки номи он Dagong Global Credit Rating мебошад. Ин агентӣ дар соли 2010 тавонист дар сархати ахбори тамоми ҷаҳон бошад, чунки аввалин бор маҳз ҳамин агентӣ раддабандии қобилияти қарзадокунии Амрикоро поён фаровард. Ҳамзамон ҶМЧ чунин қарор қабул намуд, ки дилхоҳ ширкати хориҷие, ки мехоҳад ба ширкатҳои Чин сармоягузорӣ намояд ва ё коғазҳои қиматноки ин ширкатҳоро харад, бояд ҳатман аз раддабандии агентии миллии Чин (Dagong Global Credit Rating) гузарад.

Соли 2014 Федератсияи Россия низ бо вазъияте рӯ ба рӯ шуд, ки зарурати таҳкимдиҳии фаъолияти агентиҳои раддабандии миллиашонро ба бор овард. Соли 2014 дар пасманзари ҳодисаҳои геосиёсӣ, ки Россия бо он рӯ ба рӯ шуд, агентиҳои раддабандии кредитии ҷаҳонӣ, аз он ҷумла, "сегонаи бузург" раддабандии қобилияти қарзадокунии Россияро зинаҳо поён фароварданд ва онро паст баҳогузорӣ намуданд, ки ин бевосита ба ширкатҳои бузурги Россия, алалхусус ташкилотҳои молиявии он таъсири ҷиддӣ расонд. Бояд қайд намуд, ки байни дараҷаи раддабандии агентиҳои байналмилалӣ оид ба раддабандии соҳибихтиёрии давлат ва раддабандии ширкатҳои дар ин давлат фаъолияткунанда вобастагии мустақим ҷой дорад. Яъне дар ҳолати паст баҳогузорӣ намудани дараҷаи раддабандии соҳибихтиёрии давлат раддабандии ширкатҳои ин давлат низ поён мераванд. Аз ин рӯ, Бонки марказии Россия тасмим гирифт, ки тамоми ширкатҳои дохилӣ ҷиҳати ҷалби маблағгузории дохилӣ аз хизматрасонии агентиҳои миллии раддабандӣ истифода баранд, танҳо ширкатҳое, ки зарурати ҷалб намудани сармоя аз хориҷаро доранд, метавонанд аз хизматрасонии агентиҳои раддабандии хориҷӣ истифода баранд, он ҳам бо шарте ки ин агентиҳо ба талаботҳои муқаррарнамудаи Бонки марказии Россия ҷавобгӯй бошанд. Ин ҳолат шаҳодат аз он медиҳад, ки агентиҳои раддабандии байналмилалӣ бо

истифода аз имкониятҳои худ метавонанд ба иқтисодиёти дилхоҳ давлат таъсири ҷиддӣ расонанд. Ин бори дигар мавҷуд будани агентиҳои миллии раддабандиро барои ҳар як давлат тақозо мекунад.

Асосан ҳама агентиҳои раддабандӣ дорои мустақилият (дар мисоли кумитаҳои мустақил) ва методологияи рейтингии худ буда, дар асоси он ба ҳар як ташкилот, корхона ва давлат вобаста ба нишондиҳандаҳои ҳар кадоми онҳо ва вазнҳои пешбинишуда барои ҳар як нишондиҳанда ва дар ниҳоят нишондиҳандаи маҷмуии миёнавазн барои ҳар як субъекти раддабандишаванда ҳисобкардашуда ва миқёси раддабандӣ — баҳогузории мазкур дар муқоиса ба дигар ҳамтоёни он ва ҷойгиршавии он дар миқёси ягонаи агентии раддабандӣ муайян карда мешавад.

Агентиҳои раддабандии байналмилалӣ одатан дар асоси таҳлилҳои анҷомдодаи худ ба муштариёнашон тибқи ҷадвалҳои баҳогузории худ баҳо медиҳанд. Ин баҳогузориҳо бо ҳарфҳои лотинӣ ишора гардида, одатан аз ҳарфҳои “AAA” – баҳои аз ҳама баландтарин, ифодакунандаи қобилияти хуби пардохтпазирӣ, оғоз гардида бо ҳарфи “D” – баҳои аз ҳама пасттарин, муфлисшавӣ ва ғайри қобили пардохтпазир будан ба итмом мерасад. Чӣ қадаре ки раддабандии давлат ва ё ширкат баланд бошад, ин ба вай имкон медиҳад, ки ҳамон қадар қарз бо фоизи пасттарро ба даст орад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2015 сар карда расман

**Тафсири ҷадвали баҳодиҳии раддабандии “сегонаи бузург”**

| Moody’s | Fitch | Standard & Poor’s | Тафсири баҳогузорӣ |
|---|---|---|---|
| **Категорияҳои сармоягузоришаванда** | | | |
| Aaa | AAA | AAA | Раддабандии аз ҳама баланд. Қобилияти аз ҳама баланди иҷро кардани ухдадориҳои молиявии худ |
| Aa1 | AA+ | AA+ | Қобилияти баланди иҷро кардани ухдадориҳои молиявии худ |
| Aa2 | AA | AA | |
| Aa3 | AA- | AA- | |
| A1 | A+ | A+ | Қобилияти мўътадил иҷро кардани ухдадориҳои молиявии худ, аммо ҳассосияти баланд ба таъсири шароити номусоиди иқтисодӣ ва дигар тағйироти манфии муҳити беруна |
| A2 | A | A | |
| A3 | A- | A- | |
| Baa1 | BBB+ | BBB+ | Қобилияти кофӣ барои иҷрои ухдадориҳои молиявии худ, вале ҳассосияти баланд ба таъсири шароити номусоиди иқтисодӣ |
| Baa2 | BBB | BBB | |
| Baa3 | BBB- | BBB- | |
| **Категорияи сармоягузоринашаванда (спекулятивӣ – хавфи баланд)** | | | |
| Ba1 | BB+ | BB+ | Нисбатан кам дучор шудан ба хавфҳо дар давраи кӯтоҳмуддат, вале ҳассосияти баланд ба таъсири тағйироти номатлуб дар муҳити корӣ, соҳаҳои тиҷорат, молиявӣ ва иқтисодӣ |
| Ba2 | BB | BB | |
| Ba3 | BB- | BB- | |
| B1 | B+ | B+ | Мавҷудияти дучор шудан ба хавфи баланд дар шароити номусоиди муҳити корӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ, гарчанде ки дар айни замон иҷрои ухдадориҳои молиявӣ имконпазир аст |
| B2 | B | B | |
| B3 | B- | B- | |
| Caa1 | CCC+ | CCC+ | Дараҷаи баланди рӯ ба рӯ шудан бо хавф; Ухдадориҳои молиявиро танҳо дар сурати мавҷуд будани фазои муҳити мусоиди корӣ, тиҷоратӣ, молиявию иқтисодӣ иҷро кардан мумкин аст. |
| Caa2 | CCC | CCC | |
| Caa3 | CCC- | CCC- | |
| Ca | CC | CC | Дараҷаи баланди рӯ ба рӯ шудан бо хавф; муфлисшавӣ ҳоло рӯй надодаст, аммо эҳтимоли рӯй додани он баланд аст |
| | C | C | Хавфи пардохтнопазирӣ айни замон хело баланд аст; пардохтпазирӣ пурра аз вазъи иқтисодии дохилӣ вобаста аст, муфлисшавӣ ногузир аст. |
| C | RD/D | D | Муфлисшавӣ аз руи ухдадориҳои молиявӣ рух додааст. |

ҳар сол аз ҷониби агентиҳои раддабандии машҳури ҷаҳонӣ аз қабили S&P ва Moody's рейтинги қарзӣ — соҳибихтиёрии худро мегирад. Рейтинги қарзии мазкур дар сатҳи давлатӣ буда, дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои молиявӣ, макроиқтисодӣ ва дурнамои миёнамуҳлати нишондиҳандаҳои дохилӣ ва берунаи давлатӣ муайян карда мешавад.

Пас аз ин ҳамасола Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хизматрасониҳои агентиҳои мазкур истифода мебарад. Раддабандии агентиҳои мазкур боиси ҷалби сармоягузорон ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ мегардад. Аз ҷумла соли 2017 маҳз баҳогузории агентиҳои мазкур ба ҷумҳурии мо имкон дод, ки дар арсаи байналмилалӣ евробондҳо барорем ва 500 млн. доллар сармоягузорӣ барои идомаи сохтмони НБО “Роғун” ҷалб намоем. Раддабандии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир дар ҷадвали зер оварда шудааст.

Дар сатҳи ширкатҳо бошад, танҳо як қатор ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати гузаштан аз раддабандӣ агентиҳои раддабандии байналмилалиро ҷалб намудаанд, аз ҷумла: ҶСК «Бонки Эсхата», ҶСП «Спитамен Бонк», ҶСК «Ориёнбонк», ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон», ҶСК «Алиф Бонк», ҶСП «Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон», ТАҚХ «Имон Интернешнл», ТАҚХ «Ҳумо» ва ТАҚХ «Финка». Мутаассифона ширкатҳои калон то ҳол барои гузаштан аз раддабандӣ мароқ зоҳир наменамоянд.

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ҷиҳати мукаммалсозии хизматрасонӣ дар шакли мусоидат ба сармоягузорон ҷорӣ намудани раддабандии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ низ пешбинӣ гардидааст.

Мавриди зикр аст, аз ҷумла нархи хизматрасониҳои агентиҳои раддабандии байналмилалӣ, ки дар шароити иқтисодиёти ҷумҳурии мо барои ширкатҳои ватанӣ каме баланд ба ҳисоб меравад, яке аз сабабҳои мароқ зоҳир накардани ширкатҳо ҷиҳати гузаштан аз раддабандӣ мебошад. Роҳи ҳалли ин мушкилӣ низ яке аз сабабҳои асосӣ барои ташкили агентии миллии раддабандӣ мебошад.

Мушкилиҳои ҷойдошта дар самти мавриди истифода қарор надодани низоми раддабандии қобилияти қарзадокунии муштариён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:

1. Набудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои ба роҳ мондани чунин фаъолият;
2. Арзиши баланди хизматрасониҳои агентиҳои раддабандии байналмилалӣ;
3. Фаъол набудани бозори қоғазҳои қиматнок дар дохили ҷумҳурӣ;
4. Тарси ширкатҳои ватанӣ аз натиҷаи ба бор наовардани гузаштан аз раддабандӣ;
5. Набудани талабот ба хизматрасониҳои агентии раддабандӣ;
6. Ба таври бояду шояд тарғиб накардани манфиатҳои ба даст овардани баҳогузории агентиҳои раддабандӣ.

Мақсад аз таъсисдиҳии агентии миллии раддабандӣ пеш аз ҳама ҷалби сармоягузории дохилӣ ба ширкатҳои ватанӣ, фаъол гардонидани фаъолияти бозори дохилии қоғазҳои қиматнок, таъми-

**Раддабандии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби агентиҳои раддабандии байналмилалӣ**

| Агентии раддабандии байналмилалӣ | Раддабандӣ | Бо дурнамои | Санаи раддабандӣ |
|---|---|---|---|
| S&P | B | мусбӣ | феврали 2025 |
| Moody's | B3 | мусбӣ | сентябри 2024 |
| S&P | B | мусбӣ | августи 2024 |
| Moody's | B3 | мусбӣ | октябри 2023 |
| Moody's | B3 | манфӣ | октябри 2022 |
| Moody's | B3 | Зери назар | марти 2022 |
| Moody's | B3 | мусбӣ | июни 2021 |
| S&P | B- | мусбӣ | феврали 2020 |
| S&P | B- | мусбӣ | августи 2019 |
| Moody's | B3 | манфӣ | декабри 2018 |
| Moody's | B3 | мусбӣ | августи 2017 |
| S&P | B- | мусбӣ | августи 2017 |
| S&P | B- | мусбӣ | марти 2016 |
| S&P | B | мусбӣ | июни 2015 |

ни амнияти иқтисодӣ ва ҳимояи иқтисодиёти миллӣ ва ширкатҳои ватанӣ аз таъсири вазъияти геосиёсии хориҷӣ мебошад.

Барои таъсиси агентии миллии раддабандӣ пеш аз ҳама зарур аст, ки заминаи ҳуқуқӣ муҳайё карда шавад. Яъне санади меъёрии ҳуқуқие таҳия гардад, ки он фаъолияти агентии миллии раддабандиро дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба роҳ монад ва ба танзим дарорад. Ба роҳ мондани фаъолияти агентии миллии раддабандӣ маънои онро надорад, ки ширкатҳои ватанӣ агентиҳои раддабандии байналмилалиро ҷалб накунанд ва ё ин ки фаъолияти агентиҳои раддабандии байналмилалӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ маҳдуд карда шавад, баръакс агентиҳои раддабандии байналмилалӣ дар асоси талаботҳои муқарраркардаи қонунгузории мо фаъолияташонро ба роҳ монанд.

Тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ, дар бисёр давлатҳои рӯ ба инкишоф дар марҳилаи аввал давлат дар якҷоягӣ бо бонки марказӣ, вазорати молия ва дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ агентии миллии раддабандӣ таъсис дода, пас аз чанд соли ба роҳ мондани фаъолияти он, соҳибмулкӣ ва идоракунии агентии мазкур пурра ва ё қисман ба бахши хусусӣ мегузарад (мисол: Федератсияи Россия, Ҷумҳурии мардумии Чин, Бразилия, Кореяи Ҷанубӣ, Малайзия ва ғайра).

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ агентии миллии раддабандӣ бояд дар шакли ҷамъияти саҳомӣ ташкил карда шуда, фаъолияти он бояд аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба танзим дароварда шавад. Дар давраи аввали ба роҳ мондани фаъолияти агентии миллии раддабандӣ Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамшарики бо ягон агентии раддабандии байналмилалӣ метавонанд дар қатори дигар институтҳои молиявӣ ва ширкатҳои хусусӣ муассиси он бошанд. Чунки дар давраи аввали фаъолият дастгирии БМТ ҳамчун танзимгар зарур аст ва агентии раддабандии байналмилалӣ бошад аз таҷрибаи худ агентии миллиро бархурдор менамояд. Аммо пас аз соҳибтаҷриба гардидани агентии миллии раддабандӣ БМТ ва агентии байналмиллалӣ, раддабандӣ бояд саҳми худро ба бахши хусусӣ пурра ва ё қисман гузашт кунанд.

Таъсиси агентии миллии раддабандӣ ба кишвар афзалиятҳои гуногун медиҳад, аз ҷумла: пайдо ва барқарор шудани эътимод ба низоми бонкӣ, бештар шудани маблағгузориҳои дарозмуддат, беҳтар шудани ҳисоботдиҳии субъектҳои иқтисодӣ ва шаффофияти кори онҳо, паст шудани фоизҳо ва ғайра. Инчунин, фаъолияти самараноки агентии мазкур дар ҳамкорӣ бо шарикони беруна метавонад боиси дар амал татбиқ шудани Стандартҳои байналмилалии ҳисобдории молиявӣ, беҳтар ва баландтар шудани нуфузи иқтисодии давлат ва боиси болоравии рейтинги соҳибхтиёрии (қарзии) он гардад.

Фаъолияти агентии миллии раддабандӣ бояд тибқи талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шуда, ҷадвали раддабандӣ ва методологияи баҳодиҳии қобилияти қарзадокунии муштариён ба муҳити фаъолияти ширкатҳои ватанӣ мутобиқ, таҳия карда шавад.

Ҳамзамон бояд тамоми корхонаҳое, ки бо иштироки давлат фаъолият мекунанд, аз ҷумла КВД, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ширкатҳои суғуртавӣ ва ширкатҳои хусусие, ки дороиҳояшон аз 5 млн. доллари ИМА зиёд аст, бояд ҳамасола аз раддабандии агентии миллӣ гузаранд. Маълумоту таҳлилҳои агентии миллии раддабандӣ вобаста ба соҳаҳо бояд дастраси ҳамагон бошад, яъне ба таври даврӣ тавассути ВАО интишор карда шаванд.

Натиҷаҳои раддабандии агентии миллии раддабандӣ дар соҳаҳои гуногун мавриди истифода қарор гирифта метавонанд, аз ҷумла:

1. Ҳангоми ба бозори коғазҳои қиматнок баровардани саҳмияҳои ширкатҳо;
2. Ҳангоми интихоби ташкилоти қарзӣ барои пасандозгузорӣ;
3. Ҳангоми сармоягузорӣ намудан ба саҳмияҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
4. Ҳангоми интихоби ширкатҳои суғуртавӣ, ҷиҳати истифодаи хизматрасониҳои онҳо.
5. Ба ширкатҳои хусусӣ ҷиҳати ҷалби маблағгузориҳо.

Аз раддабандии агентии миллии раддабандӣ гузаштани ширкатҳо ба онҳо чунин бартариҳо медиҳанд:

1. Боиси боло рафтани обрӯй ва нуфузи ширкат мегардад;
2. Боиси таблиғи ин ширкат тавассути васоити ахбори омма мегардад;
3. Дастрасӣ ба ҷалби сармояи дохилӣ (аҳолӣ) ва беруна (ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва ширкатҳои сармоягузор) пайдо мекунад;
4. Имконияти баромадан ба бозори коғазҳои қиматнокро пайдо мекунад;
5. Имкони бо фоизҳои пасттар ба даст овардани маблағҳои қарзиро пайдо мекунад;
6. Имкони гирифтани баҳогузории мустақилона оид ба фаъолияти худро ба даст меоранд, ки маълумоти мазкур барои муассисон, саҳомон ва сармоягузорони эҳтимолӣ ниҳоят муҳим аст.

Татбиқи созишномаи Базел (аз соли 2004) ва такмили минбаъдаи он ҳамчун омили ҳавасмандкунанда барои таҳия ва татбиқи моделҳои раддабандии қобилияти қарзадокунии муштариён буд. Базел II ба ташкилотҳои қарзӣ тавсия дод, ки системаҳои махсуси раддабандии дохилии муштариёни худро ҷорӣ намоянд, ки дар асоси онҳо рейтинги қарзгирандагон баҳо дода шуда, сатҳи захираҳои ташаккулёфта ҷиҳати рӯйпушкунии талафотҳои имконпазир мувофиқи сатҳи онҳо ҳисоб карда шавад.  Созишномаи Базел III ҳангоми баҳодиҳии кифоятии сармояи бонкӣ истифодаи рейтинги кредитии қарзгирандагонро тавсия медиҳад. Тавсия дода мешавад, ки:

- Раддабандӣ бо истифода аз низоми баҳодиҳии дохилибонкӣ, ки ҳар як бонк методологияи чунин баҳодиҳиро  худ муқаррар намояд (internal rating based system).
- Раддабандӣ дар асоси маълумотҳои агентии раддабандии кредитӣ.

Агентии миллии раддабандӣ метавонад раддабандии ташкилотҳои қарзии молиявиро бо ду усул ба роҳ монад:

1. Баҳодиҳии раддабандии қобилияти қарзадокунии ташкилотҳои қарзӣ;
2. Баҳодиҳии раддабандии хизматрасониҳои ғайрикредитии ташкилотҳои қарзӣ.

Дар навбати худ баҳодиҳии раддабандии хизматрасониҳои ғайрикредитии ташкилотҳои қарзиро ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Раддабандии иқтидори молиявӣ, мавқеъ дар бозор, мавқеи рақобатпазирӣ ва самаранокии фаъолияти ташкилоти қарзии молиявӣ;
2. Раддабандии самаранокии фаъолияти ташкилоти қарзӣ вобаста ба ягон нишондиҳанда, аз ҷумла вобаста ба ҳаҷми дороиҳо, сармояи худӣ, сатҳи даромаднокӣ, ҳаҷми сандуқи қарзӣ, ҳаҷми пасандозҳои ҷалбшуда, шумораи воҳидҳои сохторӣ ва ғайраҳо;
3. Раддабандии хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ (пасандозҳо, кортҳои бонкӣ, қарз ва ғайраҳо).

**Хулоса**

Мақсади асосии ин мақола баррасии зарурати таъсисдиҳии Агентии миллии раддабандӣ мебошад. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки ташаккули чунин як ниҳод ва ё институти тиҷоратӣ дар Ҷумҳурӣ бевосита пайомадҳои хуб дошта, боиси ҷалби сармояи дохиливу берунӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт мегардад. Инчунин, ҷоннок намудани фаъолияти Агентии миллии раддабандӣ метавонад ба коҳиши сатҳи хавфҳо дар низоми бонкӣ, идоракунии беҳтари хавфҳо, тавсеаи шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ ва ниҳоят ба паст шудани фоизи қарзҳо ва афзоиши маблағҳои ҷалбшаванда таъсири мусбӣ расонад.

# Назаре ба таърихи пайдоиши пул дар ҷаҳон

Пул ҷузъи таркибии ҳаёти иқтисодии ҳар ҷомеа буда, вазифаи воситаи муомилот, ченаки арзиш, воситаи ҷамъоварӣ ва пулҳои ҷаҳониро иҷро мекунад. Низоми пулии муосир натиҷаи таҳаввулоти тулонии таърихӣ буда, тағйироти сохторҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологии ҷомеаи инсониро инъикос мекунад.



Таърихи пайдоиши пул ва муомилоти пулӣ, на танҳо раванди иқтисодӣ, балки раванди фарогирест, ки тамоми таърихи инкишофи тамаддуни инсониятро дар бар гирифта, аз замонҳои қадим ибтидо мегирад.

Дар илми иқтисодӣ ду назарияи пайдоиши пул вуҷуд дорад:

- ратсионалистӣ;
- эволютсионӣ.

Моҳияти назарияи якум аз он иборат аст, ки пул натиҷаи созиши байни одамон мебошад, ки онро давлат ва қонун эътироф мекунанд. Мақсади асосии пайдоиши пул сода кардани раванди мубодила мебошад. Ин назария бори аввал дар асари Арасту "Этикаи Никомаха" дарҷ шудааст. Арасту исбот кард, ки барои мубодила бояд як воҳиди ченак вуҷуд дошта бошад. Ӯ бовар дошт, ки пул ба воситаи қонун воситаи ҳуқуқии мубодила мегардад. Муносибати ратсионалистӣ аз лаҳзаи пайдоиши худ барои тағйироти гуногун, ки дар илми иқтисодӣ то миёнаҳои асри XIX мавҷуд буд, заминаи мусоид фароҳам овард, ки дар айни замон дар назарияи гуногуни миқдори пул мавҷуд аст.

Муносибати эволютсионӣ дар як вақт бо инкишофи иқтисоди сиёсии классикӣ ба вуҷуд омад. Дар пайдоиши ин равиш назарияи тарҳрезикардаи Карл Маркс дар бораи пайдоиши пул ҳамчун моли махсус, ки дар рафти инкишофи муносибатҳои молӣ ва иқтисоди бозор ба вуҷуд омадааст, нақши муҳим бозид. Мувофиқи консепсияи эволютсионӣ пул аз як тараф натиҷаи объективии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва дар ҳамин асос инкишоф ёфтани мубодилаи мол мебошад. Аз тарафи дигар, вай шакли таърихан муайяншудаи муносибатҳои иқтисодии байни одамонро ифода менамояд. Ҳарчанд ин равиш имрӯз бартарӣ надорад, аммо ҳанӯз иқтидори иқтисодии фалсафӣ ва сиёсии он ҳанӯз пурра амалӣ нашудааст. Натиҷагирии муҳимми ин назария хулоса дар бораи пайдоиши молии пул мебошад.

Тезутунд шудани зиддиятҳои иқтисоди бозории ҷаҳонӣ ва бӯҳронҳои такрории молиявӣ, ки сабабҳои онҳо, аз ҷумла, дар ташкили ғайриқаноатбахши иқтисодиёти пулию қарзӣ мебошад, олимон ва таҷрибаомӯзонро во-

дор мекунад, ки гоҳ-гоҳ ба баррасии пайдоиши олами сармоядорӣ ва масъалаи пайдоиши пул муроҷиат намоянд.

Бо вуҷуди ин, бисёр саволҳои марбут ба назарияи пул, аз ҷумла масъалаи пайдоиши пул ҳанӯз норавшан боқӣ мемонад.

Пайдоиши пул бо раванди таърихии мубодилаи мол ва тағйир додани шаклҳои моликият алоқамандии зич дорад.

Таърихнигорон муайян намудаанд, ки дар таърихи мардумони қадим нақши пулро ҳамон молҳое иҷро мекарданд, ки ба онҳо талабот бештар буд ва ё барои ин мақсадҳо онҳо мусоид буданд, мисли намак, матоъҳои пахтагин, дастбандҳои мис, тилло, садаф, моҳии хушккардашуда ва ғайра.

Яъне, то пайдо шудани пул тиҷорати байни одамон асосан ба воситаи мубодилаи мол анҷом меёфт.

Аввалин тақсимоти ҷамъиятии меҳнат - аз ҳам ҷудо шудани қабилаҳои чорводор ва зироаткорӣ сабаби ба вуҷуд омадани шакли мукаммали арзиш гардид. Ин шакл аз шакли одӣ бо он фарқ мекард, ки дар муомилот молҳои сершумор иштирок мекарданд ва бинобар ин ҳар як маҳсулотро ба молҳои гуногун - эквивалентҳо иваз кардан мумкин буд.

Пеш аз пайдоиши пул мубодилот дар ҷамъияти инсонӣ ба воситаи бартер - мубодилаи бевоситаи мол ва хизматрасонӣ ба амал меомад. Бо вуҷуди ин, систе-



**Саломзода Г.Ғ.,** номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини директори пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ

маи мубодила маҳдудиятҳои назаррас дошт:
- Тасодуфи дукаратаи эҳтиёҷот: ҳар ду тараф бояд он чизеро, ки дигаре мехост, дошта бошад.
- Имконнопазирии стандартизатсияи арзиш: ченаки ягонаи арзиш вуҷуд надошт.
- Таносуб барои ҷамъ кардани сарват: Аксари молҳо бо мурури замон вайрон мешаванд ё арзиши худро гум мекунанд.

Ин маҳдудиятҳо ҷустуҷӯйи воситаи умумии муомилотро ташвиқ мекарданд, ки асоси пайдоиши шаклҳои аввалини пул гардид.

Бо гузашти давру замон тамаддунҳои гуногун молҳоеро ба кор бурданд, ки барои табодули онҳо осон буданд, аз қабили: садаф - дар Чин, Ҳиндустон ва Африқо. Намак ҳам арзиши бузург дошт ва дар Рими Қадим ҳамчун пул истифода мешуд (аз ин рӯ калимаи “salary” (маош) - аз калимаи лотинӣ sallarium пайдо шудааст, яъне ҳаққи намак). Дар байни халқу қабилаҳои бодиянишин дар арзҳои шимолӣ, ки чорводор буданд, пӯсту мӯйина воситаи асосии мубодила буд. Аммо мубодилаи ин молҳо ҳанӯз норасоиҳо дошт: баъзеи ин молҳо калон буданд, ба қисмҳо тақсим карданашон душвор буд ва бо гузашти вақт метавонистанд, вайрон шаванд.

Ин мураккабии мубодилаи мол барои ба вуҷуд омадани моли махсус, ки тамоми вазифаҳои пулро иҷро карда тавонад, шароит фароҳам овард ва сабаби ба миён омадани пул гардид.

Башарият барои пайдо кардани моли махсус ба сифати мубодилаи мол хеле зиёд дар ҷустуҷӯ буд. Пешравии воқеӣ дар муомилоти пулӣ вақте ба амал омад, ки одамон барои муомилот аз филизоти гуногун: мис, биринҷӣ, нуқра ва тилло истифода бурданд, ки дорои чанд бартарӣ буданд:
- **нодирӣ** - барои ба даст овардани тилло ва нуқра меҳнати зиёд лозим аст ва ҳаҷми ба дастовардашуда доимо нисбат ба талаботи онҳо кам мебошад, бинобар ин, арзиши онҳо баланд буда, барои мубодилаи молҳои гуногун хеле мусоиданд;
- **бозоргирӣ** - аз сабаби он ки талабот ба филизоти қиматбаҳо доимо зиёд буд, ҳама вақт ба тамоми намуди молҳо тез мубодила карда мешуданд;

- **дарозумрӣ** - тилло ва нуқра филизоте ҳастанд, ки ба фарсудашавӣ тобоваранд, бинобар ин, тангаҳои тилло зиёд хизмат мекарданд, инчунин барои воситаи андӯхт хеле мусоид ҳисобида мешуданд;
- **мусоид будан** - аз ҳисоби нодирӣ ва қимати баланд доштан метавон тангаҳоеро сохт, ки аз ҷиҳати ҳаҷм хурд ва ё сабук буда, лекин дорои арзиши гаронанд;
- **фарққунӣ** - тилло ва нуқра аз тарафи одамон ба зудӣ муайян карда мешуданд;
- **ба қисмҳо ҷудошавӣ** - хусусияти дигари фарққунандаи онҳо ба қисмҳои гуногун ва дар ҳаҷмҳои гуногун тақсимшавии онҳо мебошад;
- **ҳамгунӣ** - одамон ба зудӣ метавонистанд ин филизотро коркард намуда, тангаҳои лозимаро сохта, тибқи арзишҳои стандартӣ ва баръакс, ҳангоми зарурат онҳоро метавонистанд ба як филиз мубаддал намоянд, дар ин маврид филиз вазни худро дигар намекард.

Аввалин пулҳои филизӣ тақрибан 3000 сол пеш дар Чини Қадим ва подшоҳии Лидия пайдо шуданд.

Истифодаи тангаҳои филизӣ ба зудӣ дар тамоми ҷаҳони қадим паҳн шуд:

Қадимтарин макони сикказании машҳур дар ҷаҳон дар Гуанчжуан дар музофоти Хэнани Чин буд. Ин сиккахона тахминан соли 640 пеш аз милод ба сикказании танга шуруъ кард, ин шояд аввалин сикказании стандартии тангаҳои филизӣ бошад.

Аз ин лиҳоз садсолаҳо тилло ва нуқра дар шаклҳои тангаву сабика дар раванди мубодилаи мол истифода мешуданд ва то давраҳои наздик «тилло», “нуқра” ва “пул” ҳамчун муродифи якдигар фаъолият мекарданд. Пулҳои филизӣ барои низоми мутамарказии молиявӣ замина гузошта, андозбандӣ ва буҷети давлатиро ба вуҷуд оварданд.

Бо гузашти замон ва инкишофи мубодила муайян гашт, ки филизоти қиматбаҳо асоси мубодилаи пулӣ нестанд, чунки дорои як қатор норасоиҳо буданд: кашондан ва нигоҳдории онҳо хароҷоти зиёдеро талаб мекунад.

Оҳиста-оҳиста кишварҳо ба танзими таркиби филизии тангаҳо шуруъ карданд, ки ин масъалаҳои зеринро ба вуҷуд овард:

- **Беқурбшавӣ** - камшавии таркиби филизоти қиматбаҳо мебошад.
- **Сенораж** - даромади давлат аз муомилоти пул, махсусан дар ҳолати паст будани вазни тангаҳо.

Аз ин лиҳоз пулҳои коғазӣ ҳамчун як воситаи нав дар мубодилаи пулӣ ба миён омаданд. Аввалин пулҳои коғазӣ дар асри VIII милодӣ дар Чин пайдо шуданд. Тоҷирони чинӣ ба ҷойи тангаҳои вазнин расидро истифода бурданд ва давлати қадимаи Чин ба зудӣ расман ба муомилоти пулҳои коғазӣ шуруъ кард.

Чиниҳо тақрибан дар соли 1260-и милодӣ аз танга ба пули коғазӣ гузаштанд. Дар рӯзгоре, ки сайёҳи машҳур Марко Поло, тақрибан дар соли 1271 милодӣ ба Чин сафар кард, императори Чин аллакай ҳам ҳаҷми пул ва ҳам гардиши онро назорат мекард.

Баъдан дар дигар кишварҳо низ бар ивази тангаҳои филизӣ пулҳои коғазӣ барои истифода равона карда шудаанд. Арзиши номиналии он аз тарафи сарварони мамлакат ва бо имзои бонкирҳо тасдиқ карда шуда буданд (масалан, дар Чин тавассути муҳри императорӣ тасдиқ мешуд).

Дар Аврупои Ғарбӣ пулҳои коғазӣ назар ба Чин хеле дертар ихтироъ карда шуданд. Дар охири асри XVII ҳаҷми пул дар Британияи Кабир 80% аз тангаҳои тиллою нуқра ва 20% пулҳои коғазӣ иборат буд ва дар ибтидои асри XIX пулҳои коғазӣ аллакай нисфи тамоми пулро ташкил медоданд. Гап дар сари он аст, ки мавҷудияти тилло ва нуқра бо суръати тараққиёти танҳо як соҳа – истихроҷи маъдан (он ҳам ба захираҳои табиӣ хеле вобаста) муайян карда мешавад. Зимнан, эҳтиёҷ ба пул ба рушди иқтисодии кулли

| Минтақа | Давра | Хусусиятҳои тангаҳо |
|---|---|---|
| Юнони қадим | VI–IV - уми пеш аз милод | Зарббарории бадей, мазҳабҳои гуногун |
| Рими қадим | III пеш аз милод - асри IV мелодӣ | Системаи равшани пулӣ: ас, денарий, сестерсий |
| Чин | асри V пеш аз милод | Тангаҳо бо сӯрохии чоркунҷашакл - «коу сян» |

кишвар вобаста аст. Бинобар ин, вақте ки пас аз Инкилоби саноатӣ афзоиши босуръати иқтисодиёт оғоз ёфт, иваз кардани пулҳои филизӣ бо пули коғазӣ на танҳо имконпазир, балки ногузир гардид. Дар давоми асри XVIII пулҳои коғазӣ дар ҳамаи мамлакатҳои Аврупо паҳн шуд ва дар охири асри XIX дар тамоми ҷаҳон хукмрон шуданд.

Аз ҳамин лаҳза пулҳои коғазӣ бе арзиши худ, вале бо кафолати давлатӣ ба воситаи асосии муомилот табдил ёфтанд. Ин пулҳои фиатиро ба вуҷуд овард - пуле, ки аз тилло ё нуқра таъмин карда нашудааст, балки танҳо бо эътимод ба эмитент дастгирӣ карда мешавад.

Пулҳои коғазӣ нисбат ба пулҳои филизӣ як қатор камбудиҳо доранд: филизоти пулӣ ҳатто пас аз ҳазорсолаҳо дар ҳар кишвар арзиши худро нигоҳ медоранд, дар ҳоле ки пулҳои коғазӣ арзиши дохилӣ надоранд, қурби онро ҳукумат ё бонке, ки онро баровардааст, кафолат медиҳад ва аз ин рӯ, бухронҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ метавонанд онро хеле зуд беқурб намоянд. Аммо вобастагии баланди устувории пул аз вазъи бозор бо афзалиятҳои муомилоти пулҳои коғазӣ ҷуброн карда мешавад. Агарчи пулҳои коғазӣ ҳамчун воситаи андӯхт назар ба пулҳои филизии мукаммал бадтар ҳам бошанд, вай вазифаи ченаки арзишро ҳамон қадар бомуваффақият иҷро менамоянд ва пулҳои коғазӣ ҳамчун воситаи муомилот ва пардохт ба таври назаррас мусоидтар мебошанд.

То асри XX ҳаҷми пул аксар вақт аз ҳисоби захираҳои тилло таъмин карда мешуд, ки барориши онро маҳдуд мекард. Бо вуҷуди ин, дар давоми ҷангҳои ҷаҳонӣ ва бухронҳои иқтисодӣ, аксари кишварҳо стандарти тиллоиро тарк карданд:

- **1944** - Системаи Бреттон Вудс: Доллари ИМА ба асъори захиравии ҷаҳонӣ табдил ёфт, ки ба тилло пайваст карда шудааст.
- **1971** - Иёлоти Муттаҳида пуштибонии тиллоии долларро бекор мекунад (қарори Р. Никсон) ва давраи пулҳои комилан фиатӣ оғоз меёбад.

тиллоии ҳахоманишӣ мебошанд, яъне дар асрҳои VI - V то милод, ки дар бозёфти машҳури “Хазинаи Амударё”, ки ҳанӯз соли 1878 дар ноҳияи Қубодиён кашф гардида буд, ба даст омадаанд.

Сарзаминҳои Суғд ва Бохтар, ки қисмати муҳимми империяи Ҳахоманиширо ташкил медоданд, дар меҳвари савдои қадими байналмилалии Шарқу Ғарб қарор гирифта буданд.

Муомилоти пулӣ дар қаламрави Тоҷикистон минбаъд дар аҳди Искандари Мақдунӣ ва Селевкиён яъне асрҳои IV - III то милод рушд пайдо кард. Дар асрҳои миёна

**Сиккаҳои замони Мансур ибни Нӯҳи I (961-976)**



**Аз коллексияи фулуси (сиккаҳои мисӣ) амирон ва моликони сомонӣ дар шакли “дарахти шаҷара” аз аҳди Аҳмад б. Асади Сомонӣ (819-864) (падари Исмоили Сомонӣ) ва писаронаш.**

Таърихи пайдоиши пул ва муомилоти пулӣ дар қаламрави Тоҷикистон аз давраҳои қадим оғоз мегардад.

Тангаҳои қадимтарине, ки дар қаламрави Тоҷикистон пайдо гардидаанд, дорикҳои

муомилоти пулӣ дар давраи нахустин давлати мутамаркази тоҷикон - Сомониён дар асрҳои IX - X ба авҷи тараққиёт худ расид. Дирҳамҳои Сомонӣ натанҳо дар ҳудуди ин давлат, балки фаротар аз қаламрави

он дар муомилот қарор доштанд.

Воқеан, барориши пул, яъне сикка задани дирамҳои нуқра ва зарби динорҳои тилло дар шаҳрҳои Бухорою Самарқанд ва ғайра намояи равшани равнақи иқтисоди бозаргонӣ ва болоравии сатҳи зиндагии мардум дар рӯзгори Сомониён буд. Мардум дар муомилоти ҳаррӯза бештар аз дирамҳои нуқраи «исмоилӣ» истифода мекарданд. Дар айни замон дар ҳудуди Русия, Лаҳистон ва кишварҳои Скандинавия бостоншиносон аз зери хок дирамҳои зиёди исмоилӣ ба даст овардаанд, ки дар ин бобат академик Бобоҷон Ғафуров чунин мегӯяд: "Тааҷҷубангез аст, ки дар ҳудуди Осиёи Миёна дирамҳои исмоилӣ кам ба назар мерасанд, вале дар Аврупои Шарқӣ ва сарзамини канори Балтика то имрӯз садҳо хазинаи дирамҳои исмоилӣ ёфт шудаанд. Мутаносибан, ин дирамҳо ҳарчанд дар ҳаёти иқтисодии дохили давлат нақши муассире доштанд, аммо дар навбати аввал вазифаи пули ҷаҳониро иҷро мекардаанд".

Дар давраи Сомониён дар бештар аз 30 шаҳр сиккахонаҳо амал мекарданд.

Рушди минбаъдаи муомилоти пулӣ дар Осиёи Миёна ба давраи Темуриён (асри XV) рост меояд. Хазинаҳои бузурги тангаҳои мисини Темуриён дар Душанбе, Хуҷанд, Ҳисор, Регар ва маҳалҳои дигар бозёфт гардидаанд.

Сикказании танга дар қаламрави Осиёи Миёна то соли 1920 идома ёфт.

Барориши нахустин пулҳои коғазӣ дар қаламрави Осиёи Миёна, ки мисли сиккаҳои нуқра «танга» ном доштанд, ба солҳои охири ҳукмронии амири охирини Бухоро Саид Олимхон рост меояд. Тамоми матни ин пулҳо ба забони тоҷикӣ навишта шудааст.

Ташкили низоми муосири бонкӣ танҳо баъди истиқлолият ба даст овардани Тоҷикистон (9 сентябри соли 1991) ва ташкили Бонки миллии Тоҷикистон муяссар гардид.

Бояд таъкид кард, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ пули давраи Иттиҳоди Шуравӣ то охири соли 1993 ва аз 1 январи соли 1994 - пули нақди Федератсияи Русия дар гардиш қарор дошт.

Бо қарори Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷорӣ намудани пули миллӣ аз 6 майи соли 1995, № 8 (324) "Дар бораи тартиби дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровардани пули миллӣ - рубли тоҷикӣ" дар таърихи 10 майи соли 1995 пули миллии Тоҷикистон бо арзиши 1, 5, 10, 20, 50, 100, 200, 500, 1000 рубли намунаи соли 1994, барориши Бонки миллии Тоҷикистон, ба муомилот бароварда шуд.

Баъдан бо фароҳам омадани имкону шароити мусоид, аз таърихи 30 октябри соли 2000 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2000, № 415 воҳиди нави пули миллии кишвар - "Сомонӣ" ба муомилот бароварда шуд, ки ба ифтихори бунёдгузори аввалин давлати мутамаркази тоҷикон - Исмоили Сомонӣ номгузорӣ шудааст. Дар он вақт пулҳои коғазӣ бо арзиши 1, 5, 10, 20, 50, 100 сомонӣ ва воҳиди хурди он бо арзиши 1, 5, 20, 50 дирам ба муомилот бароварда шуданд.

Ҳамчунин тангаҳои филизии барориши Бонки миллии Тоҷикистон бо арзиши 1, 3, 5 сомонӣ ва 5, 10, 20, 25, 50 дирам аз таърихи 3 сентябри соли 2001 ба муомилот бароварда шуданд.

Сипас, бо мақсади боз ҳам самараноктар ба роҳ мондани муомилоти молияю пулӣ ва кам кардани хароҷоти чоп, пулҳои арзишашон 3, 200 ва 500 сомонӣ чоп карда шуданд, ки Бонки миллии Тоҷикистон онҳоро аз моҳи сентябри соли 2010 ба муомилот ворид намуд.

Имрӯз бо боварии тамом метавон гуфт, ки пули миллии сомонӣ ба сифати рамзи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар худ таъриху фарҳанги деринаи миллати моро таҷассум намуда, дар минтақаи гардиши худ дорои эҳтирому эътибор мебошад.

Бояд таъкид кард, ки имрӯз пул на танҳо дар шакли тангаву коғаз, балки дар шакли рақамӣ низ вуҷуд дорад. Ҳисобҳои бонкӣ, пардохтҳои электронӣ ва криптоасъор ҷаҳони молиявиро тағйир доданд.

Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ дар охири асри XX як намуди нави пул пайдо шуд - пулҳои электронӣ, ки дар кортҳои бонкӣ, системаҳои пардохт ва ҳамёнҳои рақамӣ нигоҳ дошта мешаванд. Онҳо воситаи физикӣ надоранд ва дар шакли сабтҳо дар пойгоҳи додаҳои электронӣ мавҷуданд. Мисолҳо:

- **Кортҳои бонкӣ** (дебетӣ, кредитӣ)
- **Системаҳои пардохти электронӣ** (PayPal, WebMoney)
- **Барномаҳои пардохти мобилӣ** (Apple Пардохт, Google пардохт)

Пулҳои электронӣ як намуди пулҳои ғайринақдӣ мебошанд, ки дар суратҳисоби бонкӣ нигоҳ дошта шуда, аз ҷониби мақомоти танзимкунандаи давлатӣ ва бонкҳо назорат карда мешаванд. Бо истифода аз кортҳои пешпардохт ё ҳамёнҳои электронӣ, муштариён метавонанд барои молҳо ва хизматрасониҳо, аз ҷумла дар Интернет пардохт анҷом диҳанд. Онҳо мусоид буда, амалиётро осон менамоянд, зеро онҳо аз муштарӣ кушодани суратҳисоби бонкиро талаб намекунанд.

Аз соли 2009, давраи нав оғоз ёфт - пайдоиши криптоасъор пули рақамии ғайримарказонидашуда, дороиҳои рақамӣ дар асоси технологияи блокчейн.

Эволютсияи пул на танҳо таърихи воситаҳои иқтисодӣ, балки инъикоси пешрафти иҷтимоӣ ва технологии инсоният мебошад. Гузариш аз муомилоти бартерӣ ба пулҳои рақамӣ нишон медиҳад, ки чӣ гуна ғояҳо дар бораи арзиш, эътимод ва мубодила тағйир меёбанд:

- иқтисодиёти бартерӣ зарурати воситаи умумии муомилотро нишон дод;
- тангаҳои филизӣ рамзи арзиши объективӣ гардиданд;
- пулҳои коғазӣ ва низоми бонкӣ унсурҳои эътимод ва назорати ҳукуматро ба даст оварданд;
- пулҳои электронӣ ва рақамӣ ҳудуди муомилоти анъанавии пулиро шикастанд ва шаклҳои нави ҳамкорӣ - аз криптоасъорҳо то пулҳои марказии рақамиро пешниҳод карданд.

Низоми муосири молиявӣ барои мувозинати байни навовариҳои технологӣ ва суботи иқтисодӣ саъю кӯшиш дорад. Пул дигар ба воситаҳои физикӣ ниёз надорад, вай ба иттилооте табдил меёбад, ки фавран дар тамоми ҷаҳон пахн карда мешавад. Ин гузариш аз нав дида баромадани асосҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии муносибатҳои пулиро талаб мекунад.

Дар маҷмуъ, таърихи пул таърихи пешрафти инсоният аст. Аз мубодилаи мол то танга, пулҳои коғазӣ ва пулҳои рақамӣ ҳазорҳо сол гузашт ва ин раванд ҳанӯз идома дорад. Шояд дар оянда пардохт комилан ба олами маҷозӣ гузарад ва пулҳои коғазӣ ба экспонатҳои осорхонаҳо табдил ёбанд.

Вале ҳамин чиз баҳснопазир аст, ки то замони ба воситаи мубодила ниёз доштани одамон низоми пулию қарзӣ мунтазам инкишоф хоҳад ёфт.

**Сарчашмаҳои истифодашуда:**


1. Гафуров Б., Таджики. - М.:Наука, 1972. – 664 с.
2. Грачёва М. В. Деньги, кредит, банки. - М.: Юрайт, 2021. - 432 с.
3. Поляк Г. Б. Финансы: Учебник для вузов. - М.: ЮНИТИ, 2019. - 448 с.
4. Davies G. A History of Money: From Ancient Times to the Present Day. - Cardiff: University of Wales Press, 2016.
5. Ferguson N. The Ascent of Money: A Financial History of the World. - London: Penguin Books, 2009.
6. Mishkin F. S. The Economics of Money, Banking and Financial Markets. - 12th ed. - New York: Pearson, 2022.
7. Рушди низоми бонкӣ дар 25 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2016. - 294 с.




# Шарҳи мухтасар оид ба натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкӣ дар соли 2024

12 феврали соли 2025 мутобиқ ба Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси нақшаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташкил ва гузаронидани нишастҳои матбуотӣ дар вазорату идораҳо оид ба ҷамъбасти соли 2024 дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони воситаҳои ахбори оммаи дохилӣ ва хориҷӣ нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс зимни маърӯза изҳор дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2024 фаъолияти худро тибқи қонунгузории соҳавӣ ва вазифагузориҳо аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, инчунин Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат амалӣ намуд.

Дар соли 2024 сатҳи таваррум дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок (6±2 б.ф.) ҷамъбаст гардида, 3,6 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 0,2 банди фоизӣ кам мебошад.

Бахри танзим намудани ҳаҷми пул дар муомилот, идоракунии сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ ва фаъолгардонии бозори молиявӣ 120 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ба маблағи 12,0 млрд сомонӣ баргузор гардид. Дар баробари ин, аз ташкилотҳои қарзӣ тавассути амалиёти амонатҳои шабонарӯзӣ маблағҳои озод ҷалб карда шуданд, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз 1,1 млрд сомониро ташкил намуданд.

Меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ бинобар идома ёфтани раванди муътадили сатҳи нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот, инчунин поёнтар аз доираи ҳадафи муқарраргардида қарор доштани сатҳи таваррум дар соли 2024 тадриҷан 1,0 банди фоизӣ паст карда шуда, дар сатҳи 9,0 фоизи солона муқаррар гардид.

Қайд гардид, ки дар соли ҳисоботӣ қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари

ИМА дар соли 2024 ба андозаи 0,2 фоиз устувор гардид. Бо назардошти вазъи иқтисоди ҷаҳон

қаблӣ 31 адад зиёд мебошад.

Дороиҳо ва уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ

шудааст.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2024 бақияи умумии пасандозҳо 25,5 млрд сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин санаи соли қаблӣ 31,2 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳо аз рӯи ҳисса бо пули миллӣ 60,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 39,5 фоизро ташкил намуд. Дар таркиби бақияи умумии пасандозҳо ҳиссаи шахсони ҳуқуқӣ 11,1 млрд сомонӣ ё 43,5 фоиз ва ҳиссаи шахсони воқеӣ 14,4 млрд сомонӣ ё 56,5 фоизро ташкил медиҳанд.



қурби расмии асъори миллии аксари кишварҳои шарики асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба доллари ИМА тағйир ёфтанд. Аз ҷумла қурби соми Қирғизистон 2,3 фоиз устувор гардида, лираи Туркия 19,7 фоиз, тангаи Қазоқистон 15,2 фоиз, рубли Федератсияи Россия 13,4 фоиз, рубли Белорус 9,3 фоиз, суми Ӯзбекистон 4,7 фоиз ва юани Чин 1,5 фоиз нисбат ба доллари ИМА коҳиш ёфт.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санаи 31 декабри соли 2024 дар маҷмуъ 65 ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 15 бонки анъанавӣ, 1 бонки исломӣ, 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 22 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 ташкилоти қарзии хурд ва 23 фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд. Теъдоди воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар интиҳои соли ҳисоботӣ ба 1 928 адад баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин санаи соли



дар интиҳои соли 2024 ба 47,5 млрд сомонӣ ва 38,5 млрд сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2023 мувофиқан 26,0 фоиз (ё 9,8 млрд сомонӣ) ва 27,0 фоиз (ё 8,2 млрд сомонӣ) зиёд мебошанд.

Сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба 9,0 млрд сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ ба андозаи 1,6 млрд сомонӣ ё 21,8 фоиз зиёд

Дар соли 2024 ҳаҷми қарзҳои додашуда 24,6 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 5,6 млрд сомонӣ ё 29,3 фоиз зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ба соҳаҳои истеъмолот 47,1 фоиз, савдои хориҷӣ 14,6 фоиз, кишоварзӣ 12,7 фоиз, саноат 12,4 фоиз, хизматрасонӣ 6,9 фоиз, сохтмон 3,9 фоиз ва дигар соҳаҳо 2,3 фоиз рост меояд. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки аз ҳаҷми умумии қарзҳои

додашуда 31,1 фоиз ба соҳибкории истеҳсолӣ рост омада, маблағи 7,6 млрд сомониро ташкил додааст. Дар соли ҳисоботӣ ба маблағи 17,8 млрд сомонӣ қарзҳои хурд дода шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 31,3 фоиз зиёд мебошад.

Фоизи миёнавазни қарзҳо бо пули миллӣ 22,1 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 11,7 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2023 бо пули миллӣ 1,1 банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ 0,1 банди фоизӣ паст шудааст.

Бақияи сандуқи қарзии маҷмуии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар интиҳои соли ҳисоботӣ маблағи 21,4 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба интиҳои соли 2023 ба маблағи 3,5 млрд сомонӣ ё 19,8 фоиз афзоиш ёфтааст.

Меъёри кифояти сармоя, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявӣ дар низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад, ба санаи 31 декабри соли 2024 21,8 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба талаботи муқарраршуда (12 фоиз) 9,8 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Гуфта шуд, ки ба санаи 31 декабри соли 2024 миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 8,4 млн ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 25,7 фоиз зиёд мебошад. Шумораи умумии ҳамёнҳои электронӣ ба 12,1 млн адад баробар гардида, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 38,6 фоиз афзоиш ёфтааст.

Ба санаи ҳисоботӣ барои анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар марказҳои хизматрасонии бонкӣ, нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ 11 955 терминали электронӣ насб карда шудааст, ки аз онҳо 5 530 POS-терминал махсус барои қабули пардохтҳои ғайринақдии хизматрасониҳои давлатӣ истифода мешаванд. Инчунин, дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ 19 918 QR–рамзи ягона насб карда шудааст, ки 3 161 адади он махсус барои қабули пардохтҳои хизматрасонии музднoки давлатӣ пешбинӣ шудааст.




Барои пур кардани суратҳисобҳои бонкӣ, кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронии муштариён аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва агентҳои бонкии пардохтии онҳо дар маҷмӯъ зиёда аз 9,1 ҳазор терминали худкор дар кӯчаю хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ насб карда шуданд.

Дар соли 2024 бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 92,4 млн амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 30,4 млрд сомонӣ гузаронида шудааст, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба соли 2023 аз рӯи шумора 61,7 фоиз ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 95,3 фоиз афзоиш ёфтанд. Таносуби ҳаҷми амалиётҳои гирифтани пули нақд ва амалиётҳои ғайринақдӣ 73,8 фоиз ба 26,2 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ ҳиссаи амалиётҳои пардохти ғайринақдӣ 6,6 банди фоизӣ зиёд гардид.

Қайд гардид, ки ба интиҳои соли 2024 дар ҷумҳурӣ 16 ташкилоти

суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии

кил дода, нисбат ба ММД ба андозаи 0,6 фоиз баробар шуд.



ғайридавлатӣ бо 66 филиал ба аҳолии ҷумҳурӣ хизматрасониҳои суғуртавиро пешниҳод намуданд.

Натиҷаи ҷамъбасти фаъолияти низоми суғуртаи кишвар дар соли 2024 нишон дод, ки нишондиҳандаҳои асосии соҳа раванди афзоиш доштанд, аз ҷумла дороиҳои низом нисбат ба соли қаблӣ 10,5 фоиз, сармоя 19,6 фоиз, сармояи оинномавӣ 45,1 фоиз, захираҳои суғуртавӣ 2,5 фоиз, пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ 26,6 фоиз, сармоягузориҳо 32,7 фоиз, пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ 37,0 фоиз ва андозҳои пардохтшуда 24,4 фоиз зиёд гардиданд.

Дар маҷмуъ, дар давраи ҳисоботӣ саҳми дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявӣ 1,7 фоизро таш-

Вобаста ба муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зикр гардид, ки дар соли ҳисоботӣ 1 568 муроҷиат, аз ҷумла 794 адад тавассути телефони боварӣ, 519 адад тариқи қабули бевоситаи шаҳрвандон, 230 адад тариқи хаттӣ (аризаҳо) ва 25 адад тариқи почтаи электронӣ ба унвони Бонки миллии Тоҷикистон ворид гардид, ки дар умум ҳамаи онҳо тибқи тартиби муқарраршуда ҳалли худро ёфтанд.

Зимнан қайд гардид, ки БМТ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз қабили Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА), Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Исломии Рушд, Бонки рушди Аврупоосиё, Бонки байнидавлатӣ, Иттиҳоди дастрасии молиявӣ, фондҳои байналмилалӣ, бонкҳои марказӣ (миллӣ) ва сохторҳои бонкии кишварҳои хориҷӣ ҳамкории судманд ба роҳ мондааст.

Дар соли 2024 ба низоми бонкии кишвар ба маблағи 4,2 млрд доллари ИМА сармояи хориҷӣ (қарз, сармоягузориҳои мустақим ва дигар намуди сармоягузориҳо) ҷалб карда шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 88,7 фоиз зиёд мебошад.

Дар қисмати саволу ҷавоби нишасти матбуотӣ намояндагони воситаҳои ахбори омма ба саволҳо оид ба Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, захираҳои байналмилалӣ, меъёри бозтамвил, таваррум, криптоасъор, бонкдории исломӣ, тадбирҳо оид ба вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, пешниҳоди навъҳои гуногуни хизматрасониҳои пардохтӣ, фоизи қарзҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми низоми бонкӣ посухҳои мушаххас гирифтанд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода дар ҷамъбасти нишаст ба намояндагони воситаҳои ахбори омма барои ҳамкории судманд, инъикоси воқеъбинонаи фаъолияти низоми бонкӣ изҳори сипос намуд ва барои боз ҳам вусъат бахшидани ҳамкориҳои самарабахш омодагии хешро баён дошт.

**Шуъбаи матбуот**

# Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – меҳвар ва оинаи маърифати ҳуқуқӣ




Соли 2024 Тоҷикистон 30 солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бошукуҳ таҷлил намуд. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки 28 декабри соли 2023 ироа гардид, дар он қатори як зумра масъалаҳои асосӣ ва ҳаётӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашн гирифтани 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон намудани соли 2024-ро ташаббус намуданд.

Таҷлили 30-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон басо рамзист ва мақсаду мазмуни худро дорад. Чунки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули низоми ҳуқуқии кишвар нақши муҳимму принсипиалӣ дорад. Ҳар як санади ҳуқуқӣ, ҳар як меъёри ҳуқуқӣ дар қиёс бо муқаррароти Конститутсия эҷод карда мешавад, омӯхта мешавад, баррасӣ карда мешавад ва татбиқ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оинаи маърифати ҳуқуқӣ ва меҳвари маърифати ҳуқуқӣ мебошад. Конститутсия барои ҷомеа ва давлати мо аҳаммияти махсуси бузург дошта, дарки дурусти моҳияти муқаррароти ҳуқуқии он дар роҳи эъмор ва ташаккули ҷомеаи адолатпарвар ва давлати демократии ҳуқуқбунёд, ки дар матни Конститутсияи Тоҷикистон махсус ишора гардидаанд, хеле муҳим мебошад.

Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарнавишти худро дошта, меъёрҳои арзишманди он бо тай намудани роҳи муайяни таърихӣ ва бо назардошти шароиту манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷойдошта, дар заминаи рақобати афкору ҷаҳонбинии гуногун дар

таҳрири матни имрӯзааш шакл гирифт.

Вобаста ба ин ёдовар шудан бамаврид аст, ки нахуст дар таърихи 24 августи соли 1990 «Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) қабул шуда буд. Эъломияи мазкур ҷойи Тоҷикистонро дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди Шӯравии нав медид ва бовар дошт, ки «иттиҳоди озоду баробарҳуқуқии миллатҳои Шӯравӣ дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистии навшуда ба инкишофи ҳаматарафаи онҳо кафолат медиҳад». Эъломия Ҷумҳурии Тоҷикистонро масъул сохта буд, ки ҳуқуқи дахлнопазирии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқиро эҳтиром ва эътироф намояд. Мувофиқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонист дар қаламрави худ тамоми масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданиро, ба ҷуз аз ваколатҳое, ки ихтиёран ба салоҳияти Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ вогузор шуда буданд, мустақилона ҳаллу фасл намояд. Аз ин лиҳоз, ин эъломия бо назардошти аҳаммияти таърихии худ ҳанӯз маънии истиқлоли комили давлатиро ифода намекард. Зеро муқаррароти ҷудогонаи он нуқтаҳоеро пайгир буданд, ки вобастагиҳоро ба ҷумҳуриҳои дигар тақозо менамуд.

Дере нагузашта, бо мушоҳидаи ҷараёнҳои он замон шуруъ ва идомадошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати тағйиру иловаҳо ба Эъломияи 24 августи соли 1990 дарк гардида, дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум 9 сентябри соли 1991 бо як қатор тағйиротҳо, андешаи муҳимми нав бо чунин мазмун рӯи кор омад: «Тағйироти инқилобиро дар Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ба назар гирифта, кӯшиши ҷумҳуриҳои соҳибихтиёри ба он дохилшавандаро оид ба аз нав барқарор намудани муносибатҳои байниҳамдигарӣ эҳтиром намуда, мувофиқи Эъломия дар бораи Истиқлолияти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки 24 августи соли 1990 қабул шуда буд, Шӯрои Олӣ истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълон мекунад». Ин баёнот тасмими қатъии Тоҷикистонро дар роҳи касби истиқлоли пурраи кишвар равшан ифода намуд, яъне бо такмили мафҳуми «истиқлол» ба «истиқлоли давлатӣ», ки арзиш ва моҳияти байналмилалӣ дошт ва Тоҷикистонро ба сифати субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ муаррифӣ намуд. Муқаррароти Эъломия бояд ҳамчун заминаи Конститутсия баромад мекард. Вале мутаассифона, равандҳои амалисозии гузариш ба низоми нави сиёсии ҷомеа ва сохтори давлатӣ, таҷзияи шохаҳои ҳокимият бар асоси меъёр ва қонунҳои ҷомеаи демократӣ, ки дар Эъломияи истиқлолият қайд шуда буданд, дар натиҷаи он замон муташанниҷ гардидани вазъи сиёсӣ, мудохила ва манфиатҷӯиҳои неруҳои моҷароҷӯйи дохилӣ ва берунӣ комёб нашуд.

Ҷомеаи мо бевосита гувоҳи он аст, ки дар равандҳои мураккаби он замон ҷиҳати ниҳоятан таъмин ва татбиқ гардидани муқаррароти Эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян ва мушаххас гардидани мазмуну моҳияти давлати Тоҷикистон ва асосҳои сохтори конститутсионии он, ахиран қабул гардида-

> Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарнавишти худро дошта, меъёрҳои арзишманди он бо тай намудани роҳи муайяни таърихӣ ва бо назардошти шароиту манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷойдошта, дар заминаи рақобати афкору ҷаҳонбинии гуногун дар таҳрири матни имрӯзааш шакл гирифт.

> **Ҷомеаи мо бевосита гувоҳи он аст, ки дар равандҳои мураккаби он замон ҷиҳати ниҳоятан таъмин ва татбиқ гардидани муқаррароти Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян ва мушаххас гардидани мазмуну моҳияти давлати Тоҷикистон ва асосҳои сохтори конститутсионии он, ахиран қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахсияти наҷибу беназир ва ғояҳои сулҳҷӯёнаи озодихоҳ, мардумию демократӣ ва садоқатмандонаи он кас назаррас ва ҳалкунанда буданд.**



**Расулов Б.Р.**
номзади илмҳои ҳуқуқ, сардори идораи ҳуқуқи Бонки миллии Тоҷикистон

ни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахсияти наҷибу беназир ва ғояҳои сулҳҷӯёнаи озодихоҳ, мардумию демократӣ ва садоқатмандонаи он кас назаррас ва ҳалкунанда буданд. Ҳанӯз дар баромади аввалини худ ба сифати Сарвари давлат аз минбари Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд санаи 16 ноябри соли 1992 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар баробари бисёр масоили мубрами онвақта ибрози назар карда буданд, ки оянда Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократию ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона дидан мехоҳам. Ҳамин тариқ, ин аввалин изҳороте буд, ки консепсияи татбиқи давлатдориро бо ниҳоятан мушаххас намудани меъёрҳои бунёдии он дар заминаи соҳибистиқлолӣ муайян намуд. Бо ҳамин изҳороти Сарвари давлат умеду интизории оммаи васеи халқи Тоҷикистон тасдиқ гардида, халқ тахти роҳбарии сарвараш самти ташаккулиояндаи худро бори дигар собит ва тақдирашро ба даст гирифт.

Маҳз ҳамин арзишҳои равшанфикронаи изҳороти Сарвари давлат, ки баёнгари умеду орзу ва интизориҳои халқ буданд, мардуми бохирадро дар атрофи он кас муттаҳид намуда, корбарии расмият бахшидани онҳо шурӯъ гардид.

Вале он замон дар Тоҷикистон ҷараёнҳои тундрави ифротгаро шурӯъ гардида, ҳануз идома доштанд ва дар натиҷа мавқеи неруҳои демократӣ ва майдони андешаи солимро заиф ва танг намуда буданд.

Лекин чӣ тавре дар урфи-

яти мо мегуянд: “Офтобро бо домон пушонида намешавад.”. Чунин буд, ки арзишҳои равшанфикронаи пайгиришуда, ки ”Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократию ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона” муаррифӣ мекард, бо дастгирии оммаи васеи халқи бохирад тахти сарвараш ба муқовимати шаддиди гурӯҳҳои тундрав тоб овард. Ниҳоятан ҳамин арзишҳо, дар ҳамбастагӣ бо арзишҳои миллӣ, арзишҳо ва санадҳои муҳимми ҳуқуқи байналмилалӣ, дастовардҳои илмӣ оид ба падидаҳои конститутсионализм ва таҷрибаи давлатҳои пешқадам оид ба таҳия ва қабули Конститутсия заминаи мазмуну моҳияти Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда, ҳангоми таҳия, муҳокима ва қабули ин санади тақдирсоз ҳамчун чароғи роҳнамо гардиданд.

Маърифату хиради халқи Тоҷикистон имкон дод, ки дар иттиҳод ва эҳтиром ба ҳамдигар ва пешвои худ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки тибқи қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 1993 роҳбарии комиссияи конститутсиониро ба зимма доштанд, Конститутсияи демократӣ ва либералиро дар заминаи муколамаи оммавӣ, бевосита ва дар як ҳуҷҷат иншо намоянд. Дар атрофи ҳуҷҷати ягонаи олӣ, ки баёнгари ғояҳои асосӣ ва бунёдӣ мебошанд, сарҷамъ шуда, ба мувофиқа омадани халқи Тоҷикистон боиси ифтихору сарфарозии ҳамаи мо ва наслҳоиояндаи ватани мост.

Зеро ба ҳамаи мушкилию мухолифатҳои он замон нигоҳ накарда, 30-сол қабл, санаи 6-уми ноябри соли 1994 мардуми Тоҷикистон тахти сарварии хирадмандонаи Президенти худ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хиради ниёгони худро пайравӣ намуда, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ собит намуданд, ки новобаста аз мушкилиҳо, ҷомеаи соҳибмаърифату иттифоқ ва мутамаддин ҳастанд ва бо арҷгузорӣ дар назди мероси пурғановати аҷдоди ниёгони худ, бо ҳисси масъулият дар назди наслҳои ояндa барои барпо намудани ҷомеаи адолатпарвар ва бо эътирофу татбиқи арзишу неъматҳои умумибашарӣ идома додани ҳамзистӣ дар ҷомеаи бузурги ҷаҳонӣ омода ҳастанд ва мекушанд.

Конститутсияи демократӣ ва либералии дар як ҳуҷҷат иншонамудаи халқи Тоҷикистон, ин нишонаи хислатҳои баланди маънавии халқи Тоҷикистон, ба мисли ҳамрайъӣ, муттаҳидӣ ва иттифоқ, эҳтирому дустӣ, дурандешӣ ва зиракӣ, масъулияти поквиҷдонӣ ва монанди инҳо мебошад. Дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 1994 «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», санаи 6-уми ноябри соли 1994 Конститутсияи Тоҷикистон дар райпурсии умумихалқӣ, дар 64 ҳавза бо иштироки бештар аз 94% шаҳрвандони баруйхатгирифташудаи дорои ҳуқуқи овоз ва ҷонибдорӣ аз ҷониби зиёда аз 87% райъдиҳандагон қабул гардидааст. Чунин омори райъпурсии қабули Конститутсияи Тоҷикистон тасдиқи хислатҳои ишорашуда аст.

> Маҳз ҳамин арзишҳои равшанфикронаи изҳороти Сарвари давлат, ки баёнгари умеду орзу ва интизориҳои халқ буданд, мардуми бохирадро дар атрофи он кас муттаҳид намуда, корбарии расмият бахшидани онҳо шуруъ гардид.

Дар Конститутсияи Тоҷикистон, ки сохтори он аз се қисм иборат аст, заминаҳои асосии адолату баробарӣ ва озодӣ, инчунин ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии ҷомеа ва давлат гузошта шуда, он ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ муқаррароти ҳаётан муҳимро бо усули махсуси ҳуқуқэҷодкунӣ таҷассум менамояд. “Асосҳои сохтори конститутсионӣ” номгузорӣ шудани боби аввали Конститутсия ва

дар ин боб дар сездаҳ модда сарҷамъ намудани меъёрҳои муҳимми муайянкунандаи масъалаҳои заминавии ҷомеа ва давлатдории мо ҷолиби диққат аст. Муқаррароти боби аввали Конститутсия ҳамчун меъёрҳои принсипиалӣ мебошанд, ки дар муҳтавои муқаррароти ҳамаи бобҳои дигари он бечунучаро ба назар гирифта мешаванд. Масалан тибқи моддаи 1-уми Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ мебошад. Мутобиқи моддаи 6-уми он дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Тибқи моддаи 9-ум ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақсимоти он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад. Мазмуни меъёрҳои принсипиалии ишорашудаи боби якуми Конститутсия дар бобҳои дуюм (ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд), сеюм (Маҷлиси Олӣ), чаҳорум (Президент), панҷум (Ҳукумат), ҳаштум (Суд) тавзеҳи муфассали худро ёфтаанд.

Ҳамзамон ифодаи арзишҳои алоҳидаи асосҳои сохтори конститутсионӣ бо меъёрҳои мушаххаси Конститутсия тавзеҳ ёфтаанд.

Масалан, тибқи моддаи 1-уми Конститутсия "демократӣ будани




Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки маънои "ҳокимияти халқро" дорад, дар меъёрҳои зерини Конститутсия тавзеҳи муфассал меёбад: Моддаи 5, ки тибқи он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Моддаи 6, ки тибқи он дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ райъпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст. Моддаи 8, ки тибқи он мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Моддаи 10, ки тибқи он Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Муқаррароти ишорашудаи моддаи 10 тарзи муҳимми ҳифзи иродаи мардум мебошад. Моддаи 11, ки мутобиқи он Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо барояд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд. Моддаи 14, ки тибқи он ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд. Моддаи 17, ки тибқи он мардон ва занон баробарҳуқуқанд. Моддаи 27, ки тибқи он шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд

ва аз синни 18 ҳуқуқи дар райъпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад. Моддаи 28, ки тибқи он шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Моддаи 30, ки тибқи он ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад. Моддаи 65, ки тибқи он Президентро шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати 7 сол интихоб менамоянд. Моддаи 98, ки тибқи он тағйиру иловаҳои Конститутсия бо роҳи райъпурсии умумихалқӣ сурат мегирад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар Конститутсияи Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд мавқеи асосӣ дошта, ин нуқта бо 34 модда ва ё аз се як ҳиссаи Конститутсия, ки ба ин мавзуъ бахшида шудааст, тасдиқ мегардад. Меъёрҳои боби мазкур ифодагари мазмуну моҳияти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғояи асосӣ ва марказии Конститутсияи кишвар ба шумор мераванд. Бинобар ин, бемуболиға инсон ва ҳуқуқу озодии ӯ, ҳамчунин таъмини ҳаёти шоиставу арзандаи инсон ҷавҳари асосии Конститутсияро ташкил медиҳанд. Ҳамаи дигар муқаррароти Конститутсия бо назардошти ҳамин ғояи асосӣ ва марказӣ тарҳрезӣ шудаанд ва татбиқ мегарданд.

Давлати ҳуқуқбунёд будани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки арзиши дигари асосҳои сохтори конститутсионӣ тибқи моддаи 1-уми Конститутсия буда, волоияти қонун, тақсимоти ҳокимият ва масъулияти мутақобилаи давлату шахсро дар назар дорад, бо меъёрҳои зерини Конститутсия тавзеҳи муфассал меёбад: Моддаи 5, ки тибқи он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Моддаи 9, ки тибқи он ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақсимоти он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад. Моддаи 10, ки тибқи он Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсия мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд. Моддаи 14, ки тибқи он ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд ва мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин

**Дар Конститутсияи Тоҷикистон, ки сохтори он аз се қисм иборат аст, заминаҳои асосии адолату баробарӣ ва озодӣ, инчунин ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии ҷомеа ва давлат гузошта шуда, он ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ муқаррароти ҳаётан муҳимро бо усули махсуси ҳуқуқэҷодкунӣ таҷассум менамояд.**



мегарданд. Моддаи 17, ки тибқи он ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд ва ҳуқуқу озодиҳоро давлат кафолат медиҳад. Моддаи 42, ки тибқи он дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад. Моддаи 43, ки тибқи он ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Моддаи 45, ки тибқи он супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист.

Моҳияти "дунявӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон" тибқи моддаи 1-уми Конститутсия, дар меъёрҳои зерини он тавзеҳи муфассал меёбад: Моддаи 8, ки тибқи он дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд. Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта манъ аст. Моддаи 26, ки тибқи он ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя

> Ҳифз ва устувор нигоҳ доштани иродаи мардум ва дастовардҳои арзишманди дар Конститутсия муқаррарнамудаи он хеле муҳим буда, таъмини ин масъулияти бузург ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста карда шудааст.

бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд.

Муҳтавои "иҷтимоӣ" будани давлат тибқи моддаи 1-уми Конститутсия бо меъёрҳои зерин шарҳу тавзеҳи муфассал меёбад: Моддаи 5, ки тибқи он ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Моддаи 17, ки тибқи он ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Моддаи 22, ки тибқи он манзили шахс дахлнопазир аст. Моддаҳои 33 то 41, ки таҳти ҳимояи давлат қарор доштани оила, модару кудак, ҳуқуқҳо ба меҳнат, манзил, истироҳат, ҳифзи саломатӣ, кафолати таъмини иҷтимоӣ, таҳсилро муқаррар менамоянд. Чунин муқаррароти Конститутсия собит менамоянд, ки фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи ҳар як инсон мақсади асосӣ буда, аз ин лиҳоз Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ мебошад.

Ҳифз ва устувор нигоҳ доштани иродаи мардум ва дастовардҳои арзишманди дар Конститутсия муқаррарнамудаи он хеле муҳим буда, таъмини ин масъулияти бузург ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста карда шудааст. Мутобиқи моддаи 64 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад. Пешбинӣ гардидани тартиби махсуси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, ки тавассути райъпурсии умумихалқии аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин кардашуда сурат мегирад, низ барои таъмини ҳифзу устувории Конститутсия хеле муҳим мебошад. Дар робита ба татбиқи ин масъулияти бузург дар назди халқу

давлат, нақши Паёмҳои Президенти муҳтарами мо, ҳамчун санади роҳнамои ҳаёти мо муассир мебошад. Чунки Паёмҳои ҳамасолаи Президент, роҳнамои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавии кишвар буда, дар рушди Тоҷикистони азиз нақши назаррас мегузоранд. Маҳз дар Паёмҳо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ҷамъбасти ҳаёти сипаришудаи кишвар ва бо назардошти дурнамои инкишофи минбаъда, фаъолияти кулли ҳокимияти давлатиро ҳадафмандона роҳнамоӣ менамоянд. Ин аст, ки дар давраи аз Паём то Паём Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷомеа зина ба зина рушд намуда, халқи кишвар давра ба давра зиндагии худро беҳтар ва шоистатар мегардонад, ки ин ба мақсаду мароми муқаррароти Конститутсияи мо мутобиқ аст. Аз ин лиҳоз, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин масъулияти бузурги конститутсиониро тавассути давра ба давра таъмини амалигардии меъёрҳои Конститутсия сарбаландона ва бомуваффақият анҷом медиҳанд. Аз ҷониби Сарвари давлати мо бо мақсади татбиқи муқаррароти Конститутсия ҳамеша ва то ҳадди имкон пеша шудани роҳи мусолиҳакорию эҳтиром ва созишу сулҳ боиси таваҷҷуҳ ва ҳурмати самимӣ нисбати он кас мебошад.

> Дар даврони соҳибихтиёрӣ, аз ҷониби давлату ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайгирона амалӣ намудани арзишҳои конститутсионӣ, давра ба давра ин арзишҳоро устувор ва қавӣ гардонида, дар тафаккури ҷомеа дигаргунии куллиро падид овард ва раванди мустаҳкам гардидани аркони ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳаёти иқтисодӣ идома дорад.

Дар даврони соҳибихтиёрӣ, аз ҷониби давлату ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайгирона амалӣ намудани арзишҳои конститутсионӣ, давра ба давра ин арзишҳоро устувор ва қавӣ гардонида, дар тафаккури ҷомеа дигаргунии куллиро падид овард ва раванди мустаҳкам гардидани аркони ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳаёти иқтисодӣ идома дорад. Имрӯз ҷиҳати татбиқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯи маълумотҳои омории дастрас 17 қонунҳои конститутсионӣ, 22 Кодексҳо, 356 қонунҳо, 18 000 санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, 376 Барномаҳо, 56 Стратегияҳо, 70 Консепсияҳо қабул ва амалӣ карда мешаванд. Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи 57 созмони минтақавию байналмилалӣ гардида, 17 санади ҳуқуқии байналмилалии бисёрҷониба, 51 конвенсия ва 964 шартнома ва созишномаҳои байналмилалиро ба тасвиб расонидааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи чопӣ ва электронӣ, алалхусус ба таври фосилавӣ ба оммаи васеъ дастраси доимӣ мебошанд.

Ба шарофати Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқии вобаста ба он қабулшуда, имрӯз фазои осоишта ва осуда насиби мо гардидааст, низоми мукаммали мақомоти давлатӣ ташаккул ёфт, ки аз рӯи принсипи дарҳои боз бо шаҳрвандон муносибат доранд, дастрасӣ ба соҳаи маориф ва тандурустӣ сол аз сол беҳтар мегардад, шаҳрвандон имконияти фароҳи фаъолияти

**Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар худ таҷрибаи бисёрасраро касб намуда, хиради эҷодии халқи тоҷикро дар ҳамбастагӣ бо дастовардҳои пешқадами афкори ҳуқуқии ҷаҳонӣ баён менамояд. Бо боварии комил мегуем, ки ин ҳуҷҷати асосӣ минбаъд низ кафолати боэътимоди рушди бомуваффақияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлати мо хоҳад буд ва барои ноил шудани мақсади асосии он, ки таъмини зиндагӣ ва шароити шоистаи одамон мебошад, мо бо қадамҳои қавию қатъӣ ва бо боварӣ ба пеш, баояндаи дурахшон қадам мезанем.**



соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва амонаткуниро доранд, дар бозорҳои мо номгӯи маҳсулоти истеҳсоли дохилӣ рузафзун зиёд мегардад, давлати мо нақшаҳои стратегии дарозмуҳлат кашида, барои пайгирии он имконият дорад, ҷаҳони муосир мо ва давлати моро пазируфта, ҳамкорӣ менамояд. Аз ҳама муҳим мо аз давлати худ эҳсоси ҳимоятро дорем.

То имрӯз ҷиҳати таъмини мақсадҳои конститутсионӣ, таҳти роҳнамоии Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд ҳадафҳои стратегии барои халқ ҳаётан муҳим аллакай амалӣ гардиданд. Аз ҷумла, ҷиҳати расидан ба Ваҳдати миллии комил ва таъмини ҳамбастагии шаҳрвандони Тоҷикистон, бунбасти коммуникатсионии дохилӣ ва берунӣ бартараф карда шуда, роҳҳои дохилӣ ва байналмиллалии кишвар ба чаҳор тараф дар хизмати шабонарузӣ қарор гирифтанд, дар дохили кишвар соҳибхтиёрии энергетикӣ таъмин карда шуда, вобастагӣ аз низоми энергетикии кишварҳои ҳамсоя хотима бахшида шуд, дастрасии баробар ба манбаъҳои молиявӣ ташкил карда шуд, иқтисодиёти ҷумҳурӣ заминаҳои худро дар қатори соҳаҳои аграрӣ, инчунин бо соҳаҳои саноатию индустриалӣ ва хизматрасонӣ мустаҳкам намуда истодааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки мо дар доманаи васеи меъёрҳои Конститутсияи худ ба дастовардҳои аз ин бештар имконият дорем ва ин бояд омили ҳавасмандии доимии мо бошад.

Ҳарчанд ки дар низоми санадҳои ҳуқуқӣ ба Конститутсия устувории меъёрҳои он хос аст, Конститутсия дар як вақт бояд санади прогрессивӣ бошад ва набояд садди роҳи суботу пешрафти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии ҷомеаю давлат, инчунин таҳкиму ҳифзи минбаъдаи дастовардҳои истиқлолият гардад. Бинобар ин, бо мақсади инъикоси андешаи ташаккулёбандаи миллӣ дар заминаи таҳлили давраи сипаришуда ва таҳияи ғояҳои нав, тағйиру иловаҳо ҷиҳати такмили Конститутсия ногузир мебошанд. Тағйиру иловаҳо ба Конститутсия аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъол буда, лаёқати дида тавонистани камбудиҳо ва қабули қарорҳои ҳаётан муҳимро ҷиҳати такмили арзишҳои худ дорад.

Аз ин хотир, тағйиру иловаҳое, ки 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардиданд, онро бо назардошти арзишҳои миллӣ ва байналмилалӣ такмил дода, пурратар наму-

данд. Ин тағйиру иловаҳо асосан барои мустаҳкам намудани ақидаҳои давлати ҳуқуқбунёд, таҷзияи ҳокимият, волоияти худи меъёрҳои Конститутсия, қонунияти ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ, адолати судӣ, боз ҳам мустаҳкам намудани заминаи ҳуқуқҳои фитрии инсон, татбиқи арзишҳои миллӣ дар муносибати байни одамон ва ғайраҳо равона карда шуданд. Аз рӯи маълумотҳои оморӣ, райъпурсиҳои ишорашуда аз 26 сентябри соли 1999 – бо тарафдории зиёда аз 75%, аз 22 июни соли 2003 – бо тарафдории зиёда аз 93% ва аз 22 майи соли 2016 – бо тарафдории зиёда аз 94% ҷамъбаст гардиданд. Ин маълумотҳо нишонаи он аст, ки ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон ҳамрайъу фаъол буда, нисбати тақдири ояндаи худ бетараф нестанд.

Халқи Тоҷикистон дар атрофи арзишҳои муқаррарнамудаи Конститутсияи худ сарҷамъ буда, бо муколамаи оммавӣ баррасӣ намудани давраи сипаришуда, раванди татбиқ ва амалигардии Конститутсия, мушкилиҳо ва тарҳрезии нақшаҳои оянда, ваҳдати миллӣ ва ҳамгироии моро боз ҳам қавитар менамояд.

Муколамаи оммавӣ оид ба Конститутсия ба ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки бо муайян намудани мавқеи худ ва таҳлилу баҳогузорӣ, дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии ҷомеаю давлат, дар муайян намудани самтҳои нави рушди он бо шарҳу тавзеҳу нигоҳи нав саҳми шахсии худро гузорад.

Бинобар ин, Конститутсия воқеан ҳам мавзуи умумӣ буда, бемуболиға меҳвари ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, ченаки дастовардҳо, роҳнамои ояндаи неку дурахшон ва оинаи маърифати ҳуқуқии халқи Тоҷикистон мебошад.

Бо гузашти 30 сол ва дидани дастовардҳо ва шароитҳои хуби имрӯзи худ мо дарк мекунем, ки дар замони роҳнамоии раванди тарҳрезии лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳадафҳо ва андешаҳои объективии хайрхоҳонаю гуманистӣ дуруст пайгирӣ шудаанд.

Аз ин рӯ барои ҳар шаҳрванди Тоҷикистон омӯхтан, донистан ва роҳнамои ҳаёту кори худ қарор додани Конститутсия вазифаи муқаддаси инсонӣ ва шаҳрвандӣ мебошад. Эҳтиром, риоя ва иҷрои ҳатмии Конститутсия ва дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ, таъмини низому тартиботи ҳуқуқӣ омили асосӣ ва зарурии суботу оромии ҷомеа ва пешрафти он маҳсуб мегардад.

Бинобар ин, мо бояд Конститутсия ва қонунҳоро ҳамчун муқаддасоти миллӣ эҳтиром ва риоя намоем ва ба ин васила, ҷиҳати дар амал татбиқ гардидани ҳадафҳои неки конститутсионӣ, хидмати бардавоми он ҳамчун санади тақдирсоз ва муқаддас саҳмгузор бошем.

Дар фарҷом иқтибос аз суханронии раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар конференсияи парлумонии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 10 октябри соли 2024 дар шаҳри Душанбе баргузор шуд, бамаврид мебошад, ки чунин гуфтанд: “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар худ таҷрибаи бисёрсараро касб намуда, хиради эҷодии халқи тоҷикро дар ҳамбастагӣ бо дастовардҳои пешқадами афкори ҳуқуқии ҷаҳонӣ баён менамояд. Бо боварии комил мегуем, ки ин ҳуҷҷати асосӣ минбаъд низ кафолати боэътимоди рушди бомуваффақияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлати мо хоҳад буд ва барои ноил шудани мақсади асосии он ки таъмини зиндагӣ ва шароити шоистаи одамон мебошад, мо бо қадамҳои қавию қатъӣ ва бо боварӣ ба пеш, ба ояндаи дурахшон қадам мезанем.”



# НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

Ҳамоиши ҷавонони низоми бонкии кишвар таҳти унвони "Нақши ҷавонон дар таҳкими истиқлоли давлатӣ" даҳаи аввали моҳи январи соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид. Ҳамоиши мазкур бо ташаббуси Шурои ҷавонони Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо иштироки роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд.

Ҳамоишро муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ ҳусни оғоз бахшида, иброз дошт, ки ҳадаф аз баргузории ҳамоиш ифодаи мавқеи устувори ҷавонон дар рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар мебошад. Бо такя ба дастгириҳои доимии Пешвои муаззами миллат қайд гардид, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавононро қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа ҳисобида, ҳалли масъалаҳои вобаста ба зиндагӣ ва таҳсилу фаъолияти онҳоро самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва ҳукумат муайян кардаанд. Пешвои миллат ҳамеша таъкид менамоянд, ки ҷавонон бояд фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолро ҳифз кунанд, амнияти давлат ва шарафи ватандориро ҳимоя намуда, парчамбардори ин сарзамин ва кишвари муқаддас бошанд.

Зимнан ёдовар мешавем, ки роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамаи маҳфилу чорабиниҳое, ки баргузор мегарданд, ҳамеша аз ҷавонон даъват ба амал меорад, ки аз таъсири мафкураи бегонапарастӣ ва ифротгароӣ канораҷӯӣ кар-

да, бо ҳисси баланди миллӣ ва худогоҳӣ бахри шукуфоии сарзамини худ хидмат намоянд. Имрӯз мутахассисони ҷавони аз илму донишҳои замонавӣ бохабар дар низоми бонкӣ зиёд мебошанд ва саҳми онҳо дар муаррифию пешниҳоди маҳсулоти инноватсионии молиявӣ, аз қабили пардохтҳои мобилӣ, ҳамёнҳои рақамӣ, платформаҳои сармоягузорӣ ва дар маҷмуъ рақамикунонии иқтисодиёт муҳим арзёбӣ мегардад. Тавре Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" иброз доштанд, лозим аст, ки ташаббусҳои созандаи ҷавонон минбаъд низ ҳамаҷониба дастгирӣ карда шавад. Аз ин рӯ, ташкилотҳои қарзии молиявиро зарур аст, ки бо мақсади пешбурду татбиқи навовариҳо барои ҷавонон шароити мусоид эҷод кунанд, зеро дастгирии ҷавонон метавонад ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва рушди устувори тамоми соҳаҳо, аз ҷумла низоми бонкӣ, мусоидат намояд, - зикр намуд Гулбаҳор Назирӣ.

Дар навбати худ, муовини якуми раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимзода Шабнам зимни суханронӣ ҷавононро нерӯи бузурги рушду пешрафти ҷомеа ном бурда, қайд намуд, ки тайи солҳои соҳибистиқлолии кишвар бахри баланд бар-





доштани нақши ҷавонон дар ҷомеа як қатор барномаҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла "Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати ҷавонони Тоҷикистон" қабул гардиданд, ки ин ҳама аз таваҷҷуҳи махсуси Роҳбари Олии мамлакат нисбат ба ҷавонон шаҳодат медиҳад.

Сипас, барои иштирокдорони чорабинӣ дар мавзуъҳои "Муҳиммияти саводнокии молиявӣ барои ҷавонон", "Нақши ҶСК "Алиф Бонк" дар пешрафти касбии ҷавонон", "Душанбе Сити Бонк – ҳамқадами ҷавонон дар рушди молиявӣ", "Дастгирии ҷавонони кишвар дар доираи иқдомҳои гуногун дар меҳвари таваҷҷуҳи Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" рӯнамоҳо пешниҳод гардиданд.

# ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ:

## НОИЛШАВӢ БА САТҲИ МАҚСАДНОКИ ПЕШБИНИШУДА ДАР ҶАНБАИ ДАСТРАСӢ БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МОЛИЯВӢ



Бо мақсади таҳкими ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти минбаъда дар самти баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ 13 феврали соли 2025 дар доираи нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 бо иштироки намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ ҷаласаи корӣ доир гардид.

Зимни ҷаласа аз тадбирҳои Бонки миллии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ қайд гардид, бахусус таҷрибаи баргузории Фестивалҳои саводнокии молиявии аҳолӣ бо фазои фарогир аз шумули ҷавонону наврасон, ки Бонки миллии Тоҷикистон якҷо бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ ва шарикони рушд дар соли 2024 ташкил кард, аз тадбирҳои муҳим ва хеле фарогиру хотирмон маҳсуб меёбад. Дар баробари ин, баргузории чорабиниҳои омӯзишӣ-маърифатӣ, аз ҷумла тренингҳо, семинар-машваратҳо, вохӯриҳо, ки бо шумули фестивалҳои саводнокии молиявӣ зиёда аз 148 000 нафар ҷавонону наврасонро фаро гирифта тавонист, аз зумраи тадбирҳои самаранок арзёбӣ мегарданд.

Натиҷаи мониторинги сатҳи ноилшавӣ ба нишондиҳандаҳои мақсадноки фарогирии молиявӣ дар ин давра нишон дод, ки дар фарогирии молиявии ҷанбаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ мо ба сатҳи мақсадноки пешбинишуда расидем,-зикр гардид дар вохӯрӣ бо намояндагони ташкилотҳои қарзӣ.

Маврид ба зикр аст, ки барои ноил гардидан ба мақсадҳои Стратегия сохтори идоракунии он: Шурои ҳамоҳангсозӣ, кумитаи иҷроия ва гурӯҳҳои кории мавзуӣ аз рӯйи самтҳои асосии Стратегия таъсис дода шуд. Фаъолияти Шурои ҳамоҳангсозии Стратегия таҳти роҳбарии Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ мегардад.





## БАРРАСИИ ВАЗЪИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВИИ ЗАНОН, ҶАВОНОН ВА СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА

5 марти соли 2025 ҷаласаи Гурӯҳи кории махсуси ҷузъӣ барои васеъ кардани ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занону ҷавонон бо иштироки намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ҷаласа масъалаҳои вобаста ба вазъи фарогирии молиявии занон, ҷавонон ва соҳибкории хурду миёна, ҳимояи ҳуқуқ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии онҳо, дастрасии занон, ҷавонон ва соҳибкории хурду миёна ба хизматрасониҳои молиявӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар ҷаласа аз ҷониби Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон раванди иҷрои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 дар самти механизми идоракунӣ ва татбиқи он, истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ, дастрасии молиявӣ ба занон, ҷавонон ва соҳибкории хурду миёна, тағйирёбии пешниҳоди қарз ба занҳо ва сифати хизматрасониҳои молиявӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Зимни ҳамоиш вобаста ба масъалаи “Тавсеа бахшидани дастрасии занони соҳибкор ба фишангҳои молиявӣ” хатмкунандаи барномаи “Women’s World Banking Leadership Diversity Program for Regulators 2024” Шарипова А., ба аҳли нишаст мавзуи “Бонкдории бонувони ҷаҳон, пешбурд ва гуногунӣ барои танзимгарон 2024”-ро муаррифӣ намуд.

Дар рафти ҷаласа иштирокдорон аз таҷрибаи худ дар самти дастрасии молиявии занон, ҷавонон ва соҳибкории хурду миёна мубодилаи афкор намуданд.

**Шуъбаи матбуот**

# Фестивалҳои

## саводнокии молиявӣ ба рушди истеҳсолот ва афзоиши сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат менамоянд







Баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим аст, ки рушди иқтисодиёт ва низоми бонкӣ бо он тавъам аст. Аз ин рӯ масъалаи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои то 2030" низ қайд гардидааст ва дар асоси он ниҳодҳои дахлдор бояд тадбирҳои муҳиммеро анҷом диҳанд.

Бо ин мақсад, Бонки миллии Тоҷикистон барои баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ фаъолияти густурдаеро ба роҳ мондааст. Қабули "Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026" ва дар доираи он баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ, ки яке аз самтҳои муҳимми татбиқи ин Стратегия мебошад, яке аз ин тадбирҳост. Солҳои охир бо иқдоми Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи Стратегияи мазкур ва фарогирии аҳолии бештар бо хизматрасониҳои молиявӣ бо роҳи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ доир намудани фестивалҳои саводнокии молиявӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Баргузории чунин фестивалҳо аз шаҳрҳои калон (шаҳри Душанбе) оғоз шуда, айни замон қариб тамоми манотиқи кишварро фарогир гаштааст. Ҳамин тариқ дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани талаботи зербанди 66 банди 4 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии "Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026", оиди гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ ва нақшаи кории бахши ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ, санаи 31.01.с.2025 дар биноиҚасри фарҳанги ноҳияи Ҷаббор Расулов якҷоя бо масъулини ташкилотҳои қарзии молиявии минтақа, фестивали "Саводнокии молиявӣ" баргузор гардид.

Дар доираи ин фестивал дар даромадгоҳи Қасри фарҳанги ноҳия маҳсулотҳои ташкилотҳои қарзии молиявии минтақа ба намоиш гузошта шуда, аз ҷониби масъулин дар хусуси амалиётҳои бонкӣ маълумотҳои мушаххас пешниҳод карда шуд. Дар дохили бинои Қасри фарҳанг бошад, Форуми саводнокии молиявӣ баргузор гардид, ки дар он бо сухани ифтитоҳӣ муовини раиси ноҳияи Ҷаббор Расулов Акрамзода Баҳодур Исмоил баромад кард. Ҳамчунин, дар рафти чорабинӣ муовини мудири Шуъбаи минтақавӣ дар вилояти Суғд Сираева З.Р. дар самти баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ сухан карда, қайд намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ҷиҳати шаффоф ва мушаххас гузаронидани амалиётҳои молиявӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ чораҳои зарурӣ меандешад ва барои таъмини шароити мусоид ба истеъмолкунандагон тамоми инфрасохтори соҳавиро муҳайё менамояд.












Илова бар ин, дар чорабинии мазкур аз ҷониби кормандони Шуъбаи минтақавӣ Мавлонов З.Ш. доир ба мавзуи “Моҳият ва бартариятҳои пардохтҳои ғайринақдӣ”, номзади илми иқтисод, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд Тӯхтаев Т.М. дар мавзуи “Ҷанбаҳои равониву рафтории идоракунии молияи хусусӣ” ва роҳбари филиали ҶСК “Алиф Бонк” дар ш.Хуҷанд Ҷураев С.К. дар мавзуи “Пешгирии ҳолатҳои қаллобӣ дар низоми бонкӣ” маърузаҳо пешниҳод гардид.

Дар ҷараёни баргузории ин чорабинӣ, иштирокчиёни фестивал оиди масъалаҳои баррасишуда ба баромадкунандагон саволҳо пешниҳод намуданд, ки аз ҷониби маърузачиён посуххои мушаххас дода шуд.

Ҳамзамон аз ҷониби маърузачиён низ ба иштирокчиёни чорабинӣ вобаста ба рунамои пешниҳодшуда саволҳо дода шуда, ба шахсоне, ки ҷавоби дуруст пешниҳод намуданд, тухфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

Қайд бояд намуд, ки дар чорабиниҳои мазкур зиёда аз 3000 нафар аҳолии н.Ҷ.Расулов бевосита иштирок намуда, саводи молиявии худро ба қадре баланд намуданд.

Бояд қайд кард, ки моҳи феврали соли ҷорӣ дар вилояти Суғд боз ду фестивали саводнокии молиявӣ баргузор шуд, аз ҷумла 14 феврали соли 2025 дар бинои Қасри фарҳанги ноҳияи Спитамен бо фарогирии 2 ҳазор нафар ва 27 феврали соли ҷорӣ дар бинои Қасри фарҳанги ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо фарогирии 2 ҳазор нафар аҳолӣ аз ҷониби шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон чунин фестивалҳо доир карда шуданд, ки тавонистанд бо фарогирии зиёди аҳолӣ то андозае дар афзоиши саводнокии молиявии аҳолӣ саҳмгузор бошанд.

Бояд гуфт, ки дар доираи ин фестивалҳо бо мақсади баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ ва дар ин замина бехтар намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба мардум доир ба идоракунии маблағҳояшон, самаранок истифодабарӣ аз хизматрасониҳои бонкӣ ва  пайдо кардани иттилоот оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳои муосири молиявӣ омӯзонида мешаванд. Афзоиши саводнокии молиявии аҳолии кишвар пеш аз ҳама барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди истеҳсолот ва афзоиши сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат менамояд.

"БТҶ"




Дар арафаи таҷлили ҷашни байналмилалии Наврӯз дар Бонки миллии Тоҷикистон мусобиқаи варзишӣ оид ба тенниси рӯи миз ва шоҳмот баргузор гардид, ки дар он кормандони Бонки миллии Тоҷикистон фаъолона ширкат варзиданд. Ғолибони ин мусобиқаи варзишӣ зимни таҷлили ҷашни байналмилалии Наврӯз дар Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби роҳбарият бо ҷоиза ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шуданд. Бояд гуфт, ки ҳамасола дар Бонки миллии Тоҷикистон дар арафаи Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва дигар ҷашнҳо мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ доир карда мешаванд, ки ин нишони тарғиби тарзи ҳаёти солим мебошад.





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Ҷавонони тоҷик, ки табиатан дӯстдори илму дониш мебошанд, дар пайи омӯхтани касбу ҳунарҳои муосир пайваста дар талош ҳастанд, дар муассисаҳои таҳсилоти оливу миёнаи кишвар ва дар хориҷ аз он муваффақона таҳсил менамоянд ва итминон дорем, ки дар оянда ҳамчун мутахассисони баландпоя саҳми худро барои пешрафту ободии Ватан мегузоранд. Солҳои охир ҷавонони мо бо дарки аҳаммияти варзиш ҳамчун омили муҳимтарини пешбурди тарзи ҳаёти солим, обутоби ҷисмонӣ ва баланд бардоштани нуфузу обрӯи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ин ҷода пайваста талош мекунанд.



# ТАНГАҲОИ ХОТИРАВӢ ВА ҶАШНИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Идома аз шумораи гузашта

## 20. ТАНГАИ ДОРОИ АРЗИШИ 1 СОМОНӢ, КИ БА "СОЛИ ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ" БАХШИДА ШУДААСТ.

**Рӯи танга (аверс):** дар қутри ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти "Як сомонӣ". Дар маркази қурс рақами "1", ки арзиши тангаро ифода мекунад ва дар боло Нишони Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қисмати поён соли барориш – 2006.

**Паси танга (реверс):** дар рӯи қутри ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти "Соли Тамаддуни Ориёӣ", дар поён соли барориш – 2006. Дар маркази танга деворнигора – расми шахсони муътабар ва дар қутри қурс аз чап навиштаҷоти "Деворнигораи тоҷикони бостон".




Маълумоти техникии тангаи дорои арзиши 1 сомонӣ, ки бахшида шудааст ба "Соли Тамаддуни Ориёӣ"

| | |
|---|---|
| • Арзиш | 1 сомонӣ |
| • Сифат | "proof" |
| • Филиз | нуқра Ag 925 |
| • Вазни умумӣ | 20,00гр. |
| • Таркиби химиёвии филизи холис | 16,65гр. |
| • Қутр | 35мм. |
| • Ғафсӣ | 2,50мм. |
| • Миқдор | 2000 дона |
| • Нархи фурӯш | 189,5сомонӣ |

## 21. ТАНГАИ ДОРОИ АРЗИШИ 5 СОМОНӢ БА ИФТИХОРИ ҶАШНИ 1150-СОЛАГИИ САРДАФТАРИ АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ФОРСУ ТОҶИК АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Бонки миллии Тоҷикистон ба ифтихори ҷашни 1150-солагии сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2008) тангаи хотиравии арзишаш 5 сомониро аз филизи қиматбаҳо (нуқра) аз 25 августи соли 2008 баровард.

**Рӯи танга (аверс):** дар қутри ҳалқаи берунии танга ба забони тоҷикӣ навиштаҷоти "ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН" дар байни ду ситораи хурд арзиши танга бо ҳуруф "ПАНҶ СОМОНӢ", дар маркази қурс адади "5" (арзиш) ва дар қисми болоии он Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир гардида, даври навиштаҷот бо нақшу нигори миллӣ оро ёфтааст, дар қисми поёнӣ соли барориши танга-2008 ва аз тарафи рости адад навъи филиз нишон дода шудааст.




Маълумоти техникии тангаи дорои арзиши 5 сомонӣ ба ифтихори ҷашни 1150-солагии сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

| | |
|---|---|
| • Арзиш | 5 сомонӣ |
| • Сифат | "proof" |
| • Филиз | нуқра Ag 925 |
| • Вазни умумӣ | 34,00гр. |
| • Таркиби химиёвии филизи холис | 31,45гр. |
| • Қутр | 42мм. |
| • Ғафсӣ | 2,85мм. |
| • Миқдор | 1000 дона |
| • Нархи фурӯш | 322,13сомонӣ |

**Паси танга (реверс):** дар қутри ҳалқаи берунӣ навиштаҷот "САРДАФТАРИ АДАБИЁТИ ТОҶИК АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ", дар маркази қурс расми шоир, аз тарафи рости расм лӯлапечи дастнавис, дар лӯлапеч навиштаҷоти "1150 сол" ва хома (рамзи ашъори шоир) акс ёфтаанд.

# ТАНГАҲОИ ХОТИРАВӢ ВА ҶАШНИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## 22. БАХШИДА БА ОҒОЗИ КОРИ НБО – И РОҒУН"

Танга ба рӯйдоди барои халқи тоҷик ниҳоят муҳим - ба кор андохтани агрегати аввали НОБ-и Роғун , ки дар ҷаҳон садди аз ҳама баланд (335 метр) дорад, бахшида шудааст. Фаъолияти он аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ботантана бахшида ба ин рӯйдод 16 ноябри соли 2018 ҳусни оғоз бахшида шуд.

**Рӯйи танга (аверс):** Дар маркази танга тасвири рангаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар зери он номинали танга "100 СОМОНӢ" ҷойгир шудааст.Дар қисмати болоии доираи берунӣ матн ба шакли нимдоира: "ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН" ба забони тоҷикӣ ва дар қисмати поёни он ҳамин матн ба забони англисӣ сабт шудаанд. Матнҳо бо нуқтаҳо ҷудо карда шудаанд. Дар қисмати рости поёни доираи берунӣ дар як сатр – иёри филиз Ag 925 ва вазни танга 31, 1 гр. сабт гардида аст.

**Паси танга (реверс):** Дар маркази доираи танга аз боло қисмати дидашавандаи сатҳи ҳамвори нилгуни обанбор, дар марказ - худи сарбанд бо нақбҳои коммуникатсионии он, дар қисмати поён тасвири рамзии дарёи аз сарбанд хориҷшаванда ва аз рост тасвири бурҷҳои хатти баландшиддати интиқоли барқ ҷойгир шудаанд. Дар доираи берунӣ аз боло номи танга "ОҒОЗИ КОРИ НОБ –и РОҒУН" ба забони тоҷикӣ ва дар қисмати поён ҳамин матн ба забони англисӣ омадааст. Матнҳо аз якдигар бо нуқта ва таърихи ба кор андохтани агрегати якум – 16.11. 2018 ҷудо карда шудаанд. Танга дар корхонаҳои КВД "Корхонаи сикказании Бонки миллии Қазоқистон " ва Корхонаи сикказании Полша соли 2018 зарб зада шудааст.




Маълумоти техникии тангаи дорои арзиши 100 сомонӣ бахшида ба оғози кори НБО – и Роғун"

| | |
|---|---|
| • Номинал | 100 сомонӣ |
| • Сифат | "proof" |
| • Филиз | нуқра Ag 925 |
| • Вазн | 31,1гр. |
| • Кутр | 38,61мм. |
| • Тираж | 50 000 |
| • Соли барориш | 2018 |
| • Нархи фурӯш | 377,6сомонӣ |




Маълумоти техникии тангаи дорои арзиши 100 сомонӣ бахшида ба оғози кори НБО – и Роғун"

| | |
|---|---|
| • Номинал | 100 сомонӣ |
| • Сифат | "proof" |
| • Филиз | нуқра Ag 925 |
| • Вазн | 31,1гр. |
| • Кутр | 38,61мм. |
| • Тираж | 19 000 |
| • Соли барориш | 2018 |
| • Нархи фурӯш | 384,54сомонӣ |

# ҲИСОБОТИ БОНКҲО

## ВА ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР






## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (МЛН. СОМОНӢ)

| | | | ДОРОИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2024 | 31.03.2025 | Тағйирот нисбати 31.03.2024 | |
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 7 236,3 | 9 223,9 | 1 987,7 | 27,5% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 5 652,4 | 7 713,7 | 2 061,3 | 36,5% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 5 611,1 | 5 961,5 | 350,3 | 6,2% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 2 830,7 | 4 387,8 | 1 557,1 | 55,0% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 1 871,4 | 3 667,0 | 1 795,6 | 96,0% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 1 815,1 | 3 506,4 | 1 691,3 | 93,2% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 1 904,3 | 2 924,7 | 1 020,4 | 53,6% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 1 275,2 | 2 155,1 | 879,8 | 69,0% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 1 294,9 | 1 653,4 | 358,5 | 27,7% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 1 151,1 | 1 301,6 | 150,5 | 13,1% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 897,3 | 1 173,7 | 276,4 | 30,8% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 523,2 | 514,1 | -9,2 | -1,8% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 92,8 | 144,3 | 51,5 | 55,5% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 0,0 | 93,0 | 93,0 | 100,0% |
| Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 131,0 | 74,1 | -56,9 | -43,4% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 311,0 | 314,8 | 3,8 | 1,2% |




## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (МЛН. СОМОНӢ)

**УХДАДОРИҲО**

| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2024 | 31.03.2025 | Тағйирот нисбати 31.03.2024 | |
|---|---|---|---|---|
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| КВД БА ЧТ "Амонатбонк" | 6 354,2 | 8 227,9 | 1 873,7 | 29,5% |
| ЧСК "Бонки Эсхата" | 4 587,6 | 6 481,8 | 1 894,2 | 41,3% |
| ЧСК "Ориёнбонк" | 4 351,5 | 4 385,4 | 34,0 | 0,8% |
| ЧСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 2 397,4 | 3 736,2 | 1 338,8 | 55,8% |
| ЧСП "Душанбе Сити Бонк" | 1 634,4 | 3 205,7 | 1 571,3 | 96,1% |
| ЧСП "Спитамен Бонк" | 1 546,7 | 3 121,0 | 1 574,3 | 101,8% |
| ЧСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 1 578,1 | 2 540,2 | 962,1 | 61,0% |
| ЧСК "Алиф Бонк" | 1 093,0 | 1 886,1 | 793,1 | 72,6% |
| ЧСП Бонки "Арванд" | 1 067,7 | 1 385,5 | 317,8 | 29,8% |
| ЧСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 906,0 | 1 028,9 | 122,9 | 13,6% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 316,2 | 524,1 | 207,8 | 65,7% |
| ЧСП "Актив Бонк" | 420,4 | 403,4 | -17,0 | -4,0% |
| ЧСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 37,0 | 84,1 | 47,1 | 127,3% |
| Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 88,2 | 26,8 | -61,5 | -69,7% |
| ЧСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 0,0 | 0,3 | 0,3 | 100,0% |
| ЧСК "Тавҳидбонк" | 181,6 | 187,9 | 6,3 | 3,5% |




| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (МЛН. СОМОНӢ) | | | САРМОЯ | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2024 | 31.03.2025 | Тағйирот нисбати 31.03.2024 | |
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 1 259,7 | 1 576,0 | 316,4 | 25,1% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 1 064,8 | 1 231,9 | 167,2 | 15,7% |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 882,1 | 996,1 | 114,0 | 12,9% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 433,3 | 651,6 | 218,4 | 50,4% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 581,1 | 649,7 | 68,5 | 11,8% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 237,0 | 461,3 | 224,3 | 94,6% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 268,4 | 385,4 | 117,0 | 43,6% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 326,2 | 384,5 | 58,3 | 17,9% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 245,1 | 272,8 | 27,6 | 11,3% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 182,2 | 268,9 | 86,7 | 47,6% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 227,2 | 267,9 | 40,7 | 17,9% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 102,9 | 110,7 | 7,8 | 7,6% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 0,0 | 92,6 | 92,6 | 100,0% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 55,8 | 60,2 | 4,4 | 7,9% |
| Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 42,7 | 47,4 | 4,6 | 10,8% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 129,4 | 126,9 | -2,5 | -1,9% |




| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (МЛН. СОМОНӢ) | | | ◘ БАҚИЯИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2024 | 31.03.2025 | Тағйирот нисбати 31.03.2024 | |
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 3 133,6 | 4 141,1 | 1 007,5 | 32,2% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 3 550,8 | 3 039,2 | -511,6 | -14,4% |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 2 095,1 | 2 951,9 | 856,7 | 40,9% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 1 056,8 | 1 479,8 | 423,0 | 40,0% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 1 045,7 | 1 385,1 | 339,4 | 32,5% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 565,0 | 983,2 | 418,1 | 74,0% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 732,6 | 826,9 | 94,3 | 12,9% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 700,9 | 809,3 | 108,4 | 15,5% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 615,3 | 719,3 | 104,0 | 16,9% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 438,1 | 554,6 | 116,5 | 26,6% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 117,6 | 157,7 | 40,1 | 34,1% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 65,2 | 129,8 | 64,6 | 99,0% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 28,1 | 52,0 | 23,9 | 85,2% |
| Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 28,1 | 28,6 | 0,5 | 1,8% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 145,1 | 157,3 | 12,2 | 8,4% |




| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (МЛН. СОМОНӢ) | | | ◙ БАҚИЯИ АМОНАТҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2024 | 31.03.2025 | Тағйирот нисбати 31.03.2024 | |
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 5 434,5 | 7 319,2 | 1 884,7 | 34,7% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 2 749,9 | 4 321,8 | 1 571,8 | 57,2% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 1 985,0 | 3 062,5 | 1 077,6 | 54,3% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 1 363,7 | 2 413,8 | 1 050,1 | 77,0% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 1 079,3 | 2 185,2 | 1 105,9 | 102,5% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 2 285,0 | 2 181,8 | -103,2 | -4,5% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 896,6 | 1 413,1 | 516,5 | 57,6% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 800,1 | 904,9 | 104,7 | 13,1% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 631,7 | 804,1 | 172,5 | 27,3% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 286,0 | 443,6 | 157,6 | 55,1% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 245,1 | 424,7 | 179,6 | 73,3% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 224,9 | 214,8 | -10,1 | -4,5% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 29,3 | 61,8 | 32,5 | 111,1% |
| Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 32,8 | 7,5 | -25,3 | -77,2% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 100,0% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 118,8 | 78,1 | -40,7 | -34,3% |




## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (МЛН. СОМОНӢ)

| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2024 | 31.03.2025 | ФОИДА/ЗАРАР Тағйирот нисбати 31.03.2024 номиналӣ | нисбӣ |
|---|---|---|---|---|
| ҶСК "Ориёнбонк" | 10,0 | 190,5 | 180,5 | 1797,8% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 75,7 | 118,8 | 43,1 | 57,0% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 40,9 | 85,0 | 44,0 | 107,6% |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 32,4 | 36,3 | 3,9 | 12,2% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 14,0 | 30,2 | 16,3 | 116,6% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 7,3 | 30,0 | 22,6 | 308,8% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 12,6 | 29,3 | 16,7 | 132,7% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 6,5 | 14,3 | 7,8 | 120,6% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 10,8 | 12,7 | 1,9 | 17,7% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 8,2 | 11,1 | 3,0 | 36,2% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 8,4 | 5,7 | -2,7 | -32,0% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 0,5 | 2,2 | 1,7 | 340,3% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 0,2 | 2,0 | 1,8 | 1123,8% |
| Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 0,6 | 0,7 | 0,1 | 14,9% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 0,0 | -3,6 | -3,6 | -100,0% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | -0,1 | 2,9 | 3,0 | 2338,5% |



## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (ҲАЗОР СОМОНӢ)

| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 31.03.2024 | 31.03. 2025 | ◙ ДОРОИҲО<br>Тағйирот нисбати 31.03.2024 (бо маблағ) | (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 333 138,7 | 305 843,5 | -27 295,2 | -8,2% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 183 359,9 | 242 532,0 | 59 172,1 | 32,3% |
| ҶДММ "ТС Бима" | 207 052,1 | 221 112,1 | 14 060,0 | 6,8% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 87 589,7 | 70 476,2 | -17 113,5 | -19,5% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 60 496,1 | 58 451,6 | -2 044,5 | -3,4% |
| ҶДММ “Бохтар Иншуренс” | 0,0 | 20 000,0 | 20 000,0 | - |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 13 882,0 | 17 619,3 | 3 737,3 | 26,9% |
| ҶДММ "ТС "Муин"" | 16 385,0 | 16 705,9 | 320,9 | 2,0% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 7 506,1 | 9 172,8 | 1 666,7 | 22,2% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 13 324,9 | 7 918,8 | -5 406,1 | -40,6% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 4 205,5 | 5 884,4 | 1 678,9 | 39,9% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 5 574,3 | 5 478,5 | -95,8 | -1,7% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 4 983,8 | 4 110,2 | -873,6 | -17,5% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 2 580,4 | 3 154,2 | 573,7 | 22,2% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 4 795,4 | 2 351,2 | -2 444,2 | -51,0% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 1 553,6 | 2 134,8 | 581,2 | 37,4% |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" * | 3 124,0 | 0,0 | -3 124,0 | - |
| **Ҳамагӣ** | **949 551,6** | **992 945,6** | **43 394,0** | **4,6%** |

**Эзоҳ:** *Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 10.02.с.2025, №27 иҷозатномаи ФС №0000023 ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" бинобар сабаби барҳамдиҳии ихтиёрӣ бекор карда шуд.



## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (ҲАЗОР СОМОНӢ)

**◘ УХДАДОРИҲО**

| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 31.03.2024 | 31.03. 2025 | Тағйирот нисбати 31.03.2024 (бо маблағ) | (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶДММ "ТС Бима" | 186 275,0 | 141 628,7 | -44 646,3 | -24,0% |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 73 938,9 | 97 547,7 | 23 608,8 | 31,9% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 32 030,4 | 42 198,5 | 10 168,1 | 31,7% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 26 152,8 | 27 163,1 | 1 010,3 | 3,9% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 49 685,6 | 25 726,5 | -23 959,1 | -48,2% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 6 274,8 | 11 338,7 | 5 063,9 | 1,8 мар. |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 10 853,0 | 5 911,0 | -4 942,0 | -45,5% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 2 998,3 | 4 446,7 | 1 448,4 | 48,3% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 2 315,3 | 3 527,0 | 1 211,7 | 52,3% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 2 966,8 | 2 748,5 | -218,3 | -7,4% |
| ҶДММ "ТС "Муин"" | 2 375,6 | 1 032,9 | -1 342,7 | -56,5% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 1 730,9 | 870,7 | -860,2 | -49,7% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 451,8 | 697,8 | 246,0 | 54,5% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 36,3 | 124,8 | 88,5 | 3,4 мар. |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 3 002,4 | 65,0 | -2 937,4 | -97,8% |
| ҶДММ “Бохтар Иншуренс” | 0,0 | 0,0 | 0,0 | - |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 335,0 | 0,0 | -335,0 | - |
| **Ҳамагӣ** | **401 422,8** | **365 027,6** | **-36 395,2** | **-9,1%** |



## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (ҲАЗОР СОМОНӢ)

◙ САРМОЯ

| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 31.03.2024 | 31.03. 2025 | Тағйирот нисбати 31.03.2024 (бо маблағ) | Тағйирот нисбати 31.03.2024 (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 259 199,8 | 208 295,8 | -50 904,0 | -19,6% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 157 207,1 | 215 368,9 | 58 161,8 | 37,0% |
| ҶДММ "ТС Бима" | 20 777,1 | 79 483,4 | 58 706,3 | 3,8 мар. |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 55 559,3 | 28 277,7 | -27 281,6 | -49,1% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 10 810,5 | 32 725,1 | 21 914,6 | 3,0 мар. |
| ҶДММ “Бохтар Иншуренс” | 0,0 | 20 000,0 | 20 000,0 | - |
| ҶДММ "ТС "Муин"" | 14 009,4 | 15 673,0 | 1 663,6 | 11,9% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 7 607,2 | 6 280,6 | -1 326,6 | -17,4% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 5 190,8 | 5 645,8 | 455,0 | 8,8% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 3 252,9 | 3 239,5 | -13,4 | -0,4% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 2 607,5 | 2 730,0 | 122,5 | 4,7% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 2 128,7 | 2 456,4 | 327,8 | 15,4% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 1 793,0 | 2 286,2 | 493,2 | 27,5% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 1 517,3 | 2 010,0 | 492,7 | 32,5% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 2 471,9 | 2 007,8 | -464,1 | -18,8% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 1 207,2 | 1 437,7 | 230,5 | 19,1% |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 2 789,0 | 0,0 | -2 789,0 | - |
| **Ҳамагӣ** | **548 128,8** | **627 917,9** | **79 789,1** | **14,6%** |



## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (ҲАЗОР СОМОНӢ)

### ◘ ВОРИДОТИ МУКОФОТ

| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 31.03.2024 | 31.03.2025 | Тағйирот нисбати 31.03.2024 (бо маблағ) | Тағйирот нисбати 31.03.2024 (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 25 895,8 | 38 986,6 | 13 090,7 | 50,6% |
| ҶДММ "ТС Бима" | 52 155,1 | 24 989,4 | -27 165,7 | -52,1% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 13 735,1 | 21 701,2 | 7 966,1 | 58,0% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 14 319,4 | 13 833,8 | -485,6 | -3,4% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 14 162,6 | 7 606,7 | -6 555,9 | -46,3% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 2 902,8 | 1 979,4 | -923,4 | -31,8% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 3 036,0 | 1 874,4 | -1 161,6 | -38,3% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 3 424,0 | 1 389,1 | -2 034,9 | -59,4% |
| ҶДММ "ТС "Муин"" | 1 262,1 | 817,0 | -445,1 | -35,3% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 346,6 | 517,7 | 171,1 | 49,4% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 286,2 | 358,2 | 72,0 | 25,2% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 1 601,5 | 328,9 | -1 272,6 | -79,5% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 23,9 | 31,5 | 7,6 | 32,0% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 181,2 | 0,0 | -181,2 | - |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | - |
| ҶДММ “Бохтар Иншуренс” | 0,0 | 0,0 | 0,0 | - |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | - |
| **Ҳамагӣ** | **133 332,3** | **114 413,9** | **-18 918,4** | **-14,2%** |



## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (ҲАЗОР СОМОНӢ)

### ◘ ПАРДОХТҲОИ СУҒУРТАВӢ

| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 31.03.2024 | 31.03. 2025 | Тағйирот нисбати 31.03.2024 | |
|---|---|---|---|---|
| | | | (бо маблағ) | (бо фоиз) |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 63,6 | 6 545,6 | 6 482,0 | 103,0 мар. |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 1 917,2 | 2 778,2 | 861,0 | 44,9% |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 567,5 | 1 919,5 | 1 352,0 | 3,4 мар. |
| ҶДММ "ТС Бима" | 947,4 | 1 288,7 | 341,3 | 36,0% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 805,7 | 871,4 | 65,7 | 8,2% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 485,9 | 503,4 | 17,5 | 3,6% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 181,9 | 356,2 | 174,3 | 95,8% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 119,3 | 119,3 | 0,0 | - |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 131,9 | 75,2 | -56,7 | -43,0% |
| ҶДММ "ТС "Муин"" | 55,6 | 62,9 | 7,3 | 13,1% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 15,5 | 20,3 | 4,8 | 31,2% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 0,4 | 21,2 | 20,8 | 53,0 мар. |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 52,5 | 0,0 | -52,5 | - |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | - |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | - |
| ҶДММ “Бохтар Иншуренс” | 0,0 | 0,0 | 0,0 | - |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 0,4 | 0,0 | -0,4 | - |
| **Ҳамагӣ** | **5 344,8** | **14 562,0** | **9 217,2** | **2,7 мар.** |



| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 (АДАД) | | | ◙ ШАРТНОМАҲО | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **31.03.2024** | **31.03. 2025** | **Тағйирот нисбати 31.03.2024 (бо адад)** | **(бо фоиз)** |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 261 944 | 339 131 | 77 187 | 29,5% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 132 872 | 178 130 | 45 258 | 34,1% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 81 871 | 56 727 | -25 144 | -30,7% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 4 957 | 12 596 | 7 639 | 2,5 мар. |
| ҶДММ "ТС Бима" | 6 371 | 10 740 | 4 369 | 68,6% |
| ҶДММ "ТС "Муин"" | 2 499 | 8 875 | 6 376 | 3,6 мар. |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 542 | 640 | 98 | 18,1% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 51 | 235 | 184 | 4,6 мар. |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 201 | 102 | -99 | -49,3% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 184 | 66 | -118 | -64,1% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 17 | 46 | 29 | 2,7 мар. |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 44 | 31 | -13 | -29,5% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 14 | 26 | 12 | 85,7% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 511 | 0 | -511 | - |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 0 | 0 | 0,0 | - |
| ҶДММ “Бохтар Иншуренс” | 0 | 0 | 0,0 | - |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 0 | 0 | 0,0 | - |
| **Ҳамагӣ** | **492 078** | **607 345** | **115 267** | **23,4%** |

# ЛИБОСИ МИЛЛӢ –
# ТАҶАССУМГАРИ СИМО ВА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ















***Бо шоми сипеду ранги зебои чакан,***
***Гулрез бувад ваҷаб-ваҷаб хоки Ватан.***

*«Мо бояд сидқан, фақат бо забон не, аз сидқи дил Ватанамонро дӯст дорем. Забону фарҳанги худро, анъанаҳои миллии худро дӯст дорем. Сару либосҳои миллиамонро дӯст дорем».*

*Эмомалӣ Раҳмон*

